www.komron.info

Рўзиева Мавлюда Давроновна, Исломов Субҳон, Обидова Клара Ҳакимовна

ТЕХНОЛОГИЯ
СИНФИ 5

(БАРОИ ДУХТАРОН)

Душанбе - 2007.

www.komron.info

Муқаддима

Китобе, ки Шумо дар даст доред усули ҷиҳози ошхона, асбобу анҷоми барқӣ, зарфҳои таомхӯрӣ,тайёр намудани таомҳо, хуришҳо, тарҳҳои эҷодӣ, истифодаи оқилонаи он, қоидаҳои ороиши таом ва миз, корҳои тароҳи (конструксионӣ), намунасозиро меомӯзед. Шумо бо дӯхтани гиреҳҳоиҳои дастӣ бо намуди нахҳо ва матоъҳо шинос шуда ва аз онҳо буридани пешдоман, каллапӯш, рӯймол, остинча, ҷиҳакҳо меомӯзед.

Барои он, ки маҳсулоти дӯхтаи Шумо зебо ва сифати баланд ва ба талабот ҷавобгӯ бошад, Шумо бояд дониш, малака ва маҳорати махсус оиди технологияи коркарди либоси занона дошта бошед.

Ба ғайр аз ин дар китоб аломатҳои шартӣ гузошта шудааст.

- саволу супориш.
- қоидаҳои бехатарӣ.
- инро дар хотир доред.
- маслиҳатҳои муфити кадбону.
- оё шумо медонед?

Бо дастони худ дӯхтан ва пухтанро аз худ мекунанд, ки раванди эҷодкорӣ мебошад.

Мундарича

Машғулияти муқаддимавӣ _____
Боби 1 Интерери ошхона.
§1. Ҷиҳози ошхона ва хонаи хӯрокхӯри _____
Боби 2 Технологияи тайёр кардани хӯрокҳои миллӣ.
§2 Технологияи пухтани хӯроки миллӣ._____
§3. Ахамияти сабзавот барои организми одам ва таркиби ғизогии он. _____
§4. Навъҳои сабзавот._____
§5. Мафҳуми коркарди гармии сабзавот._____
§6. Тарз ва тариқи резакунии сабзавот._____
§7. Одоби сари дастурхон._____
§8. Ороиши дастурхон барои хӯрокҳои тайёршуда._____
§9. Тарзи гуногуни тайёр кардани хӯрок аз сабзавот таоми якум._____
§10. Таоми дуюм аз сабзавот. _____
§11. Таоми дуюм аз сабзавот барои гарнир._____

Боби 3 Захира кардани масолеҳи хӯрокворӣ.
§12. Захира кардани маҳсулоти хӯрокворӣ намак ва туруш кадани сабзавот
Боби 4 Унсурҳои матоъшиносӣ.
§13. Технологияи таёр кардани матоъ. - пахта ва зағир _____
§14. Хосияти матоъҳои пахтагин ва зағирин_____
Боби 5 Касбу ҳунари миллӣ

www.komron.info

§15. Технология корҳои дасти - гиреҳҳои оддӣ_____
§16. Маълумоти мухтасар дар бораи кашидадӯзӣ_____

Боби 6 Унсурҳои мошинашиносӣ
§17. Таъинот ва сохти мошинашиносӣ дарздӯзии дастӣ_____
§18. Қоидаи ба кор омода кардани мошинаи дарздӯзӣ_____
§19. Усулҳои кор бо машинаи дарздӯзӣ _____

Боби 7 Технологияи чокбурӣ
§20. Ба нақшагирии либоси махсус бо унсурҳои амсиласозӣ ____
§21. Кашидани тарҳи маснуот_____
§22. Тайёр кардани андоза ва сохтани қолаб_____
§23. Технологияи чокбури ва дӯхтани либоси махсус _____
§24. Ба коркард тайёр кардани ҷузъҳои пешдоман_____
§25. Технологияи коркарди пешдоман_____
§26. Тасма миёнбанд ва гарданбанд_____
§27. Коркарди кисса_____
§28 .Пурра дӯхтани маснуот_____
§29. Технологияи коркарди остинча_____

Боби 8 Тарҳҳои эҷодӣ
§30 Тарҳи эҷоди доир ба дӯхтани пешдомани ороишӣ (кунҷакдор)____
§31 ҳисоби иқтисодӣ_____ _____
Боби 9 Нигоҳубин ва таъмири либос
§32 Таъмири либос_____
Боби 10 Гигиенаи духтарон
§34. Шустани мӯй ва тарзи молидани ӯсма_____

Бобби 1. Интерери ошхона.
§1. Ҷиҳози ошхона ва хонаи хӯрокхӯрӣ

Ҷиҳоз (интерер)-и ошхона ин фазои дохилии ошхона, ки бо асбобу анҷоми мураттаб оро дода шудааст.
Матбах гуфта ошхона ва ё хонаи хӯрокхӯриро меноманд. Матбах, дар хонаҳои замонавӣ аз рӯи таъинот ва истифода якчанд вазифаро иҷро мекунад. Дар матбах ғайр аз хӯрокпазӣ, боз дигар корҳои рӯзғор, ба монанди дарзмолкунӣ, дарздӯзӣ ва корҳои хурди гуногуни хоҷагӣ низ иҷро карда мешавад. Вобаста ба таъинот ва таҷҳизоту истифода матбахҳо махсус барои таомпазӣ ва ҳам таомпазию таомхӯрӣ мешаванд.
Дар матбахе, ки ҳам ҷои хӯрокпазӣ ва ҳам ҷои таомхӯриро иҷро мекунад, бояд барои дар як вақт, якҷоя хӯрок хӯрдани аҳли оила мизи хӯрокхӯрӣ гузошта шуда бошад.

Аз корҳои матбах хӯрокпазӣ ва шуста ғундоштани дегу косаю табақ меҳнату вақти зиёдеро талаб мекунад. Соҳибхона ҳангоми хӯрокпазӣ асосан рост истода кор мекунад.

Ботартиб гузоштани асбоби рӯзғор дар матбах вақти кориро сарфа карда, меҳнатро хеле сабук мегардонад.

Бинобар ин ҷобаҷогузории ҷиҳози матбах ва таҷҳизоти он амалан зарур аст. Дуруст ба роҳ мондани кор ва бештар истифода намудани техникаи рӯзғор вақти хӯрокпазиро 1,2-1,5 маротиба кӯтоҳ мекунад.

Ҷобаҷогузории таҷҳизоти матбах

Бояд дар матбах ҳар як ҷузъи ҷиҳози он ҷой ва макони аниқи худро дошта бошад. Аз ин рӯ тартиби ҷобаҷогузории ашёҳои матбах вуҷуд дорад. Таҷҳизоти матбахро ба тартиби зерин гузоштан ба мақсад мувофиқ аст: яхдон, ҷои зарфшӯӣ, ҷевони корӣ, миз, манқали (плитаи) газ, барқи, мизи хӯрокхӯрӣ. ҳангоми кор аз чап ба рост ҳаракат намудан қулайтар аст.
Мебел ва дигар ашёи матбахро ба якдигар зич ва дар як қатор гузоштан беҳтар аст. Масофаи байни таҷҳизоти асосӣ ва девори муқобил (ё таҷҳизоти иловагии рӯбарӯ) бояд аз 110 см камтар набошад. Агар ҳаҷм ва тарҳи матбах имконият диҳад, таҷҳизотро дар кунҷи байни 2 девори ба ҳамдигар перпендикуляр ҷой додан мумкин аст, ки инро ҷобаҷогузории кунҷӣ низ мегӯянд.
Дар ин маврид миз – ҷевони кунҷиро низ истифода бурдан лозим аст Дар матбахҳои дарозрӯя таҷҳизотро қад-қади деворҳои ба ҳам муқобил мегузоранд. Он гоҳ ашёи асосӣ, зарфшӯяк, миз – ҷевони корӣ ва плитаи таомпазиро дар як қатор ҷойгир мекунанд. ҳангоми дар матбах ҷой додани мизи хӯрокхӯрӣ ва дигар ҷиҳози иловагӣ, гузоштани роҳрав барои гузаштан ва дар сари миз нишастани одамон мувофиқи мақсад аст, вагарна ҷиҳози изофагӣ матбахро танг ва озодона кор карданро душвор мегардонад.

Ороиши матбах (Ошхона)

Дар вақти ороиш ва интихоби ранги таҷҳизоту асбобу анҷом на танҳо ба самти матбах ва манбаи равшании табии он бояд диққат дод, балки таъсири нури инъикосшавандаро ба ранги хӯрокворӣ, расм, масолеҳ ва ашёи матбах низ ба назар бояд гирифт, вагарна кор дар матбах касро хаста намуда, ба чашм зарар меорад. Матбахро чунон бояд пардоз дод, ки сари чанд вақт онро бо латтаи тар пок кардан мумкин бошад. Барои ориши девори матбах аз рангҳои равғанӣ, обию эмулсионӣ, гулқоғаз (обой)-ҳои намногузар ё плёнкагӣ, ки махсус барои ошхонаҳо таъин шудаанд, истифода бурдан мумкин аст.
Вақтҳои охир масолеҳи ҳозиразамони пластикиро, ки хосияти ба намиву гармӣ тобовар ва муҳимтар аз ин хусусияти гигиенӣ низ доранд, ба таври васеъ дар ороишу рӯйкашкунии девору сақфи матбах ба кор мебаранд.
Қитъаи байни ҷевони рӯи фарш ва ҷевони деворирро бо масолеҳи бадошти ба гармию нами тобовар ва таркиби кимёвиаш устувор (кошиҳои сафолин сирандуд) плостикҳою гулқоғазҳои ороишӣ, кошиҳои чӯбу тахтаи сирдор рӯйкаш мекунанд. Деворҳои матбах то 2,5-2,7 м баланд бошад, онҳоро ранг кардан ё бо қоғазҳои девории намногузар ё пластикаҳои ҳозиразамон рӯкаш намудан мумкин аст.

www.komron.info

Ба фарши матбах масолеҳи зудтозашаванда ва нолағжону садонишон мечаспонад. Агар барои рӯйкаши фарш кошиҳо ё линолеуми рангаш равшан истифода шуда бошад, мебели матбахро низ бо чунин ранг ороиш медиҳанд, ранги фарш дар ҳама ҳолат баландтар шавад хуб аст. Тирезаи матбахро бештар бо рангҳои нарму гуворо ранг медиҳанд.

Расми 1
а – ҷойгиршавии мебел, яхдон ва мошини ҷомашӯй
б – ҷойгиршавии манқали газӣ, барқӣ, ҷойи зарфшӯй
в – ҷойгиршавии мизи хӯрокхӯрӣ ва курсӣ
г – ороиши пардаи хонаи хӯрокхӯрӣ
д - намудҳои ороиши пардаи хонаи хӯрокхӯрӣ

Мебели матбах

Андозаи баъзе ҷузъҳои алоҳидаи таҷҳизот ва мебели матбах на танҳо ба намуди коре, ки дар онҳо ичро мешавад, балки бояд ба қади кадбону низ мувофиқ бошад. Масофаи байни ҷевони деворӣ набояд аз 45 см кам бошад. Рафи болоии ҷевони деворӣ бояд аз фарш дар баландии 190 см гузошта шавад. Баландии аз ҳама мувофиқ барои ҷиҳози матбах 210 см аст. Аз ин баланд фақат ҷевонҳоеро гузоштан даркор аст, ки дар онҳо чизҳои камистифодашавандаро ҷой медиҳанд, миз – ҷевонҳои рӯифаршӣ, ки баландиашон 85 см аст, сатҳи ҳамвор дошта, барои тозаю реза кардани масолеҳи хӯрок, тайёр кардани хӯроки сард, таомкашӣ пешбинӣ шудаанд. Дар қабати поёни миз-ҷевон зарфҳои калонҳаҷм, мошину аппарат ва ҳар гуна асбобу анҷоми матбах (дастурхон, сачоқ ва ғайраро мегузоранд.
Миз-ҷевонҳо ғалладонҳои пластмасӣ, тахтачаи маҳсулотрезакунӣ, маснуот барои нишаста кор кардан муҳайё бошад. Дар зери зарфшӯяк ҷевони иловагӣ сохта, ба дарунаш сатили партов гузоштан мумкин аст. Дар деворҳои паҳлӯии ҷевони зери зарфшӯяк зарфҳои симтӯрӣ меовезанд ва бо онҳо олоти рӯбичин, шустушӯ ва тозакунӣ мегузоранд. Ҷевони девории дар болои зарфшӯяк ҷойгиршуда аз рафу тагмонаки сими пластикӣ ва табақмонак ибрат буда, барои хушконидани зарфҳо истифода мешавад. Маҷмӯи мебели ҳозиразамони матбахро (бо хоҳиши хонадон) бо зарфшӯяк, ҳавотозакунак, чароғи деворӣ, соатҳои электромеханикӣ, таймер ва кондинсионер мураттаб месозанд.
ҳавотозакунакро асосан ба ҷевони девори насб карда бар болои плитаи барқӣ ё газ мегузоранд.
Чароғи девории лампаи люминессентӣ ё лампаи тафсониши нургардондоштаро дар девор ё ба болои девори ҷевон насб мекунанд.
Агар дар матбах бо мақсади хӯрокхӯрӣ миз (андозашон 60х110 см ё 80х120 см) гузоранд истифодаи курсиҳои бепушт (чорпоя) тавсия карда намешаванд, чунки дар онҳо кас бо фароғат нишаста наметавонад ва зуд хаста мешавад. Дар матбахҳои на он қадар калон мизҳои васеъшаванда ва ҷамъшавандаро истифода бурдан лозим аст. ҳамчунин миз-гӯшаҳои махсусро дар матбахҳои калон мондан мумкин аст.

Гигиенаи ошхона ва хонаи хӯрокхӯрӣ

www.komron.info

Тозагӣ ва нигоҳубини муттасили матбах ин ба тарзи ҳаёти солим мусоидат мекунад ва аз маданияти соҳибхоназану аҳли оила гувоҳӣ медиҳад. Се намуди рӯбучин ва тоза нигоҳ доштани матбах (ошхона) мавҷуд аст:

Тозакунии ҳаррӯза, ҳарҳафтаина ва бахшида ба ҷашнвораҳою идҳо, ки онро тозакунии куллӣ (генералӣ) низ номидан мумкин аст. Ҳар яке аз ин намудҳои тозакунӣ аз тоза кардани ҳавои матбах сар мешавад. Саҳар ва бегоҳӣ оинаҳои матбахро кушода мемонанд, то ки ҳавои ошхона тоза шавад ва баъд асбобу анҷоми ошхона ва рӯзғорро шуста, ба рафҳо ҷо ба ҷо менамоянд.

Баъди рӯбучин кардан, ҷиҳози чанголудро пок мекунанд, баъд фарши матбахро мешӯянд. Дар вақти тозакунӣ болои таом ва озуқавориро мепӯшанд. Сарпӯши сатили партов бояд доим пӯшида бошад. Зарфҳо ва табақчаи ифлосро ғун карда намемонад. Барои он ки дар матбах ва умуман манзил магас, нонхӯрак ва хояндаҳо пайдо нашаванд, болои хӯрок ва зарфҳои ношустаро пӯшида, хӯроки боқимонда ва партовҳои ошхонаро сари вақт партофтан лозим аст.

Болои плитаи таомпазӣ ва зарфшӯякҳоро бояд зуд-зуд пок карда истодан лозим аст. Бо чӯткаи намнок ва ё латтаи нам бояд ҳафтае 1 маротиба матбахро тоза намуд, агар дар хона кӯдакҳои ширхӯр бошанд, ин навъи тозакуниро ҳар рӯз бояд гузаронд. Дар ин кор чангкашак ё чӯткаи махсуси мӯйдорро барои тоза кардани мебели ошхона истифда намудан мувофиқи матлаб аст.

Бо латтаи хушк ё каме нам қабурғаҳои гармидиҳанда (батарея), пештахтаи тиреза, дар ва дастакҳои дарро тоза менамоянд. Фаршро бо маҳлули собундор ё маҳлули махсус мешӯянд ва онро тез-тез нав кардан лозим аст.

Тозакунии кулли (генералӣ)-ро бояд аз 3 то 5 бор дар 1 сол иҷро намудан зарур аст. Тозакунии куллӣ дар ҳама ҷои матбах гузаронида мешавад. Он аз нав кардани қоғазҳои ҷевони матбах сар шуда, то тозакунии панҷараҳои ҳавотозакунак ва гирду атрофи лӯлаҳои обгузар идома меёбад. Асбобу зарфҳои ҳамаи ҷевонҳоро гирифта, тоза шуста, хушк карда мегузоранд. Ҷевонҳоро ҳам пок мекунанд ва 3-4 соат ҳавои матбахро тоза мекунанд. ҳамаи асбобу анҷомҳо ва таҷҳизотро ба куллӣ тоза ва пок менамояд.

Тоза кардани дару шишаи тиреза дар охир иҷро мешавад. Беҳтар мешавад агар шишаи тиреза ва дарро дар ҳавои салқин саҳарӣ ё бегоҳ тоза кунед. Аввал бо латтаи мулоим роми дару тирезаро мешӯянд, баъд пештахтаву шишаи тирезаро бо маҳлули махсус мешӯянд. Шиша ва ромҳои тирезаро бо оби мӯътадил ё ширгарм шуста, баъд бо оби хунуки тоза боз мешӯянд. Шишаи тирезаро дар вақти пок кардан аз тарафи дигари он бо равиши амудӣ пок менамоянд. Ин роҳ барои тоза шудани шиша мадад мерасонад. Шишаро то ҷило доданаш бо қоғаз ё матоъҳои мулоим пай дар пай тоза мекунанд. Плитаҳои газ ё барқиро бомаҳлули махсус мешӯянд.

Дар синфхонаҳои технологияи мактаби (духтарон) таомпазӣ ва иҷрои корҳои амалиро дар мизи корӣ бо истифодаи ҷойҳои шустушӯй ва асбобҳои гармикунӣ мегузаранд. Бинобар ин ташкили ҷои кор вобаста ба кор муайян карда мешавад.

Дар мизи корӣ бояд маҳсулотро бо тартиб ва қулай ҷо ба ҷо гузошта ҳолату гузориши асбобу анҷомҳоро бояд ба назар гирифт.

www.komron.info

Расми 2. Намудҳои асбобҳои ошхонагӣ

Барои тайёр кардани таом на фақат ташкили ҷои корӣ, балки ҳолати иҷрои кор низ муҳим аст. Дар назди мизи корӣ бояд қоматро рост нигоҳ дошта истодан лозим.
Пеш аз коркарди технологии маҳсулот бояд асбобу анҷомҳои лозимиро интихоб намоем.

Талаботи санитарию гигиенӣ барои ошхона ва хонаи хӯрокпазӣ.

Ҳангоми пухтани хӯрок ба қоидаҳои санитарию гигиенӣ бояд риоя кард.

1. Пеш аз хӯрокпазӣ ё тайёр кардани хӯрок дастонро бо собун маҳлул ё хокаҳои махсус шустан зарур аст.
2. Либоси корӣ (пешдомон) бояд тоза ва озода бошад, мӯйро ба таги рӯймол ё каллапӯш гиирфтан беҳтар аст.
3. Ба тарзи шустушӯи зарфҳои ошхона ва хонаи хӯрокхӯрӣ диққати ҷиддӣ бояд дод. Бисёр вақт на танҳо масолеҳи бадсифат, балки ҳолати зиддисанитарии ошхона, асбобу анҷоми хӯрокпазӣ, бепарвоии беэҳтиётӣ ва бедиққатӣ, ки соҳибхоназан ё хонандагон, вақти тайёр кардани хӯрок зоҳир мекунанд, сабаби беморихои шикаму рӯда ва захролудшавӣ мегардонад. Маҳсулотро пешакӣ хеле бодиққат аз назар гузаронидан лозим аст.
4. Корду тахтачаҳоро бо оби гарм нағз шустан лозим аст. Барои пора кардани гӯшт, хамир тахтачаи алоҳида доштан лозим аст.
5. Меваю сабзавотро низ дар оби равон якчанд бор шустан зарур аст. Таоми навпухтагиро бо таоми пешпухтагӣ ҳамроҳ кардан мумкин нест.
6. Зарфҳо (косаю табақро) дар ҷевонҳои дарпӯш нигоҳ доштан даркор аст.
7. Партовро ба партовҷои сарпӯшдор рехтан ва зуд онро партофтан лозим аст.
8. Ҳатман баъди партофтани партоф шустани зарфи онро шустан даркор аст.
9. Барои тайёр намудани хӯрок аз маҳсулоти тару тоза ва ё нағз нигоҳдошташуда истифода баред ва пеш аз пухтан ин маҳсулотро тоза шӯед.

Расми 3. Талаботи санитарию гигиени дар ошхона
1. Вайроншавии хӯрок.
2. Сифатнок нигоҳ доштани хӯрок.

Қоидаи бехатарии кор ҳангоми истифодаи манқали газӣ ва барқӣ

1.Пеш аз даргирондани манқал аввал калитакҳоро ҳатман муоина карда, ошхонаро шамол диҳед.
2.Манқалро тавре даргиронед, ки то алангаш баробар ва кабуд бошад.
3.Пас аз ба ҷӯш омадани хӯрок алангаро пастар кунед.
4.Манқали даргиронидаро бе назорад нагузоред.
5.Манқали барқиро дар ҷои ба оташ тобовар бояд гузошт.
6.Пеш аз васли манқал бандашро бояд аз назар гузаронед.
7.Чангаки калиди барққушоӣ манқал ва мурватҳои чангак бояд то охир даромада бошад ва ҳатман бо дасти хушк васлу қатъ бояд кард.
9.Пас аз анҷоми кор қатъ кардани манқалро зинҳор фаромӯш набояд кард.

Намудҳои манқал

Акнун ба корҳои ошхона шинос мешавем ва онҳоро иҷро мекунем, чунки шумо дар ошхона ҳуқуқи якхела барои озода нигоҳ доштан доред.

Биёед, акнун ба назди манқал равем. Плитаҳо ё манқалҳои газӣ, барқии замонавӣ (микроволновое печ) ва ғайра мешаванд. Аз ҳама манқали паҳнгашта ин плитаи гази табиӣ мебошад.

Истифодаи он эҳтиёткорӣ ва бодиққатиро тақозо менамояд. Дар вақти истифодабарии газ ҳамеша дар зери назорат бошад. Даҳона (камфорка)-и сӯзишгоҳ агар тоза бошад газ пурра месӯзад. Агар шумо ба чойҷӯш об мондан хоҳед, онро бо об пур накунед. Агар дар чойҷӯш об пурра бошад, об ҷӯшида ба болои плита мерезад оташро мекушад, аммо газ баромадан мегирад, он гоҳ ба амал омадани ҳодисаи нохуш аз эҳтимол дур нест. Агар дар ошхона бӯи газро ҳис кунед он гоҳ аввал калитакҳои газпайвасткуниро қатъ кунед ин ҳолат даричаи тирезаро кушоед ва ҳавои онро тоза кунед. ҳеҷ гоҳ гӯгирдро дар нагиронед, ки таркиши гази тӯдашуда ба амал меояд.

Бинобар ин дар вақти муносибат бо манқали газӣ эҳтиёткор бошед. Имрӯзҳо манқалҳои гази бо системаи муайян коркунанда низ мавҷуданд, ки дар он тамзинкунандаи автоматӣ васл шудаанд ва чунин навиштаҷот доранд: «Qas-conteo». Агар оташ бо сабабе хомӯш шавад, он гоҳ ба автоматӣ тариқи интиқоли газ дар манқал қатъ мешавад. Ин ҳолати бехатарии корро дар плитаи газӣ таъмин мекунад. ҳангоми кор даҳонаи дар ошхона ба ин нуктаҳо аҳамият дода, эҳтиёт шудан лозим аст. Ба болои сӯзишгоҳ аз ҳад зиёд ҳам нашавед чойники вазнинро ба канори плитаи барқӣ нагузоред ва доимо бо дастпӯшак кор кунед. Агар нохост чойники дасташ гармро қапидеду дастатон сӯзад, он гоҳ чойникро аз худ дуртар партоед. Агар сӯзед бисёр дарди сахтро ҳис мекунед, аммо бо асбобҳои рӯзгор муносибат карданро ёд гиред. Чойникро бо дастпӯшак қапед ҳодисаи нохуш пешгирӣ мешавад. Норасоии манқали барқӣ дар он, аст, ки қувваи барқро хеле зиёд талаб мекунад ва нозукиҳои худро дорад.

Манқали барқии изолятсияаш судашударо истифода бурдан қатъиян манъ аст. Агар баъди ба шабака пайвастани манқали барқӣ гарм нашавад, онро аз шабака ҷудо намуда соз намудан лозим аст. Нуқсонҳои манқали барқиро бояд мутахассиси барқ дуруст намояд ва ё дар шароити хона ашхоси ба кори барқ сарфаҳмраванда соз карда метавонад.

Расми 4. Намуди манқалҳо.

а) Манқали газӣ

б) Манқали барқӣ

? Савол ва супориш:

1.Кадом қоидаҳои тоза нигоҳдории ошхонаро медонед?

2. Чӣ хел мебелҳоро дар ошхона интихоб бояд кард?

3. Тарзи ҷо ба ҷо гузориш таҷҳизоти матбахро дар синфхонаи технологияи амалӣ иҷро намоед.

4. Кадом намуди масолеҳи тозакуниро дар матбах истифода мебаранд, баён кунед.

5. Дар ошхона ва нигоҳубини он ба модаратон чӣ тавр ёрӣ мерасонед, гуфта диҳед.

Фикр намуда ҷавоб диҳед
Иҷро карда муайян намоед. Манқали газро бо кадом масолеҳ тоза мекунанд ва масолеҳро интихоб кунед ва манқалро тоза намоед. Гӯед, ки хокаи масолеҳи тозакунӣ чӣ фарқ дорад? Кори тоза кардагиатонро ба муаллима ё назорачӣ нишон диҳед. Ин корро бояд худатон амалӣ иҷро кунед дар мактаб дар назорати муаллима!

Боби II. **Технолоигяи тайёр кардани хӯрокҳои миллӣ.**
§ 2. Технологияи пухтани хӯроки миллӣ

Зимни омӯзиши ин боб Шумо бо ошхона ашёи ошхона ва шустушӯю дар ҷояш гузоштани асбобу анҷоми ошхона, низоми кори ошхонаҳои умумӣ ва бо касби ошпазӣ, пешхизмат, зарфшӯӣ, калкулятор, дегустатор ва ғайра шинос мешавед. Оид ба қоидаи техникаи бехатарӣ ва талаботи санитарию гигиенӣ роҷеъ ба нигоҳубини ошхонаю асбобу анҷом, қоидаи беҳдошти шахсе, ки таъом тайёр мекунад, қоидаи аҳамияти хӯроку об, нон, намаку сабзавот ва тартиби хӯрдани таом маълумоти аниқ мегиред. Мо ғайр аз дар мактаб синфхонаи пухтпаз доштан, боз дар хона ошхона дорем, ки онро бояд нигоҳубин намоем.
Ошхона манқали (плитаи) барқӣ ё газӣ, яхдон, ҷевону рафҳои махсус, мизу курсиҳо ё мебели ҷиҳози ҷои табақу косашӯӣ, яъне оби гарму хунук дошта бошад. ҳуҷрае, ки озуқа маҳфуз аст, бояд хушк ва шамолраву салқин бошад. Расми умумии ошхона ин аст, ки озуқаи дернапоянда (гӯшт, моҳӣ, ширу маҳсулоти ширӣ, кабудӣ)-ро дар яхдон, ҷойи хушк, хӯришу доруворирo дар қуттичаҳои пӯшида ё халтачаҳо андохта дар ҷевон нигоҳ медоранд.
Анҷому зарфи ошхона аз дегҳои гуногуншакл ва гуногунҳаҷм, шӯрбопазаки сирдори гуногунҳаҷм, тағорача, сатил, табақчаю коса, кафгиру кафлес, тахтачаҳо барои реза кардани гӯшти хом, пухта, нон резакунӣ барои сабзавоти хом ва пухтаро резакардан, тахтаю тираки ошӣ, сурфа, элак, нонпар, гӯштқимакунак, турбтарош, чойникҳои гуногунҳаҷм, пиёлаҳо, чойники сирдор, қошуқ, кордҳои гуногун, чангакҳо ва ғайра иборат аст.

Расми 5. **Намуди зарфҳо**
Анҷому зарфи ошхона бояд ҳамеша тоза озода бошад. Андозаву ҳаҷм ва шумораи зарфу анҷом ба ҳаҷми ошхона (матбах) ва шумораи аъзои оила бояд мувофиқат кунад.
Дар ошхона асосан таом тайёр мекунанд, ки ин яке аз соҳаҳои қадимтарини фаъолият ва касби одамон мебошад. Таомпазиро кулинария низ меноманд, ки он аз калимаи лоотинӣ гирифта шудааст.

Таомпазӣ (кулинария) – ин санъати хуштаъм, болаззат ва серғизо пухта тавонистани таом мебошад. Кулинария таърихи қадим дорад.
Сарчашмаҳои таърихӣ қайд мекунанд, ҳанӯз дар асри VII то солшумории мо мактабҳои кулинарӣ мавҷуд буданд. Тайёр кардани таом аз қадимулайём кори ифтихоромез маҳсуб мешавад. ҳар як халқу миллат бо таомҳои миллии худ дар баробари дигар расму суннату таърихаш ифтихор мекунад.

Тарзи тайёр кардани таомҳои тоҷикӣ аз авлод ба авлод мегузарад ва дар вақтҳои охир бо тараққиёти илм элементҳои хӯриши ратсионалиро ба он дохил карданд. Олими бузург ва табиби маъруфи форсу тоҷик Абӯали ибни Сино дар китоби худ «Ал-қонун» (илм доир ба шифокорӣ) 800 намуди масолеҳи хӯрокворирро ҷудо кардааст, ки ба организми одам таъсири махсус медиҳанд.

Санъати таомпазӣ (кулинария) тоҷикон таърихи ҳазорсола дорад. Бисёр ошхонаҳои бомаҳорат асрори истифодабарии махсуси намуди масолеҳро ба эътибор мегиранд, ки таъсири онҳо ба саломатӣ ва бардамии одамон мадад мерасонад. Монанди сихкабобу паловро бо анор, чормағз, кашнич, сабзавот, гӯшти говро бошад бо караму бодиринг ва турб истеъмол мекунанд. Инҳо аҳамияти махсус доранд.
Қариб дар ҳамаи хонаҳои дар деҳот ва ҳавлиҳо танӯр ҳаст, ки дар он нон ва самбӯсаҳои гӯштин, алафӣ, карамӣ, кадугин ва ғайра мепазанд. Ғайр аз ин таомҳои лагмон, тушбера, ҳулбаманту, мантуҳои гӯштин, кадугин, картошкагӣ ва ғайра тайёр мекунанд. Дар вақти истеъмоли хӯроки миллӣ хӯришҳо истифода мебаранд.

Кори амалии №1
Технологияи таёр кадани салат аз шалғамча.
Таҷҳизот: корд, тахтачаи барои сабзавоти хом, тағорача, салатдон.
Миқдори масолеҳ: 3-4 бадча шалғамча, 1 – бандча кабуди ва мувофиқи табъ намаку мурч лозим.
Технологияи таёр кардан
Шалғамчаро нағз шуста тунук-тунук мебуранд ба он пиёзи кабуд ва кабудиро майда реза карда меандозанд.
Салати тайёрро ба салатдон андохта ба кабуди оро медиҳанд.
Ба салат мувофиқи табъ чурғот ё қаймоқ, тухми пухтагӣ бо хоҳиши худ хоҳед реза карда меандозед. Салати тайёрро ба миз медиҳанд

Инро дар хотир доред
Нон – аз ҳама хӯроквории асосии инсон аст. Дар урфият мегӯянд, ки «ҳар чӣ қадар фикр накунӣ аз нону намак зиёд чизеро фикр карда намеёбӣ, ё бе намак хӯрок бемазза, ё бе нон сер намешавӣ», «Дар касалӣ офат нест, агар нон ва об бошад» ва ғайра. Намаки ошӣ – яке аз масолеҳи хӯроквории тайёр дар табиат аст. Тоҷикистон яке аз калонтарин кони намак ин кони Хоҷамӯъмин мебошад. Дар ноҳия Ашти вилояти Суғд низ кони намаки баландсифат мавҷуд аст.

? Савол ва супориш
1. Таъомпазӣ (кулинария) – чиро мефаҳмонад.
2. Хӯрокҳои миллии тоҷиконе, ки дар хонаашон бисьёртар истеъмол мекунанд номбар кунед.
§ 3 Аҳмияти сабзавот барои организми одам ва таркиби ғизогии он.
Дар вақти тайёр карданги таом як қатор амалиёти паиҳами коркарди кулинарии масолеҳ мавҷуд аст, ки онро раванди технологӣ меноманд. раванди технологии тайёр кардани таом аввал коркарди сабзавот иборат аст. Аҳамияти сабзавот ба модаҳои зудҳазм, аз

ҷумла ангиштобҳо вобаста аст. Дар сабзавотҳо витаминҳо ва намакҳои минералии барои организми инсон зарур мавҷуданд, онҳо инчунин сафеда, кислотаҳои органики гуногун ва равғани эфир доранд, ки ба ҳазми хӯрок ёрӣ мерасонанд.
Барои он ки қимати ғизои сабзавотро нигоҳ дорем, онро пеш аз пухтан дуруст тайёр бояд кард. Азбаски микробу ангезандаҳои касалиҳои сироятӣ тавассути сабзавоти хуб коркарднашуда ба организми инсон интиқол ёфтанаш мумкин аст, онро пеш аз истеъмол бо оби хунук ҳатман шустан лозим аст. Бехмева ва картошкаро баъди шустан тунук пӯст канда, ҷойҳои пӯсидаву иллатнокашро бурида мепартоянд. Бинобар ин дар таги пӯсти сабзавот ҷойгир шудани витамин ва намакҳои минералӣ онро то ҳади имкон тунуктар пӯст кандан беҳтар аст.
Дар вақти тайёр кардани таом боэҳтиёт ва сарфакорона муносибат карда, ба партови сабзавотҳоро ба мақсадҳои муайян истифода баред. Мисол, партови картошкаро барои ҳосил кардани крахмал ва партови лаблабуи сурхро барои тайёр кардани ранги хӯрокворӣ ва ё ҳамчунин хӯроки ҳайвонот истифода мебаранд.
Дар истеҳсолоти хӯроки умумӣ таомро дар сехҳои хунук гарм ва қаннодӣ тайёр мекунанд. Барои коркарди аввалин чунин машинаҳо истифода мебаранд ба навҳо ҷудо кунанда, сабзавотшӯянда, тоза ва резакунанда ва амсоли инҳо.
Хӯрок барои саломатӣ, фаъолиятмандӣ ва танзими ҳаракату ҳолати инсон ҳатмист. Таркиби хӯрок аз ҳар гуна ғизои муфид, мисли сафеда, чарбу карбогидрат, моддаҳои ба инсон зарурӣ, моддаҳои маъданӣ, обу витаминҳо иборат аст, ки барои инсон лозиманд.
Карбогидрат - таъмингари қувваи инсон буда, дар таркиби сабзавот, шираворӣ, ғалладона, асал ва қанд фаровон аст.
Сафеда – ғизои табиию бағоят муҳими организми зинда аст. Аз сафеда ҳуҷайра, бофтаҳо ва узвҳои инсон таркиб меёбанд. Сафеда ҳамчун манбаи қувва, восилаи ҳазми хӯрок ва таъвизгари моддаҳост.
Сафеда дар таркиби шир, тухм, моҳӣ, гӯшт, биринҷ ва ғайраҳо бештараст.
Чарбу - (равған) – дар ҳама ҳолатҳои мубодилааш моддаҳои фаъоли ҳаёт аст. Он организми зиндаро аз сардӣ муҳофизат менамояд. Ҳамчун воситаи асосии қувваи дар таркиб ёфтани бофтаҳо, равғани гӯшт, растанӣ ва шир тартиб меёбад. Вобаста ба синну сол, ҷинс ва фаъолияти меҳнатии инсон талаботи шабонарӯзии он ба 80-100 г равған мерасад, ки аз он 20-25 г бояд равғани растанӣ, 20 г равғани маска бошад. Равған дар аркиби бисёр маҳсулоти хӯрокворӣ вомехӯрад.

Об қариб аз 2/3 ҳиссаи вазна бадани инсонро ташкил медиҳад. Муракабтарин тағироти сершумори моддаҳои ҳуҷайра, ки боиси фаъолияти зиндагии организм мебошад, танҳо дар маҳлулҳои об ба вуҷуд омада мешавад. Агар инсон бе таом якчанд ҳафта зиндагонӣ карда тавонад, аммо бе об ҳамагӣ якчанд шабонаруз зиндагӣ карда метавонаду
халос.
Об дар ҳаёт мақоми хоса дорад. вобаста ба сину сол, вазни ҷисмонӣ ва шароити иқлими нсон дар як шабонаруз 1,5 – 2 л ва ё аз ин зиёдтар об истеъмол мекунад. об дар табиат бисьёр аст. Вай дар таркиби меваю сабзавот ва маҳсули ширӣ ба миқдори зиёд мавҷуд аст. Барои он ки таом фоидаовар шавад бояд реҷаи таомхӯриро риоя намуда, дар вақти муаян тановул кардани таом муфид аст.

www.komron.info

Расми 6. **Таркиби хӯрок.**
1. Сафеда.
2. Равғани чарбу
3. Карбогидрат
4. Об
5. Моддаҳои минерали
6. Витаминҳо

Витаминҳое, ки ба организми одам зарур аст

Витаминҳо - пайвастҳои органикӣ буда, манбаи қувва дар организми инсон ҳисобида намешаванд, лекин барои мубодилаи мӯътадили модда ва ҳаёти организм ниҳоят заруранд. Одам витаминҳоро аз хӯрокҳои гуногуни серғизо мегирад. Витаминҳо ба ҳаёти одам ва нигоҳ доштани саломатӣ кӯмак мерасонад. Худи маънои витамин аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънои Vita – ҳаёт мебошад.
Аксари витаминҳоро шартан бо ҳарфҳои лотинӣ (масалан, витаминҳои А, В, С ва ғайра) ишора мекунанд. На ҳама витаминҳои ғизоҳо устуворанд. Онҳо бо таъсири як қатор омилҳои беруна зуд вайрон мешаванд. Ғизои тару тоза назар ба ғизои консервонида сервитамин аст. Муддати зиёд нигоҳ доштани хӯрокворӣ, хушконидан ва пухтани он боиси вайроншавии витаминҳо (махсусан витамини С) мегардад.

Бинобар ин барои нигоҳ доштани витаминҳо қоидаҳои пухтупаз ва нигоҳ доштани хӯрокворирo риоя намудан лозим аст. Ҳар як витамин ба худ хос хосиятҳоро дорад.

Витамин А (ретинал) – чашмонро пурқувват ва инкишофи мӯътадили организмро таъмин менамояд.
Агар дар организм витамин А нарасад, ранги рӯй парида пӯст хушку шахшӯл шуда, дар рӯи кас ҳар гуна рихинакҳо ва думбал мебарояд. Мӯй хушк ва беҷило, нохунҳо мӯрт мешаванд.
Аломати асосии норасогии витамини А рӯшноитарсӣ ва шабкӯрӣ аст, яъне чашмонро ба хирашавӣ оварда мерасонад. танҳо маҳсулоти чорво, ҷигари ҳайвонот ва моҳӣ, тухмакҳо ва равғани он, маска ва равғани зард, панир, зардии тухм витамини А дорад.
Дар маҳсулоти растанӣ витамини А дар шакли провитаминҳо (пигменти каротиноидҳо) вомехӯрад. Мисол дар таркиби сабзӣ, помидор, қаламфур, пиёзи кабуд ва ғайра бисёранд.
Каротиноидҳоро организм дар якҷоягӣ бо равған хуб ҳазм мекунад, бинобар ин ба хӯриши сабзавот қаймоқ, майонез, ё равған ҳамроҳ мекунанд.

Витамин В1 (тиамин) дар организм барои мубодилаи мӯътадили моддаҳо (хусусан ангиштобҳо ё карбогидратҳо) зарур аст. Ҳангоми норасогии витамини кас аз ҳар чиз зуд хашмгин, хаста, ҳазми хӯрокаш душвор мешавад. тамоман ё хеле кам будани тиамин ба бемории вазнини асаб (бери-бери) сабаб мегардад. Дар охир ба паралич дучор шуда, ҳаёташ қатъ мегардад. Оқибати ин касалӣ ба марг оварда мерасонад. Ин хел касалиҳо бисёртар дар давлатҳои ҷануби ғарбии Осиё дучор мешаванд. Ин бо он вобастагӣ дорад,

ки халқҳои камбизоати ин давлатҳо таомҳое, ки витамин В1 мавҷуд аст, хеле кам истеъмол мекунанд. Витамини В1 дар таркиби ҷигар, гӯшт, ғалладона, хамирпояи
пиво, хамиртуруш ва ғайра бисёр аст. талаботи организм ба витамини В1 ҳангоми кори ҷисмонӣ ва фикрӣ, инчунин дар ҳавои хунук меафзояд.

Витамин В2 – (рибофлавин) мисли дигар витаминҳо барои инкишофи организм зарур аст. Қувваи босираро нисбати ба рангу рӯшноӣ зиёд мекунад. ҳангоми норасоии витаминҳо панҷаҳо, лабҳо мекафанд. Кунҷҳои лаб захмӣ мешавад, ҷароҳат бо зудӣ сиҳат намешавад. Витамин В2 дар хамирмоя, ҷигар, ширу маҳсулоти ширӣ бисёр аст. Ин витамин ба гармӣ устувор буда, дар рӯшноӣ ба осонӣ вайрон мешавад.

Витамин В6 – (пиридоксин) дар мубодилаи аминокислотҳо, ки қисми таркибии сафедаҳоянд, иштирок мекунанд. Норасоии витамини В6 организми кӯдакро аз қадкашӣ боз медорад, онҳо ба бемории камхунӣ, занҳои ҳомила ба газаки пӯсти рӯй, гардан, сина, сар ва ғайра гирифтор менамояд. Витамини В6 дар гӯшти моҳӣ, шир, ҷигари гов ва бисёр маҳсулоти растанигӣ мавҷуд аст.

Витамини В12 – (цианкобаламин) дар ҷараёни хунҳосилгардӣ иштирок мекунанд. Аз норасогии витамини В12 камхунӣ рӯй медиҳад. Ин витамин дар ҷигар, гурда, маҳсулоти моҳӣ, хусусан ҷигар ва тухмҳояш) бисёртар аст. Витамин В12 дар гӯшт, шир, панир, зардии тухм камтар аст.

Витамин В15 – (пангамати калсий) табиати химиявӣ ва тарзи таъсири он пурра омӯхта нашудааст. Онро барои муолиҷаи бемории атеросклероз, ихтилоли гардиши хун, гепатитҳо васеъ истифода мебаранд.

Витамин С - (кислотаи аскарбин) дар ҷараёнҳои оксидшавию барқароршавии организм аҳамияти калон дорад. Норасогии витамини С сабаби бемории зангила мешавад. Аз ҳад зиёд истеъмол кардани витамини С барои организм зараровар Буда сабаби баъзе бемориҳо мегардад. Манбаи витамини С асосан ғуҷуммева, мева ва сабзавот аст.
Витамин С дар афлесун, лимӯ, ангат бисёр Буда дар маҳсулоти чорво кам аст. Баҳорон витамин С дар пиёзи кабуд ва баъзе ғизоҳои консервӣ бисёр аст.

Витамин Д – (калсиферол) дар организм ба моддаи гормонмонанд мубаддал шуда, дар ҷараёни намакҳои калтсий ва фосфор иштирок мекунад. Витамини Д хусусан ба кӯдакони то 3-4 сола беҳад зарураст. Аз норасоии витамини Д дар организми кӯдак рахит ташаккул меёбад. Витамин Д одатан дар пӯсти одам аз таъсири нурҳои ултрабунафш ҳосил мешавад. Витамини Д-ро аз равғани ҷигари баъзе моҳиҳо
мегиранд. Витамини Д дар равғани маска ва зардии тухм, равғани моҳиҳо камтар аст. Дар маҳсулоти растанӣ тамоман нест. Доруи витаминдорро зери назорати духтур истеъмол бояд кард.

Витамин К – (филлохинон) дар ҷараёни хунбандӣ иштирок мекунад. Дар узвҳои сабзи растаниҳо (испанох, карам ва ғайра) инчунин дар сабзию, помидор мавҷуд аст. Маҳсулоти чорво (ғайр аз ҷигар) витамин К надорад.

Витамин Р – биофлавоноидҳо гурӯҳи моддаҳоянд, ки деворчаи рагчаҳои хунгузарро мустаҳкам менамоянд. Рутин ва ватин аз ҷумлаи инҳоянд. Витамин Р дар чои кабуд, лимӯ, хурмо, ангур, олу, қаламфур ва ғайра мавҷуданд. Витамин РР никотинамид кислотаи никотин дар организм барои оксидшавии биологӣ зарур аст. Дар ҷигар, гурда, гӯшт, шир, инчунин нахӯд, орди гандум зиёд аст.
Дар организми одам норасоии витамини РР ба зудмондашавӣ, беқувватӣ, бехобӣ, шамолкашии пӯст оварда мерасонад.

Витамин Е – токоферол кори мушакҳо ва ғадудҳои таносулро вусъат медиҳад. Дар равғани растанӣ, чормағзи заминӣ, ҷуворимакка, нахӯд, испанох, ҷигар, зардии тухм ва шир мавҷуд аст.

Кислотаи - фолатсин дар ҷараёни хунофарӣ иштирок ва аз камхунӣ муҳофизат мекунад. Вай кори рӯдаро мувозинат ва мӯътадил мекунад. Норасоии ин модда дар вақти кам истеъмол кардани сафеда дар таом ва истеъмоли доруҳои гуногун. Дар таркиби помидор, себ, картошка, ҷигар, гурда ва кабудӣ мавҷуд аст.
Калтсий барои мустаҳкам кардани устухон ва дандонҳо, ки дар маҳсулоти ширӣ бисёртар мавҷуд аст.

Фосфор барои афзоиш кардани устухон ва дандонҳо хизмат карда, дар маҳсулоти ширӣ бисёртар дида мешавад.

Калсий барои фаъолияти кори дил ва системаи асаб хизмат мекунад ва бисёртар дар меваю сабзавот вомехӯрад. Мисол, бисёртар дар картошка, каду, тарбуз, мавиз вомехӯрад.

Натрий асосан дар намаки ошӣ мо онро истеъмол мекунем. Лекин онро ба миқдори зиёд истеъмол кардан мумкин нест.

Оҳан барои ҳаракати хун дар организм хизмат мекунад. Норасоии оҳан дар хӯрок ба камхунӣ оварда мерасонад. Оҳан асосан дар маҳсулоти гӯштӣ мавҷудаст.

Йод барои кори мӯътадили ғадуди сипаршакл ёрӣ мерасонад, ки он ба инкишоф ва афзоиши қаду баст ва инкишофи организм ёрӣ мерасонад. Норасогии Йод ба он оварда мерасонад, ки ғадуди сипаршакл афзоиш ва калон шуда, ба касалии ҷоғар гирифтор мешавад.
Йод дар намакҳои ошӣ бисёртар дида мешавад. Намаки оширо махсус йоднок менамоянд, ки барои пешгирии бемории ҷоғар лозим аст. Моҳиҳои баҳрӣ, хурмо ва олу бештар дар таркибашон йод доранд. Истифодаи мунтазами онҳо касалиҳои ҷоғарро камтар мекунад.

Фтор барои инкишоф ва афзоиши устухон ва милк ва сири дандон лозим аст. Аз обҳои нӯшокӣ онро истеъмол кардан мумкин аст. Норасогии фтор ба касалиҳои дандон, даҳон ва милки дандон оварда мерасонад.

Расми 7. Таъсири витаминҳо дар организми инсон

Таом барои афзоиши қади одам низ лозим аст. Ба таркиби он моддаҳои шифобахши аз растанӣ ва аз ҳайвон истифодашуда сафедаҳо, равған, ангиштобҳо ва боз моддаҳои минералии ба организм зарур об, витаминҳо ва ғ дохил мешавад. Барои он ки таом муфид бошад, бояд режими таомро риоя кард ва миқдорӣ муайяни таомро дар вақти муайян тановул намуд. Дар кабинетҳои технология (духтарона) корҳои таббохӣ дар мизи корӣ бо истифодаи асбобҳои гармкунанда, шустушӯй асбобҳо дар ҷои муайян ба роҳ монда мешавад. Ташкили ҷои корӣ ба намуди кор ва интихоби таҳҷизоти муайян вобаста аст. Ба масолеҳи хӯрокворӣ боэҳтиёт ва сарфакорона муносибат кардан лозим аст. Мисол, аз нони боқимонда бисёр таомҳо тайёр мекунад. Ё ақаллан онро маҳин реза
карда дар духовка хушк кунед, бо таомҳои дуюм ва ё шакар пошида бо чой истеъмол кардан мумкин аст.

Ошпаз

Вазифаи таомпазиро ошпазҳо иҷро мекунанд. Онҳо таоми хунук, якум, дуюм, қаннодӣ, гарнирҳо, нӯшокиҳои гарм, масолеҳи нимтайёр барои таом коркарди аввали сабзавот, гӯшт, моҳӣ, мурғ ва ороиши таомҳои тайёрро иҷро мекунанд.

Барои ҳамаи ин корро тавонистан донистан ин қоидаҳо лозим аст:

Таркиби масолеҳ, таомҳои нимтайёр, меъёр ва вазифаи асосии тайёр кардани таомҳои ҳархела, риояи қоидаҳои режими технология коркард, қисмҳои таҷҳизоте, ки дар истеҳсолот ҳаст ва тарзи истифода бурдани он, малакаи кор бо таҷҳизоти ошхона ва ғ. Агар ҳамаи ин талаботҳоро иҷро намоед касби ошпазиро аз худ мекунед ва таомҳоятон болаззату фоидабахш мегардад.

Касби пешхизмат ҳам ба вазифаҳои таомпазӣ дохил мешавад. Касби пешхизмат ва вазифаҳои он иборат аст: - таомро бо маҳорат ба рӯи миз гузошта табъи таомхӯрандаро хуш мегардонад.

Оё шумо медонед?

Сарпӯши ошпаз дар Англия пайдо шудааст. Дар соли 1727 подшоҳ Георг II фармон баровардааст, ки ошпазҳо бо сарпӯш таом пазанд. Аз ҳама таоме, ки витаминҳои бисёр ва ба организми одам аҳамияти калон дорад ин ҷигар аст.

Ҷигар - аз гӯсфанд, гов в а гӯсола таоми гуногун бирён ва яхнӣ тайёр мекунанд. Дар таркиби ҷигар витаминҳои А, В, В2, В12, К, РР, Е, калстсий ва ғайра мавҷуд аст.

Кори амалии №2

Технологияи тайёр кардани таом аз ҷигар

Таҷҳизот: тахтача барои гушти хом, корд, дег, зарфҳо барои масолеҳ, плита.

Миқдори масолеҳ: 500 г. ҷигар, 100 г. равған, 4-5 дона бехпиёз, 300 г. помидори тару тоза, намак ва қаланфур мувофиқи табъ.

Рафти иҷрои кор

Роҳи 1-ум: Ҷигарбирён - ҷигарро аз парда ва раҳҳои заҳра тоза карда мешўянду колон калон намак мепошанд. Сипас бо пиёзи майда резашуда дар равған 10-12 дақиқа бирён мекунанд. Вақте, ки ҷигар хуб бирён шуд мурчу намак пошида дегро сарпўш мекунанд ва 10 дақиқа дам медиҳанд.
Вақти пухтани ҷигарро муайян намудан аҳамияти калон дорад, зеро ҷигари аз меъёр зиёд пухта шах мешавад. Мағзи ҷигар пухта ҳангоми Буридан, набояд сурхча бошад. Ҷигарюирёнро ба табақчаҳо кашида бо пиёзу помидор ба дастурхон мегузоранд.

Роҳи 2-юм: Ҷигари дар об пухта - ҷигари гўсфанд ё говро коркарди аввала гузаронида баъд онро дар об ҷўшонда, ба обаш пиёз, сирпиёз, кабуди меандозанд. Баъди пухтан ҷигарро аз дег гирифта хунук мекунанд. Ҷигарро реза карда ба табақчаҳо мегиранд ва ба рўи он намак, мурчи кўфта пошида ба дастурхон мегузорнад, обашро истифода намебаранд.

Эзоҳ: Шумо метавонед таомро ихтиёрӣ иҷро намоед.

?Савол ва супориш
1. Аҳмияти сабзавот барои организми одам чӣ вобастагӣ дорад.
2. Зарурияти витаминҳоро дар организм одамро гўед.

§4. Навҳои сабзавот
Барои пухтани таом бояд навъҳои сабзавот, таркиби онҳо, қиммати ғизояшон, тарзи коркарду истифодаашон дар хўрок ва ба ин монанд чизҳоро донистан муфид аст. Аз ҳамин сабаб дар ин ҷо мо дар бораи анвои сабзавот ва таъсири ғизою аҳамияташон маълумот медиҳем.

Картошка қариб дар ҳама ҷо парвариш карда мешавад. Вобаста ба навъ картошкаҳо гуногуншакл (мудаввар, дарозрўя) ва гуногунранг (сафед, зард гулобӣ) мешаванд.
Картошка то 17,5% оҳар, инчунин қанд, намакҳои минералӣ ва сафеда дорад. Қимати ғизоии сафедаҳои он нисбати сафедаҳои гўшт камтар бошад ҳам, пурбаҳотарин сафедаи растанӣ ба шумор меравад.
Картошка ҳамчун манбаи витамини С, гурўҳи витаминҳои В, РР, К хеле аҳамиятнок аст. Картошка нисбат ба дигар сабзавоту мева камтар витамини С дорад. Бо вуҷуди он азбаски инсон дар давоми сол картошкаро бештар истеъмол менамояд, бинобар он талаботи ба витамини С доштаи организм қонеъ мешавад. Ватани картошка Америкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ буда, зиёда аз 14 ҳазор сол пеш истеъмол мекунанд. Ба Аврупо картошкаро дар миёнаҳои асри XVI даровардaнд.
Аммо аврупоиҳо намедонистанд, ки онро чӣ тавр истеъмол намоянд. Онҳо картошкаро дар ибтидо чун растании гулдор парвариш мекарданд.

Баъдтар лӯндаҳои хоми онро истеъмол мекардагӣ шуданд. Танҳо дар нимаи дуюми асри XVII картошкаро ҳамчун обчакорӣ ва сабзавоти ғизоӣ парвариш мекардагӣ шуданд ва он дар асри XIX тараққӣ карда, намудҳои зиёди картошкаро алҳол парвариш менамоянд.
Дар соҳаи хӯрокпазӣ аз картошка таому хуришҳои гуногунро дар шакли обпаз, буғпаз, дампаз, бирён намудан тайёр менамояд.

Карам сабзавоти серистеъмол аст ва дар ноҳияҳои иқлимашон гарм ду бор ҳосил медиҳад. Бинобар ҳамин карам тамоми сол дастрас аст.
Карамро дар ҳазорсолаи сеюми пеш аз мелод киштукор карда, истеҳсол мекарданд. Онро ҳамчун сирпиёз аҷдодони қадими мо ба сифати сабзавоти шифобахш истифода мебурданд. Карамро барои табобати ҷароҳатҳои мадданок ва пучакҳо тавсия мекарданд. Ватани карам соҳили баҳри Миёназамин мебошад.
Карам хусуиятҳои баланди хӯроквории табобатӣ ва парҳезӣ дорад. дар таркибаш бисёр витаминҳо ва намакҳои минералӣ дорад. Витамини С-и дар таркиби карам буда, бо витамини С-и дар таркиби лимон буда баробар мебошад ва дар навъи карами ранга он ду маротиба зиёд аст. Дар таркиби карам витаминҳои бисёре (В1, В2, В3, РР, К ва махсусан то 70 мг% витамини С) мавҷуд аст. Барои он ки вақти пухтан витамини С нигоҳ дошта шавад, карамро ба оби ба ҷӯшомада меандозанд. Навъҳои карами сафед, сурх, брюсселӣ, савоягӣ, гулкарам, карамшалғам ва ғайра маълуманд. Дар Тоҷикистон бисёртар карами сафедро истеъмол мекунанд. Карами сафед хусусияти парҳезӣ дошта,
ҳамчун хӯроки табобатӣ истифода мешавад. ҳамаи навъҳои карам об, қанд, сафеда, клечатка, намакҳои минералӣ ва витаминҳо доранд.
Карамро дар пухтупази таомҳои равону сахт (дар об, дар равған, дар буғ) тайёр кардани хуриш, гарнир ва очоронӣ (консервонӣ) васеъ истифода мебаранд.

Сабзӣ (бехӣ, зардак, газ)-ро дар ҳама ҷо мепарваранд. Ватани сабзӣ соҳилҳои баҳри Миёназамин мебошад. Сабзиро 4 ҳазор сол пеш аз ин парвариш ва истеъмол мекарданд. Дар мамлакати мо аз асрҳои XI киштукор мекарданд. Сабзии навъи хӯрокӣ серобу сершира мебошад.
Агар ба он равғани растанӣ ҳамроҳ кунем он вақт витамини А ҳосил мешавад, ки ин хусусияти аз дигар сабзавот бартарӣ дорад. Сабзӣ дар таркиби худ, инчунин қанд, сафеда, модаҳои пектинӣ, (калий, натрий, фосфор) витаминҳои В1, В2, С, К, Е, РР ва дигар модаҳои бо организми инсон зарур дорад. Сабзиро дар ҳарорати қариб 90С нигоҳ
доштан беҳтар аст.
Сабзиро тару тоза, хушк карда ё пухта мехӯранд. Барои тайёр кардани таоми якум ва дуюм, хуришҳою винегрет фаровон истифода мебаранд.
Сабзӣ ба сабзиши қад мадад мерасонад ва бар зидди ҳар гуна касалиҳои гузаранда мубориза мебарад. Оби сабзӣ барои сабзиши организми кӯдакони ширмак аҳамияти калон дорад ва ба узви босира қувват мебахшад.
Пиёз. Чанд намуди он – бехпиёз, батун – пиёз, гандано, шнитт –пиёз, шалот – пиёз ва ғайра мавҷуд аст. Маълумтаринаш бехпиёз мебошад, ки бех ва барг дорад. Пиёз 4 ҳазор сол пеш аз милод маълум буд.
Дар таркиби бехиёз сафеда, клетчатка, намакҳои минералӣ ҳаст. Бехпиёзро ба навҳои тунд нимтунд ва ширин ҷудо мекунанд. Равғани эфири дар таркиби пиёз буда онро тунд

мегардонад. Дар таркиби пиёз 10 мг% витамини С мавҷуд аст. Пиёз хосияти тамизкунандагӣ (бактерисидӣ) ва зиддисингагӣ дорад. Пӯсти пиёз ҳар қадар зиёд зич бошад пиёз ҳамон қадар нағз нигоҳ дошта мешавад. Барои он ки дар вақти реза кардани пиёз оби чашм нарезад, кордро зуд-зуд ба оби хунук тар карда истодан лозим аст.

Помидор сабзавоти маъмулест, ки тақрибан дар ҳама ҷо мепарваранд. Помидор растании ҷанубӣ буда, ватанаш Америкаи Ҷанубӣ мебошад. Дарённавардоне, ки помидорро ба Аврупо оварданд намедонистанд, ки он сабзавот мебошад. Помидорро дар мамлакати мо аз асри XVIII киштукор мекардагӣ шуданд.

Помидор дар таркибаш натрий, калий, калсий, магний, оҳан, мис, фосфор, сулфур, витаминҳои В1, В2, РР, С (25 мг% каротин, провитамини А ва ғайраҳо дорад. Помидорро барои пухтани таомҳои гуногун, соусу қайлаҳо, тайёр кардани салатҳои тару тоза, инчунин консервонӣ ё очоронӣ – васеъ истифода мебаранд.

Бодиринг онро қариб дар ҳама ҷо мепарваранд. Дар ҳудуди Тоҷикистон бодиринг дар асрҳои XVI маълум будааст. Бодиринг барои касони касони фарбеҳ, маҳсулоти шифобахш ҳисоб меёбад. Дар таркиби бодиринг қариб 1 мг% равғани эфир вуҷуд дорад, ки боиси бӯи ба худ хос доштани он гаштааст. Дар таркиби бодиринг то 98,2% об, қанд, сафеда, клечатка, равған, намакҳои минералӣ, 10 мг% витамини С мавҷуд аст.
Бодирингро дар таомпазӣ барои тайёр кардани салат ва дигар газакҳои тару тоза ва очоронида ё намак карда истифода мебаранд.

Қаламфур занҷабили сурх, як навъ растанӣ, ки бисёр тундаст. Қаламфурро асосан дар ноҳияҳои ҷануб мекоранд, вале дар минтақаҳои миёна ҳам нағз нашъунамо мекунанд.
Қаламфурҳо тунд ва ширин мешавад. Қаламфури борики дароз аз сабаби дар таркибаш моддаи махсуси капсатсин доштанаш хеле тунд аст.
Қаламфури сурхро яклухт хушк карда, ё кӯфта ба таом меандозанд. Қаламфури кӯфтаро ҳамчун адвиёт истифода мебаранд. Қаламфури сабзавотӣ (ширин)-ро бештар дар районҳои ҷануб ва дар иқлимҳои на он
қадар хунук мекоранд. Қаламфури расида вобаста ба навъ дар таркибаш қанд, сафеда то 13,9% мг% каротин (провитамини А), инчунин каме намакҳои минералӣ ва витамини В1, В2 дорад. Қаламфур аз ҷиҳати витамини С доштанаш дар байни сабзавотҳо ҷои якумро мегирад то 25 мг% қаламфури кабуди серобро (сурхашро камтар) дар як мавсим 6-10 маротиба мегиранд. Ғунучини қаламфурро то сар шудани сармои аввалини тирамоҳ тамом мегиранд.
Қаламфури ширин бӯй ва таъми хос дорад Қаламфури ширинро тару тоза ва очоронида ба хуриш, шӯрбо, хӯрокҳои равон, гӯшти дампаз, соусҳо истифода мебаранд. Аз он тайёр кардани дӯлма (голубцы) дар таббохӣ расм шудааст.
Боимҷон, бодинҷон, (боқилаҷон)-ро асосан дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон парваиш мекунанд. Боимҷон хосияти табобатӣ дорад. Вай миқдори холестерини хунро кам карда организмро аз касалиҳои ҷигар, ниқрози рагҳо эмин медорад. Боимҷон дар таркибаш қанд, модаҳои сафеда, намаки минералӣ 5 мг% витамини С дорад. Барои таомпазӣ бештар боимҷони пухтарасида, гӯшташ мулоим ва пӯсташ сахтнашударо

истифода мебаранд. Аз он хӯрокҳои гуногуни хуштамъ, газакҳои сабзавотӣ, икра ва ғайра тайёр мешавад.

Лаблабуи ошӣ

Лаблабуи сурхи оширо дар ҳама ҷо мепарваранд. Дар таркиби лаблабуи сафеда кислотаҳои органикӣ, клечатка, 37-41 мг% витамини Р, витамини С дар баргаш ва намакҳои минералӣ мавҷуданд. Лаблабуи тару тозаи обпаз хусусиятҳои шифоӣ дорад. Онро хусусан ба одамони калонсоли гирифтори касалии ҷигар, қабзият ва фишории хунашон баланд, камхунӣ тавсия мекунанд. Барои он ки вақти пухтан ранги лаблабу набарояд об шакар (аз ҳисоби 4 г қошуқча шакар ба 2 л об) илова мекунанд.

Шалғамча (редиска)
Шалғамчаро дар ҳама ҷо парвариш мекунанд. Шалғамча қанд. об, модаҳои нитрогений, клечатка, витамини С, намакҳои минералӣ дорад ва бинобар ин сабзавоти хуби иштиҳоовар мебошад.
Шалғамчаро тару тоза ё бо қаймоқ, ҷуғрот ва ғайра истеъмол мекунанд ва аз он якҷоя бо пиёзи кабуд, бодиринг, қаймоқ салат, тайёр кардан мумкин аст. Шахсоне, ки гирифтори касалии меъдаву рӯда, ҷигар ва гурдаанд аз истеъмоли шалғамча бояд худдорӣ намоянд.

Шалғам
Шакл, ҳаҷм ва ранги навъи шалғам (зард, сурх, бунафш, сафед) гуногунанд. Шалғам сабзавоти тезрас ва серғизоест. Шалғам манбаи витамини С то 63 мг% аст. Дар он витаминҳои В1, В2, РР, А (каротин) низ мавҷуданд. Дар шалғам то 90 % қанд, то 2 % сафеда, намакҳои минералӣ ва ғайра ҳаст.
Шалғам растании доругии қадимист. Масалан, ба гуфти Абӯалӣ ибни Сино марҳаме, ки аз тухми шалғам тайёр мекунанд, варами қадкашакро мегардонад. Шалғам инчунин ба гурда ва қафаси сина муфид аст. Аз он хӯриш тайёр менамояд ва ба таом (шӯрбо, хӯрокҳои равон) ду се қисм ё нахӯдӣ карда меандозанд.

Каду. Дар дунё 15 намуди каду меруяд. Асосан 3-4 намудашро мекоранд гаҳворакаду, палавкаду, ошкаду ё чӯбкаду ва ғайра. Аз каду таомҳои лазиз мепазанд. Каду то 11% қанд, то 20% оҳар, 0,2-0,7% модаҳои пектинӣ, сафеда, намакҳои минералӣ (махсусан фосфор, витамин, аз ҷумла каротин), то 40% равғани хӯрданбоб, то 28% сафеда дорад. Донаи кадуро дар тиб чун доруи киҷҷарон истифода мебаранд.

Кабудӣ – шибит, кашнич, пиёзи кабуд, райҳон, пудина, ҷаъфарӣ ва ғайра ба миқдори зиёд витамину намаки маъданӣ, равғани эфир дошта таомро болаззат мекунад. Онҳоро ҳам тару тоза ва ҳам хушконида истеъмол мекунад.
Сир - **сирпиёз** - сум, сармисоқ, савм. Дар аксар кишварҳои ҷаҳон мекоранд таъму бӯи тунди махсус дорад. Сирпиёз гурӯҳи витаминҳои В, С, Д, йод равандҳои эфир ва дигар моддаҳо дорад. Дар таомпазӣ сирпиёзро ҳамчун сабзавоти хуштаъм ва хушбӯйкунандаи хӯришҳо, таоми 1-ум, 2-ум, очаронидану намаккуни истифода мебаранд. Сирпиёзи поракардаро ба хӯрок 3-4 дақиқа пеш аз таом меандозанд. Сирпиёзро дар тиб истифода

мебаранд. Вай моддаҳои махсуси бактерисидӣ (фитонцидҳо) дорад, ки бисёр микробҳои касалиоварро нест мекунад.

Ҷадвали таркиби витаминҳо дар 100 г сабзавот

Ҷадвали 1.
Сабзавот С. мг. А. мг. РР. мг
1. Картошка 20,0 0,02 0,9
2. Карами сафед 50,0 0,02 0,4
3. Сабзӣ 5,0 9,0 1,0
4. Лаблабуи ошхонагӣ 10,0 0,01 0,2
5. Бодиринг 7,0 0,02 -
6. Помидор 25,0 1,2 0,53
7. Шалғамча 25,0 0,16 0,4
8.Пиёзи кабуд
9. сирпиёз
10,0
30,0
Изаш
2,0
0,2
0,3
10. Коҳу (салат) 15,0 1,75 0,65
11. Петрушка 15,0 1,7 0,7
12. Шибит 100,0 1,0 0,6
13. Қаламфури сурхи ширин 25,0 2,0 1,0

Коркарди аввали сабзавот: Дар ҷараёни коркардаи аввалияи сабзавот онро ба навъҳо ҷудо мекунанд, (қисмҳои хӯрда намешудагиро гирифта мепароянд), аз пӯсташ тоза мекунад, баъд шуста ва пора мекунанд. Дар вақти тозакунии дастӣ воситаҳои ҳархелаи ёрирасониро истифода мебаранд.

Инро дар хотир доред!
Сабзавоти гарм ва хунукро ҳамроҳ кардан мумкин нест, зеро онҳо тез туруш мешаванд. Сабзавотҳоро барои хуриш пеш аз ба дастархон додан (1-2 соат пеш) тайёр кардан мумкин аст, аммо андохтани майонез, қаймоқ, равғани растанӣ ва ороиши онро пеш аз ба миз гузоштан кардан лозим аст.
? Саволу супориш:
1.Навъҳои сабзавотҳоро номбар кунед?
2.Аҳамияти каоркарди сабзавотро гӯед ва амали (борик) гирифтани пӯсти сабзавотро (сабзиро) нишон диҳед, дар назорати муаллима қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо корд ва санитарию гигиениро риоя кунед.
3.Кадом воситаҳои ёрирасонро дар вақти резакунии сабзавотистифода мебаранд?

4.Дар хонаатон кадом намуди воситаҳои ёрирасон барои резакардани сабзавот мавҷуд аст гуфта диҳед.

§ 5 Мафҳуми коркарди гармии сабзавот

Барои тайёр кардани таом аз сабзавот ҳамаи намуди коркарди гармро истифода мебаранд. Обпаз, дампаз, буғпаз ва дар оби худпухта.

Сабзавоти пухтагиро барои тайёр кардани хуришҳо, шӯрбо, таомҳои 2-ум ва барои гарнир истифода мебаранд.

Технологияи коркарди сабзавот. Барои коркарди картошка иҷрои чунин амалиётро дида мешавад: ба навҷҳо ҷудо кардан, шустан, тоза кардан, гирифтани қисмҳои хӯрданашаванда, такроран шустан, реза кардан ва тайёр кардани масолеҳи нимтайёр (полуфабрикат). Ҳамаи ин амалиёти корро коркарда гарм меноманд. Пайдарҳамии корро риоя кардан лозим аст. Сабзавот ва картошкаро дар оби равон ё ин на дар сатили обдор якчанд бор обашро иваз карда, шустан мумкин аст. Барои оби сабзавотро кам кардан онро азчавлӣ мегузаронанд. Барои осон кардани раванди тоза кардани сабзавот кордҳои махсус ва асбобҳои шакли андозаашон ҳархела лозиманд. Дар корҳои амалии кулинарӣ ҳархела реза кардани сабзавот ва картошка мавҷуд аст.

Дар таомҳои миллӣ бисёр вақт резакунӣ дар шаклҳои росткунҷа, чоркунҷа (кубик), палахҳои ҳархела (бӯлакҳо), ҳалқа ва нимҳалқашакл ва ғайраро истифода мебаранд. Дар вақти додани таом ва хуриши хунук ба миз аз сабзавот ва кабудиҳо шакли буриши ҳархелаи фигуравӣ тайёр кардан мумкин аст.

Коркарди гарми масолеҳи хӯрокворӣ пурра сифати аввалияи сохтор ва хусусияти онҳоро иваз мекунад. Дар ин вақт таркиби химиявии онҳоро ба ҳисоб мегиранд, ва таъми хӯрок ва хуш бӯйӣ ба он вобаста аст. Давоми интихоби ин ё он намуди коркарди гарм вобаста аз таркиби масолеҳ ва технологияи тайёр кардани таом аст.

Дар ошхонаи милли тоҷикон ба худ муайян намудҳои коркарди гармӣ дорад: обпаз, булён, дар шир, буғ, дар миқдори зиёди равғанбирён дар дуд пухтан, дампаз ва ғ. Барои буғпаз намудани сабзавот бештар деги мантуро истифода мебаранд. Буғпази сабзавот шакли беҳтарин коркарди гарми сабзавот аст. Дар ин ҳолат дар масолеҳи тайёр қисми зиёди намакҳои минералӣ ва витаминҳо нигоҳ дошта шуда, бо осонӣ дар организм ҳазм мешаванд.

Бирёнкунӣ. Дар ин шакли пухтан масолеҳ дар ҳарорати баланд тайёр мешавад. Агар масолеҳ бо қисми ками равған пухта шавад дар ин вақт ҳарорати он то 140-1600С ва агар дар равғани зиёд коркард шавад дар ҳарорати 1600-1800 мепазад.

Дар вақти бирёнкунӣ дар рӯи масолеҳ пӯсти сурх ҳосил шуда, тамъи махсус ва бӯи хоса ҳосил мешавад.

Дар вақти коркарди гарми сабзавот чунин қоидаҳоро риоя кунед.

1. Сабзавотро барои таом дар оби ҷӯшоида истода меандозанд, ва дар ин вақт ба оби ҷӯшидаистода камтар намак мепартоянд ва дар алови паст мепазанд.

2. Дар вақти пухтан бояд сабзавот дар об пурра ғарқ бошад ва оби рӯи он аз 1,5 см зиёд бошад.
3. Дар буғ пухтан. Барои гум нашудани витамини С сабзавотҳоро дар буғ дар асбоби сарпӯшдор мепазанд (масалан дар деги манту).
4. Дар равған бирён кардан. Дар вақти бирён кардан дар равған рӯи масолеҳ сурхча шуда бо лаззат мешавад.
5. Дампаз. Дар вақти дампаз аввал камтар дар равған, бирён мекунанд, баъд булён ё адвиётро андохта, сарпӯшашро пӯшонида, то тайёр шуданаш дам дода мепазанд.
6. Пассервонӣ ин таоми сабзавотие, ва ба он орд ва дигар масолеҳ бо қисми ками равған бирён карда мешавад, ва ин намуди коркарди гармӣ барои тайёр кардани қайла, шӯрбо ва барои таоми дуюм лозим аст.

Мӯҳлати коркарди гармии сабзавот
Ҷадвали 2.

Кори амалии №3

Тайёр кардани таоми картошкаи обпаз
Таҷҳизот: дег, чавлӣ (друшлаг), тағорача, корди таббохӣ, чангак,
қошуқ, табақ, тахтачаи резакунанда.
Миқдори масолеҳ: картошка - 200 г, равғани маска – 10 г, ё қаймоқ – 20 г, намак – 2 г, пиёзи кабуд, кашнич ва шибит – 3-5 грамм.
Картошкаҳои ҳаҷмаш якхеларо интихоб карда, шуста, пӯсташро тоза кунед. Кабудиро ҷудо намуда шуста ва реза карда, сипас картошкаро ба дег андохта, оби гарм рехта (тахминан 1-1/2 см аз болои рӯи картошка), намак пошида то тайёр шудан пазед. Пухтагиашро бо ёрии чангак муайян кунед. Мӯҳлати пухтани картошка то 20-30 дақиқа.
Баъди пухтан обашро рехта, боз дегро 1-2 дақиқа ба оташ гузоред, то картошка камтар хушк шавад.
Картошкаи пухтагиро ба табақ гузошта, ба болояш равғани маскаи обкарда ё қаймоқ рехта кабудии резакардаро ба рӯяш пошида, ба дастархон медиҳанд. Картошкаи обпазро таоми дуюми гӯшт, гӯшти парранда ё дигар таоми гӯштин додан низ мумкин аст.

? Савол ва супориш
1. Коркарди гармии сабзавотро гӯед.
2. Қоидаҳои коркарди сабзавотро шарҳ диҳед
3. Мӯҳлати пухтани сабзавотро гуфта диҳед.

§6. Тарз ва тартиби пора кардани сабзавот
Коркарди сабзавот мафҳуми (аз лой, қум, баргу пӯчоқ) тоза ва пӯст кандан, пеш аз пӯст кандан ва баъди он шустан, реза кардан ва пухтани онро ифода менамояд. ҳангоми ичрои

ин кор ба тарзи истифодаи корд, ба бехатарии он ва асбобҳои гармибахш, қоидаҳои беҳдошту беҳдор риоя карда, мувофиқи харитаи дастурдиҳию расмҳои зерин амал намоед.
Бехмеваҳо (картошка, бехпиёз, сирпиёз, сабзӣ, лаблабу, шалғам, шалғамча, Турб ва ғайра)-ро аз ифлоси тоза карда, баргу пояи зиёдатиро бурида мешӯем пӯсташро мегирем, баъди пӯст кандан бори дигар мешӯем.

Расми 9. Тартиби пора кардани сабзавот:
а- асбобҳои сабзавот поракуни;
б) шаклҳои резакунии сабзавот

Кабудиро аз алафи бегона ҷудо карда, ҷои нолозимаро буридаву тоза шуста, болои сачоқ, гузошта, обашро таровидан лозим аст. Ҳар намуди сабзавот алоҳида ба таври махсус, масалан бехпиёз дар шакли ҳалқачаҳо, сабзиву картошкаро дар шакли доирачаҳо, тилимчаҳо, наргисӣ, кубику ба намуди гулҳо, ситорача ва ғайра пора карда
мешавад.
Тарзи пора кардани сабзавот ва ороиши он. Сабзавот барои ороиши хӯришу таомҳои дигар фаровон истифода мешавад.
Бехпиёз ё дигар навъҳои сабзавоти мудаввашаклро гирифта, мешӯем ва лозим бошад, пӯст мекунем ва аз мобайн чуқур бо хатҳои дандонадор мебурем. Сабзавоти буридаро ду қисм мекунем, ки ниҳоят шакли гул мешавад. Аз бехпиёз шалғамча ва помидор гулҳо бурида мешаванд.
Растаниҳои буттагӣ ҳам барои ороиш хеле мувофиқанд. Пиёзи сабзро гирифта, ҳалқавор мебуррем ва ба ду ҳисса тақсим мекунем, ба паҳлӯ ё болои хӯриш гузошта, ҳар ҷо ҳар ҷо гулҳои аз бехпиёз, шалғамча ё помидор тайёр намударо мегузорем, аз болояш кабудии резакарда мепошем. дар ороиши хӯриш аз тухм низ хуб истифода мебаранд.

Намуди хуришҳо
Хӯриш аз як ва ё чанд намуди сабзавоти тару тоза тайёр мешавад. Дар тайёр кардани хуришҳои омехта баробари сабзавоти тару тоза сабзавоти пухта гӯшту тухми обҷӯш, ё чакка, нахӯди сабз (мушушч) ва ғайра истифода мешавад.
Сабзавоти обпазшуда барои тайёр намудани хуриш зарур аст, ки бо пӯсташ пухта ва алоҳида-алоҳида реза карда, баъд бо дигар маснуот омехтан лозим аст. Дар акси ҳол хуриш зуд турш мешавад. Барои тайёр кардани хуриши омехта дар шакли чоркунҷаҳои ҳаҷмаш 1 см ва тилимчаҳои ҳаминхела пора карда мешавад. Барои хуштаъм шудани
хуриш мувофиқи табъ ба онҳо намак мурч, қаламфури тунд ва доруворихо мерезанд.
Хуришҳои сабзавоти тару тозаро андаке пеш аз истеъмол бояд тайёр кард. Одатан хӯришҳоро бо ҳар хел кабудию помидору бодиринги гуногуншакл бурида оро медиҳанд. Дар таомпазиву хуриш дорувории гуногун истифода мешавад. Миқдори муайяни дорувор хуриш ва таомро болаззату хушбӯй ва хуштаъм мекунад. Адвиёт барои хӯришу таом инҳоанд: намаки ошӣ мурчу қаламфур, сирко барги дарахти ғор (лавровый лист) зира, зирк, аз кабудиҳо, кашнич, пиёзи кабуд, шибит (укроп) пудина, наъно ва ғайра.

Пеш аз сар кардани кор бояд ба истифодаи косаю табақҳо аҳамияти калон диҳед ва дар вақти иҷрои кори амалӣ бояд ба қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо корд ва асбобҳои тез, инчунин ба қоидаҳои санитарию гигиенӣ аҳамият диҳед.

Косаву табақ ва дигар зарфҳои барои тайёр кардани хӯриш ва пухтану истеъмоли хӯрок истифодашударо дарҳол бояд шуст. Ҳангоми шустушӯй аввал пиёлаю чойник, табақчаҳои хӯришгир (салатдон) ва баъд зарфҳои равғаниро шустан матлуб аст. Зарфҳои широлуд ва моҳилолудро пеш аз шустан бо оби хунук обгардон кардан лозим аст.
Зарф, кастрюл ё дегҳои тагашон гирифтаро бо оби гарм тар карда, муддате нигоҳ дошта, баъдтар шуста мешаванд. Зарфҳои харошидашударо барои тайёр кардани хӯриш набояд истифода бурд.
Зарфу чинивории ошхонаро бо оби гарм бо соддаи хӯрокӣ, хардал (горчиса) намаки майда, сирко ё маҳсулотҳо махсуси «Рахш», «Фери», «Дау» (дей) шустан мумкин аст. Дар натиҷаи истифодаи воситаҳои шустушӯй косаю табақ покизаву ҷилодор ва корҳои шустушӯ осон мегардад. Пас аз шустан нағз обгардон карда, зарфҳоро хушк бояд кард.

Хуришҳо (Салат)

Хӯришҳоро таоми хунук меноманд. Он аз як ё якчанд намуди сабзавот бо ҳамроҳии майонез, қаймоқ ё равғани растанӣ омода мешавад.
Хӯриши сабзавотӣ на ҳамчун таоми мустақил, балки чун гарнири таомҳои гӯштӣ, моҳӣ ва дар таоми дуюм дода мешавад.
Хуриши сабзавот аз углевод, модаҳои минералӣ ва витаминҳо бой мебошад.
Агар ба он хуриш тухм, гӯшт ё моҳӣ ҳамроҳ кунем, он гоҳ қиммати ғизоӣ ва фоидавоварии он зиёд мешавад. Бисёр вақт хуришҳоро пеш аз таом медиҳанд. Онҳо иштиҳоро баланд ва ҳазмкунии таомро тез мекунанд. Ба ороиши он бисёр диққат додан лозим аст.
Дар вақти додани хуриш ба рӯи миз аввал махсус хуришандозак мегузоранд.
Барои ҳар як кас табақчаи хӯришхӯрӣ медиҳанд ва аз тарафи рости он чангак мегузоранд, боз бо он асбоби махсуси бо адвиёт пуркардашударо медиҳанд. Шумо медонед, ки қариб ҳама таомҳоро бо нон мехӯранд. Бинобар он буридани нонро ёд гиред.

Расми 10. **Намудҳои ороиши рӯи хуришҳо.**
Қоидаҳои умумии тайёр кардани хуриш мавҷуданд. ҳамаи маҳсулот бояд аз коркарди аввала гузарад. Баъзеашонро бояд аз коркарди гармӣ гузаронид. Сабзавоти хомро аввал мешӯянд, баъд меҷӯшонанд.
Якчанд намуди хӯришҳоро дида мебароем. Хӯришҳоро дар ошхонаи миллӣ торафт бисёр истифода мебаранд. Онҳо асосан ба субҳона (пагоҳи), нисфирӯзӣ, шом ҳамчун таоми мустақил ва ё ба таоми 2-юм дода мешавад. Сабзавоти тару тоза ба рӯи миз дар шакли хом ҳам дода мешавад.
Миқдори ҳаҷми таомҳои хунук ва хӯришҳо на он қадар зиёд бошанд. Миқдори он асосан барои як кас 150 г мебошад. Дар вақти тартиб додани таомнома (меню) барои субҳона, пешин, шом албатта фасли солро ба назар гирифтан лозим аст, ки дар фасл кадом сабзавот ё масолеҳ ҳаст. Интихоби масолеҳи хуриши хунук бояд мувофиққи

сабзавоти ба ассортиментҳои асосии таом, салатҳо аз сабзавот тайёр карда шавад. Хуриш аз як намуди хом реза кардашуда ва ё якчанд намуди сабзавот бо ҳамроҳ кардани тухм, гӯшти пухтагӣ масолеҳ паранда, моҳӣ, панир ва ҳар хел ҳасибҳо омода кардан мумкин аст.
Хӯришро албатта пеш аз истеъмол тайёр мекунанд. Агар онро камтар зиёдтар нигоҳ доред, ғизогии фоидаоварашон паст мешавад ва намудашро гум мекунад. Унсурҳои асосии тайёр кардани хӯришҳо коркарди аввали сабзавот, пора кардан ва ороиш аст. Онҳо намуди зебо дошта ва мизро ороиш доданаш лозим аст. Таоми хунук ва хуришҳоро ба табақи муддаввар ё дарозрӯя, хӯришдон ё косаҳо мекашанд.

Кори амалии №4
Хуриш аз бодирингу помидор
Миқдори масолеҳ: Ба 4-5 дона помидор, 3 дона бодиринг, 1 бандча пиёзи кабуд, мувофиқи табъ намаку мурч лозим аст.
Тартиби иҷрои кор:
Помидору бодирингро шуста, ҳалқа-ҳалқа ё секунҷа реза мекунанд, баъд пиёзи кабуд ва намку мурч андохта меомезанд. Хӯриши тайёрро ба хӯришдон ё табақчаҳо андохта ба рӯяш кабудӣ мепошанд.
Ба хӯриш сиркои ошӣ, ҷурғот қаймоқ, низ андохтан мумкин. Агар пиёзи кабуд набошад, ба хӯриш бехпиёзро реза карда меандозанд.

Кори амали интихоби
Кори амалии №5
Хуриш аз сабзавоти тару тоза бо себ.
Таҷҳизот: тахтача, корд, табақ барои якҷоя кардани хуриш, табақчаҳои хуришгир, чангак, турбтарош ва зарфҳо.

Миқдори масолеҳ бо грамм.
1.Себ – 42г.
2.Карам – 83г.
3.Сабзӣ – 90г.
4.Нахӯди сабз – 25г.
5.Сирпиёз – 20г.
6. Қаймоқ ё майонез – 20г.
7. Шакар – 10г.
8. Кабудӣ ҳамагӣ – 300г (барои 1 нафар).

Технологияи тайёр кардан.
Пӯсти сабзиро гирифта, аз турбтароши сӯрохаш майда гузаронед ё себро аз донаҳояш ҷудо карда, аз турбтароши сӯрохаш калон гузаронед ва ё наргис реза кунед. Карамро майда ва маҳин реза намуда, бо он нахӯдӣ сабзро, сирпиёз бо корд майда реза карда, ба болои он шакар, баъд қаймоқро андохта, омехта куни хуриши тайёршударо ба рӯяш кабудии резакардаро пошида ба дастархон медиҳанд.

Кори амалии №6
Салати «Тоҷикистон»
Таҷҳизот: тахтача, корд, табақ барои якҷоя кардани хуриш, табақчаҳои хуришгир, чангак, турбтарош ва зарфҳо.

Миқдори масолеҳ бо г.
1. Забон ё гӯшти гӯсфанд – 84г.
2. Картошка – 74г.
3. Пиёзи анзури паронида – 73г.
4. Нахӯди кабуд – 46г.
5. Сабзӣ – 19г.
6. Тухм – 1 дона.
7. Лимӯ – 1/10.
8. Бодиринги очоронида – 26г.
9. Майонез – 30г.
ҳамагӣ – 300г.

Эзоҳ: майонезро бо қаймоқ низ иваз кардан мумкин аст.

Технологияи тайёр кардан:
Забон ё гӯшти дар об пухтаро дар шакли кубик реза кунед. Пиёзи анзурро наргисӣ кунед. Картошка, сабзӣ бодаринги очоронида пухтагиро кубикшакл реза карда, ҳамаашро омехта намуда нахӯди андохта, ба болояш майонез рехта, омехта, мекунанд. Дар вақти ба рӯи миз додан ба хӯришдон ё коса баландӣ карда даршакли конус меандозанд ва бо сабзии пухтагӣ бо шакли дилхоҳ ороиш дода, қаймоқро андохта, тухмро майда реза карда, бодиринг реза карда, лимӯро ҳалқашакл реза карда, кабудӣ (кашнич)-ро реза карда, ба рӯяш мепошанд. Бо барги кашнич ороиш додан мумкин аст.

Маслиҳати кадбону
Тухм - қимматҳои масолеҳи таоми мебошад. Дар таркиби он қариб ҳамаи моддаҳои зарури мавҷуд аст.
Ҳамаи тухмро як вақт ба сеткаи метали гузошта ба кастрюли обаш ҷӯшида гузоред агар тухмро нимдунбул 2-4 дона пухтани бошед ва агар сахт пухтани шавед 8-10 дақиқа дар об ҷӯшонед. Тухми дар яхдон нигоҳдошташударо намегузоранд чунки он кафиданаш мумкин аст. Агар пӯсти тухм кафида бошад, он гоҳ дар онро оби шӯр мепазанд.

Баъд аз пухтан тухмро ба оби хунук меандозанд, то ин ки пӯсташро тез тоза кунанд ва ранги зардии тухм нигоҳ дошта шавад. Тухми пухта дар вақти давр занондан бисёр давр мезанад, тухми хом бошад 1-2 давр мезананду халос.

Кори амалии №7
Хӯриши венегрети «наврӯзӣ»
Таҷҳизот ва асбобҳо: дег, ду сатилча, тахтача барои сабзавот, корд, қошуқ, хӯришдон, зарфҳои алоҳида.

Миқдори _____масолеҳ (бо грамм): картошка – 40, карам ё бодиринги очорӣ – 30, лаблабу – 30, сабзи – 20, себ – 50, кабудӣ – 5, қаймоқ ё равғани растанӣ -10, тухм 2-дона.

Рафти иҷрои кор:
Коркарди аввала: интихоби якхелаи андозаи картошка, лаблабу ва сабзӣ, шустан ва пухтан. Сабзавотро хунук карда аз пӯсташ тоза карда, майда реза менамоянд. Баъд бодирингро шуста, пӯст канда, ё бо пӯсташ майда карда, карами намаккардаро тоза карда, обашро таровида, пиёзро маҳин реза мекунанд. Тухмро интихоби ҳамроҳ кунед барои ороиши хӯриш.

Тайёр кардани винегрети «Наврӯзӣ»
Сабзавоти тайёр кардаро омехта карда, намак кунед. Равғани растанӣ андохта ҳамаашро омехта кунед.
Ороиши таом. Венегретро ба коса ё салатдон конусшакл андохта, пиёзи кабуд ё ягон хел кабудиро реза карда, бо болояш пӯшед ва аз сабзавот шаклҳои ҳархела бурида рӯяшро ороиш диҳед. Барои он ки сабзавоти ба таркиби винегрет дохилшаванда бо ранги лаблабу омехта нашавад, бо равғани растанӣ алоҳида омехта кунед, баъд ба дигар масолеҳҳо ҳамроҳ кунед.
Сабзавотро одатан якхела реза мекунанд. Сабзавотро бо оби ҷӯшида бо навбат меандозанд, ки дар охир ҳамаи сабзавот як хел ва баробар пазанд.

Расми 11. Тайёр кардани хӯриши венегрети наврӯзӣ
а) ороиши хӯриши венегрет
б) тарзи пора кардани сабзавот

Кори амалии №8
Хӯриши «Ҳафтранг»
Таҷҳизот ва асбобҳо: манқал (плита), дег, кафлез, корд, қошуқ, чангак, тағорача, табақ, тахтачаи сабзавотӣ, асбобҳои махсуси сабзавот резакунак.

Миқдои масолеҳ (бо грамм) - картошка- 100, сабзи - 50, лаблабуи сурх - 50, карам - 100, бодиринги очаронӣ - 50, гушт ё ҳасиб - 100, панир 50, майонез бо таъби худ.
Рафти кор
Коркарди аввала: интихоби якхелаи андозаи картошка лаблабу сабзиро шушта коркарди гармиро мегузаронем. Ҳар як маҳсулоти коркардашударо ба табақҳои алоҳида мегузорем.

Технология тайёр кардани хӯришҳо

Гӯшти обпаз ё ҳасибро, панир, лаблабуи сурх пухташударо бодаринги тару тоза ё намакинро (очорониро) наргизи маҳин реза мекунем, карамро реза карда намак мезанем то ки он мулоим шавад.

Сипас сабзиро бо воситаҳои махсуси сабзавотрезакунак ё аз турбтароши сӯрохиаш калон гузаронида бо пиёзи дар раґани растанигӣ зирбонда омехта мекунем намак, мурчро бо таъби худ пошида онро дам медиҳем.
Картошкаи хомро шушта пӯсташро маҳин мегирем наргизи ё ба воситаи сабзавотрезакунак пора карда дар равґан то сурх шуданаша бирён мекунем. Сипас ба як табақи калон ҳар як маҳсулотро гирифта бо алоҳидагӣ гирди табақ мегузорем ба рангҳои маҳсулоти тайёршуда эътибор диҳед. Рангҳои ҷо ба ҷо гузоштани маҳсулотҳо ҳафт рангро ташкил диҳад. Шумо метавонед ба миёнҷои табақ нахуди кабудро гузошта ба рӯи маҳсулотҳо майонезро ба таври ороиши резед. Хӯриши орододаро ба рӯи миз гухошта пеш аз истеъмол намудан онро омехта кунед.

Кори амалии №9
Хӯриши «Нафис» (нежность)
Таҷҳизот ва асбобҳо: манқал (плита), дег, кафлез, корд, қошуқ, тағорача, табақ, тахтачаи сабзавотӣ,ҷавлӣ (дурушлак), хӯришдон.

Миқдори масолеҳ бо грамм - биринҷ - 100 гр, ҷуворимаккаи очаронӣ - 50 гр, бодаринг - 50 гр, гӯшти моҳи (крабивый палочки)

Технологияи тайёр кардани хӯриш

Бриҷро шуста дар об 20 дақиқа ҷӯшонед сипас онро бо оби хунук шӯед аз ҷавлӣ гузаронед ва барои хунук шудан гузоред. Гӯшти моҳи (крабивый палочки) бодирингро наргизи реза менамоем. Ҷуворимаккаи очарониро гирифта ва ҳамаи маҳсулотҳои коркардашударо ба тағорача андохта майонезро ба табъи худ андохта омехта мекунем ва ба хӯришдон меандозем.
Шумо метавонед хӯришро бо кабудиҳо оро диҳед.

? Саволу супориш:
1.Кадом навъи хуришҳоро медонед?
2.Таркиби хуришҳо аз чӣ иборат?
3.Тарзи пора кардани сабзавотро барои хуриш гӯед?
4.Дар бораи сабзавот маълумот диҳед.
5. Дар кори амалӣ ягон намуди хӯришро интихоби тайёр намоед.
§7. Одоби сари дастурхон
1.Дар назди миз рост шинед, саросемавор таом тановул накунед, онро нағз хоида фурӯ баред, дар вақти таомхӯрӣ нахандед, нӯшокӣ ва таоми бисёр гармро истеъмол накунед.
2.Талаботи бехатариро риоя кунед. Бо асбобҳои ошхонагӣ бо эҳтиёт муносибат кунед. Бо қошуқ, чангак, корд дар вақти таомхӯрӣ аҳамият диҳед.
3.Агар чизе лозим шаваду аз худатон дуртар бошад даст дароз накунед. Аз шахси дар наздатон нишаста илтимос кунед ва баъд аз гирифтан миннатдории худро ҳатман баён кунед.
4.Баъд аз таомхӯрӣ иҷозат гирифта аз ҷой хезед ва ба соҳибхона миннатдорӣ баён карда равед.

Оростани дастурхон.

Оростани дастурхон ин тайёрии миз барои тановули таом ва тартиби гузоштани асбобҳо дар рӯи он мебошад. Рӯи миз зебо бошад он гоҳ ҳолати хуш, табъи гуворо ва иштиҳои таомро таъмин мекунад. Дар вақти оростани дастархон ба ягон масолехро ки рӯи мизро аз гармӣ нигоҳ дорад мегузоранд Баъд дастурхони рангубораш равшанро аз
болои инҳо паҳн менамоянд.
Ба миз аввал он чизҳое, ки барои таноул лозим атвиёт ва боз асбобҳои ошхонагӣ (қошуқ, корд, чойнак) гузошта мешавад ва таомнома (меню) миқдори ҷои нишастро дар миз нишон медиҳанд.
Таомнома (меню) – ин номгӯи таомҳо, газаку хуришҳо ва барои пагоҳи, хӯроки нисфирӯзи ва шом аст.
Сипас табақчаи таомро назди ҳар кас гузошта аз тарафи чап чангак ва аз тарафи рост корду қошуқ мегузоранд. Чой ё нӯшокиҳои дигар, шираворихо ва меваҳоро баъди истеъмоли таом ба дастурхон бояд гузошт, зеро дастурхон барои ҳамагон оро додашуда касро ба тановули бомаънию бо низом, истифодаи дурусти қошуқу корд ва чангак одат
кунанд. Истифодабарии ин асбобҳо чандин садсолаҳо идома дорад ва чун унсуру одоби таомхӯрӣ қабул шудааст.
Истифодабарии онҳо нафақат барои завқ овардани гирду отрофиён, балки ахлоқу одоби таомхӯрии онҳоро нишон медиҳад. Барои ёд гирифтан ва тайёр кардани миз барои истеъмоли таом талаботҳои санитарии гигенӣ, амалӣ, эстетики (зебоӣ) ва бехатарии корро риоя кардан лозим аст. Дастурхон яке аз унсурҳои асосии ороиши низ мебошад. Дастурхонҳо гунногунранг, гунногунматоъ ва гунонгуннақш мешаванд. Шумо метавонед онҳоро мувофиқи зарфияташон интихоб кунед.
Хонанда ба дараҷаи ифлосшавӣ дар асбобҳои ошхонагӣ зарфҳо ва ғайра аҳмият диҳанд пеш аз шустан ба навҳо ҷудо кунанд. Навбатдор вазифадор аст, ки ҳама асбобҳои истифодашудаи синфхонаи технологияро тоза карда монад. Ва умуман нафақат пеш аз ороиши дастурхон барои меҳмонон ё рӯзҳои ид, мавлуд, балки ҳаррӯз таомро бо ороиши дастархон истеъмол кардан лозим аст, чунки он тартиботро дар миз таъмин кардани ҳозирон бо асбобҳои зарурӣ ва асбобҳои ошхонагӣ истифодабурданро меомӯзонанд. Зебо гузоштани миз дуруст гузоштани ассбобҳи зарурӣ ва ороиши таом табъи касро болида ва иштиҳоро баланд мекунад. ороиши дастурхонро ҳаррӯз ичро кардан лозим аст. Барои худ чун истфодабурдани корд, қошуқ, чангак, ки он зарурияти ҳар як инсони бо маданӣ мебошад, қабул намояд. Дар тарабхона ороиши мизро пешхизмат дар ҳавопаймо стюардесса ва ғайра ичро мекунад.

Маслиҳати кадбону

Дар вақти ба меҳмонӣ рафтан тӯҳфа чӣ хел бояд интихоб карда шуда бошад. Тӯҳфаро бояд пешаки интихоб намоед фикр карда ба сину сол мувофиқ. Агар тӯҳфа худсоз бошад, ба мисоли гулдӯзӣ, кашидадӯзӣ дар сачоқчаву дастӯрхон, чойникпӯшаку чойнакмонак, дастқапак тӯҳфа арзанда ҳисоб мешавад.

Агар кори дастиат набошад, он гоҳ атру упо, рўймолҳои сарбанд ва ғайра барои хешони наздик беҳтар мешавад. Ҳаракаткун, ки тўҳфаҳоят қиммат набошад, зеро агар соҳибхоназан шароити иқтисодиаш паст бошад то ба ҳолати ўро ногувор нагузоред.
Қабул кардани тўҳфа ҳам кори осон нест. Шахси бо тамкин ва хушмуомила дар вақти тўҳфаҳоро гирифтан ё баъди кушода дидани тўҳфа хоҳ маъқул бошад хоҳ не, бояд ташаккур ва миннатдории худро намояд. Агар ҷои тўҳфа ширинӣ конфет, маҳсулотҳои қаннодӣ, ё дигар ширениҳоро барад, бояд ба меҳмони нишаста пешкаш кунед. Акнун доир ба ранги тўҳфаҳои рангаш сурхи баландро ба модар, хоҳар, бибӣ, келини нав беҳтар мешад ҳадя кунед.
Барои занҳо гули кушодаро тақдим намоед беҳтар аст. Ба духтарони ҷавон гулҳои рангаш кушод ва гулғунча.
Ба шахсони пир беҳтар мешавад гулҳои зебои шукуфта ё ин ки тубакчаҳои гулдорро, ки дар хона нигоҳ медоранд, тақдим намоед. Дар вақти қабули меҳмон фарзандон ба модару падар бояд хизмат намуда, ҳамаи супоришҳои _____дар назди меҳмон супурдаро ичро намояд, бо чеҳраи кушод ҳарчанд аз мактаб ғамгин омада бошед, ё бо дугонаҳоятон қаҳри шуда бошед дар назди меҳмон бо чеҳраи кушод хизмат намоед.

Инро дар хотир доред
Пеш аз таомхўрӣ дастатонро бо собун шўед, дар вақти таомхўрӣ ва ба охир расидани таомҳо даст ва даҳонро бо сачоқча пок кунед

Савол ва супориш
1. Барои ороиши дастурхон кадом намуди асбобҳоро истифода мебаранд.
2. Қоидаи дуруст нишаст дар рўи мизро гўед?
3. Зарҳои дар синфхонаи технология бударо шўед ва кадом маҳлул ё моеъро истифода бурдед гуфта диҳед.

§ 8. **Ороиши дастурхон барои хўрокҳои тайёр карда**
Ороиш ва гузоштани асбобҳо ба дастархон
Ороиши дастурхонро аз наҳорӣ сар мекунем. Доир ба аҳамияти ороиши дастурхон олими рус И.П.Павлов гуфтааст: «Аз ҳама хўроки нағз ва фоидаовар ин бо иштиҳо ва бо завқ хўрок хўрдан мебошад».
Истеъмоли таоми болаззату ҳархела бо ороиши зебои дастурхон ба табъи хуш оварда мерасонад. Ороиши дурусти дастурхон ботартибии мизро нишон медиҳад. Шароити нағз дар назди миз нишастагон аз он сабаб, ки барои ҳар кас асбобҳои ошхонагӣ зарфҳо ва асбобҳо барои таоми умумӣ ва истифода баранда чунин гузашта мешавад. Асбоб, зарфҳо, қошуқу чангаку корд ва ҷойгиршавии онҳоро дуруст истифода бурдан лозим аст. Дар рўи миз барои чӣ корд гузошта шудааст, барои чӣ барои таоми умумӣ қошуқ гузошта шудааст, онро чӣ гуна истифода бурда мешавад бояд донист

Кори амалӣ №10
Истифодабари ва гузориши асбобу зарфҳои ошхонагӣ

www.komron.info

Таҷҳизот: Як миз, 6- курси, 1 - дастурхон, 6 - сачоқча, 6-ги зарфҳо, 6-ги табақча барои таоми якум, дуюм ва хўриш, 6 - тоги қошуқ, корд, чангак, 1 - дона гулдон ва ғайра.

Рафти иҷрои кор

Ба расми 12 бодиққат назар карда ёбед ва ба ин асбобҳо кадом намуди таомро истифода мебаранд муайян кунед. Ороиши дастархонро ба табъи худ интихоб карда, ороиш диҳед. ҳамчунин асбобҳои ошхонагиро (қошуқ, чангак, корд)-ро чигуна доштан ва онро дар кадом ҳолат истифода бурдан ва гузориши онҳоро ба рӯи миз аз худ кардан лозим аст. Қоидаҳои нишастан дар назди мизро аз худ кунед. Метавонед ин қоидаҳоро як хонанда хонад, дигар хонандагон бошанд ҷавоб диҳанд ва дурустии ин саволҳои амалиро нишон диҳанд. Монанди барои чӣ одамон ба миз дер мемонанд ва чӣ бадӣ дорад? Ҷавоб: Агар ба миз дер монанд, он гоҳ дар назди миз нишастагонро ба ташвиш мегузорад.

Таоми тайёр кардаамон хунук мешавад, соҳибхоназан ҳамаи он таомҳо, ки дар назди миз гузоштааст аз дигар гарм карда оварданаш лозим аст. Ё ин ки саволи дигар: Барои чӣ бо шаст нишастан мумкин нест? Ҳамчунин ба таги миз пойро дароз кардан мумкин нест? Курсиро ҷунбонида нишастан лозим нест? Ё ба назди миз хамшуда нишастан ва ба болои табақчаи дар пешатон гузошта хам шуда нишастан мумкин нест.

Хонандагон ҷавоби ҳархела медиҳанд. Яке аз онҳо ҷавоб медиҳад, ки бояд дар назди миз рост нишаст, то ки ба сари миз нишастагон халал нарасонад. Ғайр аз ин барои худи одам мувофиқ буда, баҳри дуруст таъом истеъмол кардан низ мувофиқ аст. Дар вақти ҷавоб додан ба «Ороиши дастурхон», дуруст истифодабарии асбобҳои ошхонагӣ (қошуқ, корд, чангак), ки дар кабинети технология мавҷуд аст аҳамият диҳед.

Расми 12**. Ороиши миз**

а) Тарзи ороиши миз барои чор кас ва ҷойгиршавии асбобҳои истифодашаванда.

б) Тарзи ороиши миз дар тарабхонаҳо.

Истифодабарии асбобҳои ошхона

Тартиби ороиши дастурхонро барои наҳорӣ, пешин, шом, иду айём донанд. Барои ин албатта қоидаҳою вазифаи истифодабарӣ ва муносибат бо асбобҳои ошхона ва лавозимоти ошхонагӣ ё баъзан асбобҳои ёрирасонӣ мегӯянд, (қошуқча, корд, чангак ва ғайра) донистан лозим.

Баъзан фикр мекунанд, ки иҷрои қоидаҳои таомхӯрӣ, истифода бурдани қошуқ, чангак, корд, донистани қоидаҳои истифодабарии онҳоро зарур намешуморанд, баракс онҳоро проссеси изофагӣ ва нолозимӣ дар таомхӯрӣ мешуморанд. Аммо ин одоби қабулшуда дар таомхӯри асрҳо инҷониб чун қоидае мебошад, ки он дар амалия санҷида шудааст. Асбобҳои ошхонагӣ маданияти таомхӯриро нишон медиҳанд.

Қоидаҳои дуруст истифодабарии онҳо на фақат барои ба завқ овардани атрофиён, балки маданиятнокии шахсро нишон медиҳанд. Агар чангакро бо ангуштони даст нагирифта, бо дигар ҳолат гирем, оринҷ бардошта мешавад, ки ин ба ҳамроҳи нишастаамон халал мерасонад. ҳолати ҷойгиршавии асбобҳои ошхона (қошуқ, корд,

чангакро) бо маданият таомхӯриро нишон медиҳад. Барои ин корд, қошуқ, чангакро бо табақи истифодашаванда мувозӣ мегузоранд.
Табақчаро дар ин ҳолат аз худ намеғеҷонанд, агар таомхӯриро тамом накарда, каме дам гирифтанӣ бошед, он гоҳ корд ва чангакро бо нӯгаш ба канори табақча, ё ки ҳар дуи онро барои тоза нигоҳдории дастархон дар шакли зарб ба дохили табақча мегузоранд. Ин қоидаҳоро риоя кардан душвор нест. Фақат дар вақти истифодабарӣ каме зиракӣ ва хушзеҳнӣ риояи ин қоидаҳоро осон мекунад. Дар вақти зиёд будани табақча, қошуқ, корд ва чангак дар мизи идона табақчаҳоро дар масофаи 3-5 см аз канори миз мегузоранд.
Асбобҳои хӯрокхӯрӣ (корд, қошуқ, чангак)-ро ба канори табақчаҳо мегузоранд, баъд паи ҳам мувофиқи вазифаашон гузошта мешаванд. Дар тарафи рости табақча кордро мегузоранд, ки теғаш ба табақча нигаронида шуда бошад. Ба канори табақча наздик қошуқи таомхӯриро бо тарафи барҷаста (вогнутой) ба поён ва чангак бо тарафи дандонҳояш ба боло аз тарафи чап ба канори табақча мемонанд гузошта мешавад. Ба он наздик барои таоми дуюм ва баъд барои хуришҳо асбобҳои боқимонда таомхӯриро барои десерт бо болои табақча гузошта мешавад.
Ҳамчун ороиши мизи идона дастархони сафеди тоза дарзмолкардаро меандозанд. Дастӯрхони дигар хел рангро бо гулдӯзӣ ва бо ҳар гуна ороишот ҳам истифода мебаранд. Таомҳоро дар вақти омадани меҳмон ё дар вақтҳои муайян оварда медиҳанд. Агар таомҳо ба табақча гузошта шуда бошад, онҳоро аз тарафи рости меҳмон дароз мекунанд.
Агар ба табақи умумӣ додан лозим бошад ва ҳар кас худ мегирифта бошад он аз тарафи дасти чап дода мешавад. Умуман ороиши дастархони рӯзи мавлуд дар як миз тартиби якхела вазифа ва истифодабарии асбобҳои ошхона: қошуқҳо, кордҳо, чангакҳоро, ороиш бошад (якхела) асбобҳо, дастархон ва сачоқча (салфетка) гузошта шуда бошад. Хонандагон бояд донанд, ки баъзан барои осон фарқ кардани асбобҳои ошхона аз дигар асбобҳои ёрирасони таомхӯри, яъне кадом таомро чӣ хел ва бо чӣ меҳӯранд бояд донанд.

Қошуқ

Қошуқ ҳанӯз дар асри Х маълум буд. Аввалин намуди қошуқро аз чӯб барои одамони бой месохтанд. Баъдан аз нуқра барои ҳамаи намуди таомҳо месохтагӣ шуданд. Паси ҳам шакл ва андозаҳои гуногун шуданд, мувофиқи вазифаашон (таиноташон). Инак, таоми равонро ба қошуқе истеъмол мекунанд, ки онро барои таомҳои якум таъин шудааст. Вақте ки таом дар табақчаи чуқур ё дар косачаҳо (чашка) – кашида шудааст,
фақат боқимондаи таоми суюқро оҳиста бо фурӯбарии майда хӯрдан мумкин аст. Дар ҳолати истеъмол кардани таоми якум қошуқро аз дастакаш ба дасти рост мегиранд. Умуман, ҳамаи намуди шавларо бо қошуқ меҳӯранд. Дар вақти истеъмол кардани дисерт қошуқи дисертиро истифода мебаранд. Дар вақти таомхурӣ қошуқро мувозӣ ва камтар дастакашро аз худ давр занонда (поварачивая) бе овоз меҳӯранд.
Қошуқи чой барои нӯшидани чой, қаҳва бо шир ва қаҳваи сиёҳ лозим аст. Бо он шакарро омехта мекунанд ва мурабборо меҳӯранд.
Агар чойро ба стакан рехта бошанд, қошуқчаро мегузоранд, аммо дар пиёла (чашка) ҳеҷ гоҳ намемонанд. Бо қошуқи худ аз шакардони умумӣ шакар ё қанди рафинад гирифтан мумкин нест. Барои ин бо қандро сиқонаки махсус ё бо нӯги даст мегиранд. Барои шакар қошуқи махсус гузошта мешавад. Қошуқ боз вазифаи дигар низ дорад, мисол бо он

донакҳои олуча, ангур, апелсин ва ғайра, ки дар зарф қарор дорад, мегиранд. Баъзе меваҷотро мехӯранд, монанди грейпфрут, тарбуз, харбуза ва ғ.
Бо қошуқи махсус хуришро аз табақи умумӣ ба табақчаи худ мегузоранд. Барои рехтани қайла (соус) қошуқи махсуси соусро истифода мебаранд.

Боз дигар намуди қошуқҳо ҳастанд монанди:
Кафлесқошуқ (шумовка) –аз ҳама қошуқи калон ҳисоб мешавад, ки барои рехтани таоми равон ва компот истифода мешавад. Онҳо ҳар хел шакл ва андоза доранд. Боз қошуқ барои мураббо ва аз ҳама хурдтарин қошуқ барои доруворихо.

Расми 13**. Намуди қошуқи хӯрокхӯрӣ**
а) қошуқ барои таом.
б) қошуқ барои дисерт
в) қошуқ барои чой
г) қошуқ барои қаҳва

Намуди чангакҳо (вилкаҳо)
Онро 700-800 сол инҷониб истифода мебаранд. Дар асрҳои миёна ва баъдан онро аз металлҳои қимматбаҳо, мисли тилло, нуқра, ё устухони фил месохтанд. Бинобар онҳо асосан дар мизи одамони доро истифода мешуданд. Бисёр одамон дар гузашта таомро бо даст мехӯрданд. Зеро чангак (вилка) на барои ҳама дар гузашта дастрас буд. Чангакҳои қадима нисбат ба ҳозира 1,5-2 маротиба калон буданд.

Вазифаашон барои тақсим кардани ҳиссаҳои калони гузоштаи гӯшт ва паррандагон иборат буд. Шумораи дандонҳояш (шохаҳояш) асосан 2-то буд. Бо гузашти вақт ки анвои таомҳо хеле зиёд шуданд, вазифаи чангакҳо низ васеъ шуд.
Дар асри XVII дандонҳои чангак сето шуд ва дар асри XIX шумораи дандонҳояш то чор расид. Дар Россия чангакро ҳам чун воситаи таомхӯрӣ ба мизи хӯрокхӯрӣ дохил карданд. ҳозир бошад ба он таомҳои дуюмро мехӯранд. Ғайр аз ин чангакҳо вазифи махсус дошта, бо хуриш низ мехӯранд, ки он аз чангакҳои оддӣ бо андозаҳояш камтар фарқ мекунад. Чангак барои дессерт бориктар аст, чангаке, ки моҳиро
мехӯранд 3 ё 4 дандон дорад, аммо онҳо кӯтоҳ ва нисбат ба чангаки газак васеъ таранд. Чангак барои лимӯ аз он хурдтар ва 2 шоха дорад.
Аз ҳама чангаки калон, ки бо он ҳиссаи гӯштро мегиранд бо ду дандони калон мавҷуд аст. Аз ҳама чангаки асил чангак барои хуриш (салатная) аст, ки бо он хӯрушҳоро ба табақчаҳо мегузоранд. Он шакли ниммудаввар дошта, дандонҳояш васеи кӯтоҳ мебошанд. Боз дигар хел намуди чангакҳои махсус ҳастанд. Масалан, барои гирифтани харчангҳо чангакҳои махсус вуҷуд доранд.. Ғайр аз ин боз чангакҳое ҳастанд, ки ба асбоби (раскладывание) таом дохил мешавад.

Расми 14**. Намуди чангакҳо**
а) чангак барои таомхӯрӣ
б) чангак барои хӯриш
в) чангак барои дисерт

г) чангак барои моҳи
д) чангак барои мева ва лимӯ

Намуди кордҳо
Кордро аз қадимулайём дар таомпазӣ истифода мебаранд. Он аввал аз чӯб, металлҳои пӯлодӣ, нуқра ва тилло сохта мешуд. Корд ҳангоми хӯрокхӯрӣ барои ичрои амалҳои гуногун истифода бурда мешавад. Он на фақат буридани масолеҳи таом, балки барои ичрои баъзе ҳолатҳои ёрирасон низ лозим аст. Бо он ва бо ёрии чангак устухони моҳиро ҷудо мекунанд, равғанро ба нон мемоланд, нонро пора мекунанд, меваҷотро аз пӯсташ тоза мекунанд ва ғайра. Кордро бо панҷаҳои калони нишондиҳанда ва панҷаи миёнаи дасти рост меқапанд.
Аз ҳама корди калон дар ошхона барои таомҳои гӯшти аст. Баъд аз он паи ҳам корди газак (закусочный), барои десерт мавҷуданд. Корд барои моҳӣ шакли алоҳида дорад, қисми охири он мудаваршакл аст, корди махсус барои меваҳо шакли хоса дошта баъзан ба корди равғани маска бо белчаи дарозшаклаш монандаст. Корд барои панир шакли 3-то дандончаи кӯтоҳ дорад.. Корди дандончадор барои буридани лимон ва баъзан барои буридани нон ҳам истифода мешавад. Дар вақти шиносшавӣ бо асбобҳои ошхонагӣ, албатта қоидаҳои истифодабарии онро низ аз худ кардан лозим аст.

Расми 15. Намуди кордҳо
а) корд барои ошхона
б) корд барои дисерт
в) корд барои хӯриш
г) корд барои моҳи
д) корд барои мева

Масалан, дар вақти таомхӯрӣ онро ба табақча расонида, овози онро баровардан мумкин нест. Агар таоми навбатиро дертар оранд қошуқу чангакро бо ҳамдигар зада ва ё аз як даст ба дасти дигар гирифта, бетоқатӣ накунед. Дар вақти гирифтани асбобҳо ангушти худро ба як тараф намонед. Ин нишонаи беодобӣ ва бетарбиягӣ аст.
Дар вақти истифодабарии корду чангак онҳоро бо кунҷи на он қадар калон нисбат ба табақча нигоҳ медоранд.
Қоидаҳои маҳдуди вазифаи корд ҳангоми таомхӯрӣ мавҷуданд. Мисол, бо корд таомро ба чангак намеандозанд, он чизе, ки бо чангак гирифтан мехоҳед, фақат ёрӣ мерасонанд. Дар вақти корд ва чангакро истифода бурдан, таомро пурра бо корд бурида, баъд бо худи чангак хӯред, вагарна дар ин ҳолат рӯи табақ бетартиб менамояд ва ё он чизе,
ки танҳо ба чангак мехӯранд бо корд буридан лозим нест. Монанди котлет, тефтели, запеканки ва ғайра. Ва он гоҳ фақат бо чангак бо дасти чап мехӯранд. Бо корди моҳӣ дар табақча намебурданд фақат ёрӣ мерасонанд, ки гӯшт аз устухон ҷудо шавад, баъд онро бо чангак истеъмол мекунанд. Бо асбоби худ аз табақи умумӣ гирифта ба табақи
худ нагузоред, барои ин корд ва чангаки махсус гузошта мешавад. Дар ин ҳолат кордро дар дасти чап ва чангакро бо дасти рост нигоҳ медоранд. Дар вақти буридани гӯшти дар болои табақчабуда (гӯшти сахт бошад) бо қувваи зиёд пахш накунед ба теғаи корд дастро буридан мумкин нест. Дар вақти буридан равиши корд ба тарафи худ бошад,

аммо теғаи (лезвия) корд ба канори табақча нарасад. Урфу одатҳои миллиро ба назар гирифта, ба дастархон кадом намуди асбобро гузоранд, онро истифода баред, аммо хоҳиши худро гуфта соҳиби хонаро ба хиҷолат намононед, ки ин аз рӯи одоб нест.

Расми 16. Истифодаи асбобҳои ошхона

Сачоқчаҳоро ҳамроҳи асбобҳои ошхона истифода мебаранд. Аз қадимулайём ба миз сачоқча дар шакли секунҷа, квадрат ва ғайра мегузоранд. Онро ба табақчаи хурд, ки дар тарафи рост (барои таоми дуюм) аст гузоштан хуб аст.

Ҳеҷ гоҳ сачоқчаро гирди гардан напечонед, ё онро ба гиребон нагузоред, ки ин қоидаҳои кӯҳнашуда мебошад. Сачоқчаро аз тахаш кушода, ба рӯи зону гузоред. Бо он даст пок накунед, барои ин сачоқчаҳои қоғазин мавҷуданд. Дастмоли қоғазиро истифода бурда, баъд онро ба табақчаи истифодабурдаи худ гузоред. Салфеткаи матогиро аз тарафи рости табақчаи истифодабурда мегузоранд, агар табақчаро гирифта бошанд, ба тарафи худ такя карда гузоред.

Камтар аз таърихи пайдоиши салфетка

Сачоқчаҳо (салфедка) – «sўғіўttў» аз калимати франсавӣ гирифта шуда, дастмолча, коғази мулоим барои пок кардани дасту лаб ҳангоми таомхӯрӣ ё баъд аз он аст. Онро римиҳо аз қадим истифода мебурданд.

Ҳозир ҳам сачоқчаҳои қоғазин ва матогин васеъ истифода бурда мешаванд. Дар вақти оростани мизи идона мувофиқи қоида сачоқчаҳои қанотӣ якрангаш бо дастархон нағз дарзмол карда ва камтар крахмал дода бошанд.

Барои он ки сачоқча дар миз зебо намояд қоидаҳои таҳкунии сачоқчаро аз худ кардан лозим аст. Дар расми ороиши миз як намуди таҳ кардани сачоқчаҳо нишон дода шудааст. Шумо метавонед бо хоҳиши худ дар соати кори амалӣ якчанд намуди таҳкунии сачоқчаҳоро бо ҳамроҳии дугонаҳотон ва муаллиматон иҷро намоед.

Қоидаҳои таҳкунии сачоқчаро аз худ кунед

Қоидаҳои зебо ба рӯи мизгузориро омӯхтан лозим аст. Сачоқчаҳо (салфеткаиҳо)_ таҳкардаро ба назди асбобҳо ё ба рӯи табақчаи қаннодӣ мегузоранд. Сачоқчаҳои қоғазин боз дар вақти додани маснуоти хамирини истифода бурда мешаванд.

Намуди зебо ва тартиби ороиши миз иштироҳоро мекушояд ва шираи меъдаро ҳосил мекунад, ки он ба ҳазмкунии таом мадад мерасонад.

? Савол в супориш

1. Вазифаи асбобҳои дар рӯи миз гузоштаро гуфта диҳед.
2. Ба рӯи миз гузоштани асбобҳои корд, чангак, қошуқро амалӣ нишон диҳед.
3. Агар дар кабинети технология шароит муҳаё бошад ороиши дастурхон ва тарзи гузоштани асбобҳо ва сачоқчаҳо барои шаш нафар амалӣ иҷро намоед.

§ 9. **Тарзи гуногуни тайёр кардани хӯрок аз таоми якум сабзавот.**

Тайёр кардани сабзавот барои таомҳои миллӣ қобилият ва дониши махсусро талаб мекунад Хусусияти тайёр кардани таоми 1-ум дар ошхонаи миллӣ вобаста аст ба технологияи он. Баъзе намудҳои таоми 1-умро бо ду роҳ тайёр мекунанд.

Роҳи якум технологияи тайёр кардани он ин аст, ки аввал гӯшт, пиёз, сабзиро бирён мекунанд, баъд об мерезанд ва баъд сабзавотро меандозанду булоён тайёр мекунанд. Бо алови паст дар мӯҳлати 1-1,5 соат то тайёр шудан мепазанд. Аммо онро пухта намегузаронанд ва аз алов гирифта намемонанд. Фақат пас аз 5-10 дақиқа дам додан бо риоя кардани қоидаҳои ороиш ба дастархон мегузоранд.

Роҳи дуюм: Барои тайёр кардани булон ба назар гирифта мешавад бурдаҳои калони гӯшт бо устухон дар алови паст 2 соат ё аз он зиёд пеш аз пухта шудани булон пиёзи маҳин реза карда, сабзавот, кабудӣ ва доруворихо паси ҳам ба он ҳамроҳ мекунанд. Моддаҳои эстрактивии гӯшт мазаи махсуси ба таом мувофиқро пайдо мекунанд. Мӯҳлати пухтани таом ба масолеҳи истифодаи он вобаста аст. Ба таомҳои 1-ум ҳамаи намудҳои таомҳои равон дохил мешавад, аз қабили шӯрбо, мастоба, угро ва ғ.
Аз он сабаб, ки дар таомҳои 1-ум ба ғайр аз гӯшт, мурғ, моҳӣ бисёр намуди сабзавот, каду, шалғам, картошка, пиёз, помидор, сабзӣ ва ғайра меандозанду адвиёту кабудиҳоро истифода мебаранд, онҳо барои организми одам фоидабахш мебошанд. Дар таркиби онҳо моддаҳои (углевод), сафеда, намакҳои минералӣ, витаминҳо ва боз бисёр моддаҳое, ки барои саломатӣ аҳамияти калон доранд, мавҷуданд.
Дар таомпазӣ миллӣ таомҳои 1-ум баъзан фақат бо сабзавоту кабудиҳо ва адвиёт булён тайёр мекунанд ва дар ин вақт гӯшти пухтаро барои таоми 2-ум истифода мебаранд.
Паҳншудатарин таомҳои 1-уми ошхонаи миллӣ ин шӯрбо, мастоба, угро мебошад. ҳоло номгӯи таомҳои 1-ум зиёд шуда истодааст. Аз ҳисоби истифодабарии маснуоти макаронӣ ва ҳар хел ярмаву сабзавотҳо таомҳои гуногуни якумро омода менамоянд.

Маслиҳати кадбону
Гӯшти равғандори гӯсфанд ё говро нағз шуста ба деги обдор гузошта дар алови паст мегузоред. Кафки сафедашро муттасил гирифтан лозим аст. Баъд ба дег пиёзи резакардаро андозед. Пеш аз таом пухта тайёр шудан чанд барги ғорро барои хушбӯй андозед. Вақте ки булён ҳариб тайёр шуд, камтар намак андозед. Дар вақти ҷушиш равғанашро бо қошуқ гирифта, ба косаи алоҳида гузоред.
Булён камаш 2 соат пазад, ки ин ба ҳолати пухтани гӯшт вобаста аст. Шӯрбо хӯроки равғании иштиҳоовар буда, нағз ҳазм мешавад ва онро ҳамчун таоми якум тановул мешавад. Вобаста ба тарзу усули тайёр намудан шӯрбо гуногуннавъу гуногунтаъм мешавад.

Кори амалӣ №11
Технологияи тайёр намудани хомшӯрбо

Таҷҳизот ва асбобу анҷоми зарурӣ: дег ё кастрюл, корд, тахтачаи гӯштбурӣ, қошуқ, табақчаю косаҳо.

Миқдори масолеҳ: гӯшт-500 г, думбаи карт – 100 г, сабзӣ – 250 г, шалғам 1-2 дона, қаламфури булғорӣ 2-3 дона, бехпиёз- 250 г, картошка –300 г, помидор – 2 дона, ё як қошуқ қайлаи помидор, кабудӣ -1 бандча, намаку мурч ё қаламфур мувофиқи табъ.

Технологияи тайёр кардан

Гӯшти гӯсфанд (тӯш, кабурға ва каме равғанаш)-ро шуста ба деги обдор андохта мечӯшонем. Баъд аз ба чӯш омадан бехпиёзро ҳалқа- ҳалқа реза карда меандозем. Ба шӯрбо аввал сабзӣ, баъд шалғам ва дар охир картошкаро бо фосилаи 10-15 дақиқа меандозем. Ба шӯрбо пеш аз пухтан помидору адвиёт меандозем. Хомшӯрбо дар оташи паст пухта мешавад. Ба дег мувофиқи масолеҳ об андохтан лозим аст. Агар гӯшт дар оби гарм андохта шавад, лаззаташ дар худаш мемонад.
Дар рӯи миз, нон, чой, адвиёт корд, қошуқ ва чангакро мегузоранд. ҳоло чунин сачоқчаҳои коғазӣ ва матоиро барои дастпоккунӣ мувофиқи табъ тах карда мегузоранд. Баъд аз таом бо чойнаки чинӣ чой ва пиёла, меваҳои хушк, чормағз ва мураббоҳои гуногун ва маснуоти ҳархелаи ширин медиҳанд.
Қисмат бандӣ (порсия кардан) ва ороиши таом қобилият ва дониши махсусро талаб мекунад. Албатта барои дуруст интихоб кардани намуди таом, тайёрӣ дида, унсурҳои ороишро ба назар гирифтан даркор аст.
Ҳарорати таом. Таомҳои гарми 1-ум ва 2-умро ба миз дар ҳарорати аз 650 паст намениҳанд. Сифати таомро бо дег дар оби чӯшон 2 соат нигоҳ доштан мумкин аст. Агар аз ин муддат зиёд нигоҳ доранд сифати таоми тайёр паст ва арзиши ғизогӣ ва фоидаовариаш паст мешавад.
Бинобар он таоми гармро бо ҳамин ҳисоб тайёр кардан лозим, ки онро дар ҳолати нав буданаш истеъмол кунанд. Пеш аз истеъмоли таом сифат, ранг ва бӯю маззаашро санҷида, баъд ба рӯи миз додан лозим аст.
Дар тарабхонаҳо ошхонаҳо, каҳвахонаю кори ороиши миз,додани таоми тайёрро махсус касб ичро мекунад, ки пешхизмат меноманд, ки либоси махсуси доранд.

Миқдори арзиши хӯрок (каллория)
Миқдори арзиши хӯрока (каллория) дар тақсимоти шабонарӯзии хӯрокхӯрӣ дар ҳар гуна намуд, чунин хел тавсия карда мешавад:
Миқдори арзиши хӯрок дар наҳорӣ (субҳона) ва дар бегоҳӣ бояд якхела (25%) бошад. Хӯроки миқдори арзишаш (каллориянокӣ) баланд дар нисфирӯзӣ (35-36%) истеъмол шуданаш лозим аст. Дуюм давраи нонушта (барои сменаи дуюм) аз ҳисоби умумии якрӯзаи миқдори арзиши хӯрока 15%-ро ташкил карданаш лозим аст, ки ин тавсияномаҳоро риоя кардан фоидаовар ба саломатӣ аст.
Номгӯи таомҳои субҳона нисфирӯзи ва таоми бегоҳиро чӣ тавр тартиб додан лозим аст. Барои ин тақсимоти хӯрок тавсия карда мешавад.

Нонуштаи пагоҳӣ

Ин хӯроки аввалин қабулкардашуда пас аз 9-10 соати танаффус мебошад. Он ба гузаштани рӯзи дуру дарози интенсивнокӣ мусоидат мекунад ва организмро ба миқдорҳои зарурӣ бо энергия ва материалҳои лозима таъмин мекунад.
Нонуштаи пагоҳӣ (дар хона) бисёр пурра, сер ва миқдори арзишаш калон (колорийнок) шуданаш лозим аст. Дар нонушта таомҳои гуногуни оддӣ ва асосан тайёр тавсия карда мешавад: ҳасиби борик, тухумбирён, панир, тухми нимхом, шавлаи ширӣ, картошкабирён. Аз нӯшокиҳои гарм, қаҳва, какао, чой, ширчой, шири чӯшонида, дода мешавад.
Ҳамчунин бутерброд бо равғани зард, бо панир, бо колбаса, бо мураббои ба витаминҳо бой тавсия дода мешавад, ки миқдори арзиши хӯрокиашон (калориянокиашон) баланд аст.

Нонуштаи дуюм одатан ба танаффуси хониш мувофиқ меояд. Аз ин сабаб ин омил ба пур кардани бақияҳои қувваи организм рост меояд. Хӯроки қабулкардашуда қувваи зиёдеро ба дигар тараф сарф карданаш лозим нест, чунки он ба паст шудани қобилиятнокии кории организм оварда мерасонад. Аз ин сабаб ҳам нонуштаи дуюм бояд сабук (15% -каллоринокии номгӯи хӯроки шабонарӯз) бошад.
Нонуштаи хонандагон бояд аз таомҳои гарми гӯштин ва ё гӯшти моҳӣ, хӯришдор (гарнирдор) бо шавла, фалла (творог), кулчача ва бо 1 стакан нӯшокӣ, чой ё ки қаҳва, какао, оби мева иборат бошад.

Хӯроки нисфирӯзӣ (35% меъёри хӯроки шабонарӯз) дар вояи хӯроки (рацион) шуморо бо гуногуниаш сарфи қувваи организмро дар як рӯзи хониш аз нав пурра карданаш лозим аст. Нисфирӯз аз хӯроки таоми якум, дуюм ва ширинӣ иборат аст.
Хӯриш – ба тез чудо кардани шираи оби меъда (желудочный сок) ёрии калон мерасонад. Ин ба тез ва беҳтар ҳазмшавии хӯрок мусоидат мекунад.
Хӯроки якум - шӯрбои гӯштӣ, моҳидор, мурғӣ ва хӯрокҳои вегетирианӣ хеле болаззат мебошанд. Агар ба он кабудӣ пиёз, шибит, кашнич андохта бошанд боз ҳам бомаззатар мешавад.
Таоми дуюм аз хӯроки обчӯш, гӯшти дампази ҳархела бо қайла ва хӯриши аз кабудию сабзавот тайёркарда иборат аст.
Нӯшокии ширин – кисел компот аз меваҳои навпухта, себу, биҳӣ тайёр карда бошад, айни муддао аст.
Хӯроки баъд аз пешин (полдник) – (15% вояи хӯроки шабонарӯз) аз чурғот, шир, шарбати меваҳо, чой бо кулча, чой бо паниру нонкулча (сирники), чой бо кулчаи рӯяш чаккадор (ватрушка) иборат мебошад.
Ҳамаи ин на танҳо бомазза, балки бисёр фойданок мебошад. Агар мо ба он боз меваҳои гуногун ҳамроҳ кунем, бисёр пурлаззату фоидаовар мешавад.

Хуроки шом – (25% вояи (рацион) хӯроки шабонарӯз) аз ду таом – творог, тухм, сабзавот, шавла ё таоми макаронӣ, шир, кефир, чурғот, нӯшокии ширин (молочный кисель) иборат аст. Хӯроки шом 2 соат пеш аз хоб истеъмол карда мешавад.

Таомҳои гӯштӣ, моҳӣ, хӯрокҳои серравған ва равғани маскаро чун хӯроки шом истифода бурдан номатлуб аст. Баро он ки онҳо дар организм суст ҳазм мешаванд, дар меваҳо бисёр тӯл мекашанд, шабона дар вақти хоб бад ҳазм мешавад.
Ғайр аз он сафедаи гӯшти ҳайвон (гӯсфанд, гов) ба асаб таъмири манфӣ мерасонад, аз ин сабаб хоби шабона ноором мекунанд.

Хӯрокро дуруст ва дар сари вақт хӯрдан лозим аст. Шарти асосии дуруст хӯрдани хӯрокворӣ қатъиян риоя намудан ба реҷаи хӯрокхӯрӣ ва тақсими дурусти озуқа дар давоми рӯз аст.
Дар як рӯз вобаста ба синну сол ва иштиҳо одамон бояд якчанд маротиба хӯрок хӯранд. Аз ҷумла, калонсолон 3-4 маротиба кӯдакон ва наврасон 4-5 маротиба хӯрок тановул мекунанд. Вақти хӯрок хӯрдан асосан ба саҳар (соати 8-9), чоштгоҳ (соати 12.30-13) ва шом (соати 20-20.30) рост меояд. Ба илова ин соати 10.30-11 нонуштаи дуюм ва соати
17-17.30 хӯроки гашти пешинро бояд истеъмол кард. Ҳаҷми ё ки миқдору хӯроки шабонарӯз – (бо ҳамроҳии нӯшокӣ аз 2,5-3 кг (бе нон) иборат аст. Аз ин миқдор:
600 г – наҳорӣ (400 г ба таомҳои асосӣ 200 г бо нӯшоки гарм – як стакон чой, қаҳва, шир.
900 г – хӯроки нисфирӯзӣ (пешин) (300-400 г – хӯроки якум, 300 г хӯроки дуюм ва 200 г – хӯроки сеюм) мешавад.
300 г – хӯроки сабуки баъд аз пешин (полдник).
500 г – хӯроки шом (300 г ба хӯроки асосӣ ва нӯшокӣ).

Расми 17. Ороиши миз
а) ороиши миз барои наҳорӣ
б) ороиши миз барои нисфирӯзӣ
в) ороиши миз барои шом

? Савол ва супориш:
1. Ба таоми нисфирӯзи чиҳо дохил мешаванд.
2. Бо хоҳиши табъи худ таоми якумро интихоб намуда, тарзи пухтани онро ичро кунед ва мизро оро диҳед интихоби.

§ 10 **Таомҳои дуюм аз сабзавот**
Таомҳои дуюмро аз як намуди сабзавот тайёр кардан мумкин
(картошкабирён, карами пухтагӣ, лаблабуи дампаз, котлет аз сабзӣ, каду, шалғам ва ғайра). ҳамчунин аз якчанд намуди сабзавот рагуи сабзавотӣ ё дамламаи аз каду, шалғам, сабзӣ картошка бо пиёз, кабудӣ, помидор ё томати помидор, барги тайёр намудан мумкин аст. Дар таркиби қариб ҳамаи таом сирпиёз андохтан мумкин аст. Дар вақти таоми тайёрро ба рӯи миз гузоштан ба рӯи он кабудӣ - петрушка ё шибит
ва қайла меандозанд.
Сабзавоти бирёнкарда ва дампазро бисёртар ҳамчун гарнир дар таомҳои аз гӯшти моҳию мурғ истифода мебаранд.

Сифати таом ба чунин талабот ҷавоб диҳад:

1.ҳамаи сабзавоти дампазшуда шакли резакардаашро гум накунад ва пухта нагузаштагӣ бошад. Баъд аз пухтан котлети аз сабзи тайёршуда, тухмшакл ва сатҳи рӯяш баробар сурх шуда бошад.
2.Бӯи лаблабу дампаз бояд ба бӯи қаймоқ монанд бошад, рагуи котлети сабзавотӣ бошад ба бӯи сабзавотҳои пухтагӣ хос бошад.
Дар сабзавот бисёр намуди витаминҳое ҳастанд, ки барои организми инсон заруранд.

Кори амалӣ №12

Карамдамлама (карами дампаз) бо гӯшт
Таҷҳизот: дег, сатилча, карамрезакунак, тахтачаи барои сабзавот ва гӯшт, корд, кафгир.

Миқдори масолеҳ: карам _____– 1 дона, гӯшт – 500 г, пиёз – 200 г, равған – 50 г, як бандча кабудӣ, намак, доруворихо мувофиқи табъ. (ҳаҷмаш барои 5 кас).

Рафти иҷрои кор
Карами тару тозаро шуста, ба 4 ҳисса ҷудо карда, пӯсти сахташро гирифта партофта, гӯшти тозаи лаҳми гӯсфандро тоза шуста, майда реза карда, дар равғани на он қадар зиёд бо пиёз, помидор ё қайлаи он бирён мекунем. Баъд камтар об, намак, адвиёт андохта, то пухтанаш дам карда, дар оташи паст пухтанро давом медиҳем. Таоми тайёр ба табақ кашида, қайла, кабудӣ, чошида ба миз дода мешавад.

Ҳисоботи кори иҷрошуда:
1.ҳисоб кардани миқдори маҳсулот барои зергурӯҳи худ. Ҳисоб кардани нархи маҳсулот.
2.Талаботро риоя кардан ва баҳо додан ба таоми тайёр.

? Савол ва супориш
1.Коркарди аввали карамро гуфта диҳед.
2.Барои чӣ карамро барои ин таом маҳин реза намекунанд?

§ 11. **Таоми дуюм аз сабзавот барои гарнир**

Таомҳои тайёр аз сабзавот ҳамчун таоми мустақил ва ҳамчун гарнир додан мумкин.
Миқдори гарнир ба таоми 2-ум бо вазни таоми асосӣ доимо мувофиқ (мутаносиб) бошад.
Мисол, агар гӯшт ё моҳиро барои 1 кас 100 г гирем, он гоҳ гарнир –картошкаи тайёрро 150-200 г аммо макарон ё шавлаҳоро аз биринҷу гречка 100-150 г мегиранд.
Барои ҳифзи витамини С дар вақти коркарди аввал ва бирён кардани картошка чунин талаботро риоя кунед:

1. Дар вақти тоза кардан пӯсти онро бо корди картошка тозакунак ё корди тез маҳин гиред.
2. Картошкаи тозакардаро вақти зиёд дар об надоред.
3. Картошкаро пеш аз бирён кардан, реза кунед.
4. Картошкаи резакардаро батоба (сковородка) ё дег дар равғани доғшуда андозед. Барои то гирдаш парда гирифта сурх шуда пухтанаш сарпӯшаш пурра руст бошад.
5. Картошкаи тайёрпухтаро зуд ба миз диҳед.
6. Коркарди аввалаи картошка иборат аз ҷудо кардан ба навъҳо, шустан пок кардан, боз шустан реза кардан. Барои тоза ва реза кардани картошка кордҳои махсус (желабковый) ва барои пок кардану чашмакҳояшро гирифтан (корекчатый) вуҷуд дорад. Дар истеҳсолоти хӯроки умумӣ асбобҳои махсус картошкаро тозакунанда ҳаст, ки он мӯҳлати корро тез ва осон мекунад дар як соат 125 то 400 кг картошка тоза мекунад.
7. Якчанд намуди технологияи тайёр кардани таом аз картошкаро дида мебароем.

Кори амалӣ № 13
Картошкабирён
Таҷҳизот: дег, сатилча, чавлӣ, кафгир, корди ошхона.
Миқдори масолеҳ: 1 кг - картошка, 300 г - равған намак ба табъи худ.

Рафти иҷрои кор
Картошкабирён. Картошкаро шуста, тоза карда ҳалқашакл реза карда ё наргисӣ карда, дар чавла гузошта бо оби равони хунук мешӯем.
Картошка дар вақти бирён кардан барои он ки крахмалаш онҳоро бо ҳам начаспонад оби онро равонда, тафдонро гарм карда, равғанро доғ карда, картошкаро то пурра пухтан бирён мекунанд. Картошкабирёро дар вақти пухтан намак кунед хуштаъм мешавад. Ба табақчаҳо андохта барои тамъ ва ороиши он бодиринг, помидор, боз ҳар гуна кабудиро бо оби хунуки равон шуста, бо оби гарм обгардон карда мегузоранд. Ба сифати кори иҷрошуда ва таом баҳо диҳед.

Инро дар хотир доред
Дар вақти шустани зарфҳо ҳеҷ гоҳ хокаҳои ҷомашӯиро истифода набаред. Барои ин кор хокаҳои махсус, маҳлулҳо, содда барои шустани зарфҳо мавҷуданд. Дар вақти шустан обро эҳтиёт кунед.
Барои он ки аз картошка витаминҳо ва моддаҳои шифобахш шуста нашавад, обро зиёд ба дег андохтан лозим нест. Ба оби хунук наандозед ва сахт ҷӯш надиҳед.
Картошкаро дар деги сарпӯшдори пурра пӯшташаванда пазед. Ба пухтани он назорат карда истед то ин ки пухта нагузарад.

Кори амалии №14

Картошкаи буғпаз

Таҷҳизот: деги манту, тахтачаҳо, кордҳои ҳархелаи ошхонагӣ, сатилча, чавлӣ, тарозу. (ҳаҷмаш барои 4-5 кас).
Миқдори масолеҳ: картошка – 1 кг, намак, қайлаи ҳулбагин мувофиқи табъ.

Рафти кор:
Ба деги манту об андохта, картошкаи тоза кардаро ба ланганди сӯрохдори деги манту бутун ё 2 ё 4 ҳисса карда мечинанд. Сипас маҳин намак пошида, сарпӯшашро пурра пӯшида, дар алави баланд мегузоранд. Баъд аз ба ҷӯшидан сар кардани об, оташро пасттар карда, 25-30 дақиқа мепазанд.
Картошкаи буғпаз, алалхусус барои тайёр кардани пюреи котлетҳо нағз мебошад.

Кори амалии №15
Картошкаи обпаз

Тайёр кардани пюреи картошка:
Таҷҳизот: дег, элак, тахтача, чавлӣ, кордҳои ҳархела, сатилча, тахтачаҳои сабзавоти, истакон, қошуқи ошхонагӣ (барои 4-5 кас).

Миқдори масолеҳ: картошка - 1кг, шир -200 гр, равған- 2 қошуқи таомхӯрӣ, ё равғани маска, пиёзи кабуд, гашнич ё шибит - 5 г.

Рафти тайёркунӣ:
Картошкаро тоза карда, пӯсташро гирифта, шуста, дар об пухта, обашро метарованд. Баъд картошка хунук нашуда, дар элак метарошанд ё бо белчаи чӯбин (дар шакли нимҷӯва) лат медиҳанд.
Равғану намак ҳамроҳ карда, ба он паси ҳам шири гармро рехта истода, омехта мекунанд. Пюреи картошка ҳамчун таоми алоҳида ё ҳамчун гарнир бо котлет, батончикҳо, забон ҳасибча ва дигар таомҳои гӯштӣ дода мешавад.
Шумо метавонед картошкаро дар ҳолати бутун истеъмол намоед.

Кори амалии №16
Котлети картошка
Таҷҳизот: дег ё тафдон, қошуқи чӯбин, ё картошкакӯбак, тахтачаҳо, кордҳои ҳархела таббохӣ (ҳаҷмаш барои 4-5 кас).
Миқдори масолеҳ: картошка - 1 кг, тухм - 2 дона, орд - стакон, равған - 4 қошуқи ошхӯрӣ.

Рафти тайёркунӣ:

Картошкаи тозакардаро гиред, ба об андохта пазед, обашро таровида, барои хунук шудан 10 дақиқа гузоред. Ба пурра хунук шудан нагузашта, бо картошкакӯбак (нимҷӯваи чӯбин) лат диҳед. Дар вақти ҳосил кардани пюре бо 1 қошуқ равған, зардии тухмро омехта, ва ба котлетҳо тақсим мекунанд. Дар вақти тақсим кардан котлетро ба орд ё нони хушкарда

ғелонида, баъд бирён мекунанд аз ҳар ду тараф дар равған, онро ба табақча гузошта, алоҳида ба он қайла дода ба миз дода мешавад.

Эзоҳ: котлети картошкагинро бо гӯшт, ҳамроҳ карда пухтан мумкин, дар ин ҳолат картошкаро бо пӯсташ пухта аз турбтарош гузаронида, равған, зарди тухм ҳамроҳ мекунанд. ҳамаи онро ба орд ё нони хушккарда меғелонанд, шаклашро мувофиқи табъи худ месозад.

Қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва техникаи бехатариро риоя кунед.

1.Дар вақти тоза кардани картошка ва реза кардани кабудиҳо
қоидаҳо ва шартҳои кор бо кордро риоя кунед.
2.Сарпӯши дегро аз маҳлули гарм дуруст кушоед.
3.Сарпӯши дегро ба дастпӯшак дored.

Ҳисоботи кори иҷрошуда:

1. Барои панҷ порсия ҳисоб кардани картошкаи обпаз бо равған ва кабудиро ҳисоб намоед.
2. Тибқи риояи талабот баҳо додан ба таоми тайёр.

Эзоҳ: - Мо асосан коркарди гармии як намуди сабзавотро
(картошкаро) нишон додем. Шумо метавонед дигар намуди
сабзавотҳоро бо ин роҳҳо (пухтан, бирён кардан, дам карда пухтан, дар
оби ҷӯш мондан ва ғайра), тайёр намуда истеъмол намоед.

? Савол ва супориш:
1.Коркарди аввалаи картошкаро гӯед.
2.Барои чӣ картошкаи тозакардаро аз пӯсташ дар об зиёд мондан мумкин нест?
3. Тарзи тайёр кардани таом аз картошкаро интихоби муаян намуда агар шароит дар синфхонаи технология бошад онро амалӣ иҷро намоед.

Боби 3 Захира кардани маҳсулоти хӯрокворӣ

§12. Захира кардани маҳсулоти хӯрокворӣ намак ва туруш кардани сабзавот

Истеҳсолоти хӯрокворӣ аз гӯшт, моҳи анвони гуногуни меваҷоту сабзавотро тибқи дастурамал ва шароити технологӣ бо нигоҳдории арзиши фоидаоварии онҳо намудҳои гуногуни консерваҳоро дар давоми сол таъмин мекунад, ки барои организми инсон аҳамияти калон бисёр дорад, намаккунӣ, турш, кардан, хушкунӣ ва пухтан дар шакар, ях кунондан, бо роҳи дудкунӣ ва ғ. Консервакунии меваҷот ва сабзавот барои дурудароз аз вайроншавии нигоҳ доштани маҳсулот қулай аст. Дар ҳарорати паст 00 С микробҳоро гум мекунанд, аммо дар ҳарорати гармкунӣ, (тамйизшуда кардан- пастерилизация) алахусус

400 С бисёр онҳо ҳалок мегардад, бисёр микробҳо аз норасидани кислород (ҳаво) ҳалок мешавад.

Намаккунии сабзавотҳо яке аз роҳҳои оддӣ мебошад, ки от муддати зиёд истодани онҳоро мекунад. Дар шароити хона ниоҳдории карамро, бо ҳамроҳии дигар сабзавот тайёр мекунанд (бо турушкунии бодаринг, помидор, сирпиёз, кабудӣ, тарбуз ва ғ.) Барои туршӣ гузоштани сабзавот ва меваҷот консентратсияи маҳлули сиркои ва ҳар гуна дорувоиҳоро меандозанд. Намаккунӣ ва туршӣ гузарониро дар зарфҳои шишагин ё дар зарфҳои сирдори дар ҳарорати 115-120 0 С. Тамйизшуда ва турушкунии сабзавот арзиши фоидаоварии он на он қадар паст мешавад, аммо миқдори витамини (С) 80-90% нигоҳ дошта мешавад.
Тайёр кардани асбобҳо (тара), коркарди аввалаи сабзавот, тайёр карда маҳлули намакӣ бо дорувиҳо, тайёр кардани рехтани маҳлули тайёр кардашуда.
Зарфҳоро бо масолеҳи герматикӣ ё бо сарпӯшҳо руст кардан лозим аст. Дар вақти тайёр кардани асбоб ва зарфҳо барои консервакунӣ онро бо маҳлули тозакунандаи асбоб тоза мешӯянд. Баъд онро бо оби ҷӯш (опшариват) мекунанд. Дар вақти намак ва туруш кардан коркарди аввалаи сабзавотро мегузаронанд: ба навъҳо, ҷудо карда мешӯянд, балансировка мекунанд.

Оё Шумо медонед?
Балансировка аз он иборат аст, ки сабзавотро ба дохили оби ҷӯшида як чанд дақиқа дошта мегиранд, дар ин ҳолат сабзавот рангашро нигоҳ медоранд ва ба онҳо маҳлули намак нағз ба худ ҷабида мегирад.

Нигаҳдори ва бо намак хобонидашудаи сабзавотҳо

1. Бодиринги тару тоза тез вайрон мешавад, ки дар онҳо то 95% об мавҷуд аст. Бинобар онро барои истифодаи дурудароз ва дер нигоҳ дошта намешавад, аз ин лиҳоз намаккунӣ, камнамаккунӣ ва туршкуниро истифода мебаранд. Бодиринги намаккардаро то ҳосили нав нигоҳ доштан мумкин аст.
2. Помидорро, ки томат ҳам меноманд, дар ҳолати тару тоза нигоҳ доштан душвор аст. Томатҳо дар таркиби худ то 93% об, 7% моддаҳои хушк, аз он ҷумла 3-4% қанд ва дигар моддаҳо, дошта аз витаминҳо бой аст.

Консевакунӣ помидоро хеле васеъ истифода бурда мешавад. Консервҳои помидорро дар шакли намак ва туршкунӣ, хушк кардан, тайёр карадни афшураи помидор, томати пюре ва ғайра тайёр менамоянд.

3. Турш кардани карам. Карам дар таркибаш бо ҳисоби миёна то 89%-об, то 5% моддаҳои азотӣ қанди бисёр кам ва миқдори калон витамини С. дорад.

Кори амалии №17
Карами намаккардашуда

Таҷҳизот: тахтача, корд, лаганд, зарфи (каструл) ҳаҷмаш 5-10 л. санг ё ягон ҷисми вазнин.
Миқдори масолеҳ: карам - 5 кг, намак - о,5 истакон, сабзи - 150-200 гм, мурч- 40 д, барги ғор ё олуча - 10-15 д, қаламфури тунд бо табъи худ.

Рафти иҷрои кор:
Карам ба ҳисоби миёна то 89% об то 5% моддаҳои нитрогендор Каме қанд ва ба тари фаровон витамини С дорад. Барои ба намак хобонидан карамҳоисолиму ҳаҷмашон на он қадар калони нисбатан вазнини еавъи дерпазро интихоб мекунем. Қабати болоии ифлосу зарфшудаи карамро канда карами пўсткандаро тоза бо оби хунук шуста, реза мекунем ва ба он сабзии наргизиро намак, мурчаи донагӣ, қаланфури тунд, барги ғор ё олуча андохта хеле меомезем. Баъди омезиш зери зарфи тайёркарда як қабат барги карами тоза сипас карами омехтаро меомезем. Аз болои карам як табақ бо ягон ҷисми вазнин (сангеро) гузошта зарфро нагз маҳкам мекунем то ҳаво надарояд. Ҷисми вазнин карамро фишурда, зуд обашро ҷудо мекунад ва карам нагз намак хўрда туруш мешавад.

Кори амалии №18

Бодиринги бо намак хобонидашуда
Таҷҳизот: ду кастрюли сирдор табақчаи ҷавлӣ, тахтача барои реза кардани сабзавоти хом, корд, қошуқ.

Миқдори масолеҳ: барои як литр об 50 г намак, шибит, кабудӣ 2-3 бандча, 50 г - сирпиёз, 1 дона қаланфури тунд, барги ғор ё олуча - 8-10 дона, бодиринг - 1 кг.

Рафти иҷрои кор:
Барои намакунӣ бодиринги наву тоза бодирингҳои миёнахелро гирифта ба навъҳо ҷудо карда бо оби хунук мешўянд. Зарфҳо барои намакунӣ, чўбин, Шишагин ва сирдор мешаванд.
Ба зарф баргҳои ғор ё олуча, шибит, кабудӣ, қаланфури тунд, бодиринги шусташударо ва доруворихоро мегузоранд. Намакобро алоҳида тайёр мекунанд ва аз дока гузаронида ба болои бодаринг мерезанд. Рўи бодирингро об 3-5 см пўшад, болои онро бо сарпўш маҳкам мекунанд.
Эзоҳ: Агар бодирингро дар зарфҳои шишагин маҳкам кардан хоҳед бодиринро дар мудати 12-14 соат тар мекунанд.

Кори амалии №19

Намак кардани помидор
Таҷизот: асбоби сирдор - тағорача, тахтачаи сабзавотрезакунӣ, ҷавлӣ, корд, қошуқ.
Миқдори масолеҳ: помидор 2 кг ба 2-литр об, 4-қошуқча намак, шибит-2 банча, мурч-10-15 дона, барги олуча ё ғор 8-10 дона, сирпиёз 4-8 сарак.

Барои намакунӣ ҳамаи намуди помидор (сурх, пушти ба сурх шудан сар карда ва кабуд). Пеш аз сар кардан аввал мувофиқи гўшташ ва рангаш ба навъҳо ҷудо мекунанд, шуста ба

асбоб помидор гузошта дар байни онҳо кабудӣ, шибит, доруворихо ва намакобро мерезанд. Намакоб бояд шаффоф бошад ва мувофиқи табъ шавад. Болои помидор пўшида, мегузоранд.

Расми 18. Намуди захира кардани сабзавот
1. консервонӣ (очаронӣ)
2. намак кардани сабзавот
3. турушкунии сабзавот

Маслиҳати кадбону
Барги олучаро, барги ғор ё олучаро майда реза карда, сирпиёз гузошта, баъд намакоби гармро, ки дар кастрюли дигар тайёр карда ба болои сабзавот рехта онро то хунук шудан мегузоранд, баъд онҳоро мепўшанд. Он баъд аз ду рўз тайёр мешавад.
Шумо метавонед намаккуниро бо роҳи очаронӣ дар зарфҳои шишагӣ маҳкам намоед.

Савол ва супориш
1. Фарқи туруш ва намаккунӣ дар чист?
2. Дар вақти намаккунӣ кадом асбобҳоро истифода мебаранд?
3. Қоидаҳои ичрокардани намакуниро гуфта диҳед.
4. Бо тарзи намакхобонидани маҳсулот шумо метавонед помидор ва бодирингро омехта намак кунед.

Боби 4. Унсурҳои матоъшиносӣ
§13. **Технологияи матоъ таёр кардани мато**
Инсоният аз қадимулаём матоъро истифода мебарад. Усулҳои тайёр намудани матоъ ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим маълум аст. Кофтуковҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки аҷдодони мо дар асрҳои ҶV-и пеш аз милод ба бофандагӣ (матоъ тайёр кардан) машғул буданд.
Аввалин нахҳое, ки одамон истифода мебурданд нахҳои (сўзгиёх) ва (канабу) бангдона будаст. Техникаи корҳои ресандагию бофандагӣ солиёни зиёд дастӣ буда, танҳо
дар асрҳои миёна он рў ба тараққӣ ниҳод.
Аз дуку чархҳо то ҳаллоҷӣ аз ҳаллоҷӣ то дастгоҳҳои оддӣ, аз он то дастгоҳҳои механикию автоматии пуриқтидор такмил дода шуданд. Ҳоло як чанд намуд нахҳоро истифода мебаранд.

Матоъ мувофиқи тартиби зайл тайёр мешавад:

1. Маҳсулоти бофандагиро аз чигит тоза мекунанд
2. Калоба мекунанд
3. Аз калоба ресмон мерезанд
4. Аз ресмон матоъ мебофанд
5. Рангу бор медиҳанд

Ба гурӯҳҳои аслии матоъҳои дохил мешаванд, ки аз нахҳои табии яъне аз растаниги - пахта, пила, ҳайвонот - мӯйна, заҒирпоя, канна бандгона, матоъҳои суф, чит, сатин, шоҳӣ атлас, шифон, духоба, бахмал Матоъ дар натиҷаи бофтани риштаҳо, тору пуд ҳосил мешавад. Риштаи тор дарозӣ амудиаш аст.
Риштаҳои дарозӣ асос (тор) дар вақти кашидан дароз намешаванд. Риштаҳои пуд дар вақти кашидан меёзанд риштаҳои пуд ғафс ва кӯтоҳ мебошанд Дар ду паҳлӯи матоъ милк мавҷуд аст, масофаи ду милкро барии матоъ меноманд.
Ҳангоми печонидани риштаҳо аз навард ҳар тори онҳо воситаи чашмаки ремизок мегузарад.Ҳангоми ҳаракати ремизок (якеаш аз боло дигараш аз поён) дар баёни риштаҳои кашида нашудаи тор фазо пайдо мешавад. Аз ҳамин фазо меку тез ба риштаи пуд мегузорад Моку намудани киштича ва думчаи тез дорад! Дар дохили моку найчаи риштадоре ҳаст.
Ҳангоми ба ҳолати аввала баргардонидани ремизокҳо шона риштаи пудро ҷафс мекунад. Моку бошад, баробари ҷой иваз кардани ремизокҳо ба самти акс ҳаракат намуда, матои тайёр ба наварди моли печонида мешавад.
Матоъ анна ҳамин тавр пайдо мешавад. Меҳнати бофандаҳо дар замонҳои пеш ниҳоят душвору тоқатфарсо буд. Дар фабрикаҳои бофандагӣ калабаресҳо, ресмонҳо, торпечонҳо, бофандагон ва дигарон кор мекунанд.

Расми 19. Дастгоҳи ресандагӣ ва бофандагӣ

Нахи пахта

Пахта нахи табиӣ мебошад, ки он аз гурӯҳи растаниҳо пайдо шудааст, ки ватанаш ҳиндустон аст. Пахта аз асри 1-и томелод асосан дар мамлакатҳои Осиё парвариш ва истеҳсол карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тараққиёту истеҳсолии пахтаи эътибори калон додааст.
Пахтаро дар урфият «тиллои сафед» мегӯянд, ки дар ҳақиқат арзиши пахта ба тилло баробар аст. Пахта ҳамчун ашёи хом ба ҳисоб меравад ва аз он баъзе навъҳои то 33-55% ва навҳои маҳиннах то 38-40% нахи табиӣ мегиранд. Пахта растании яксола буда, дарозии нахаш аз 12-20 то 50-60 мм мешавад. Аз ҳама пахтаи беҳтарин нахи дарозтариндошта ба ҳисоб меравад. Аз пахта нах, ресмон гирифта, матоъ истеҳсол мекунанд.
Ғайр аз ин аз пахта равған, кунҷора, шулха, собун ва дигар равғаниҳои техникию стратегӣ истеҳсол мекунанд. Баробари он аз партовҳои пахта дар истеҳсолот селюлоза, лак, ранг, линолеум, киноплёнка, материалҳои изолятсионӣ истифода мебаранд. Аз барги пахта кистлотаи сирко,
кислотаи себ ва дигар кислотаи органикӣ истеҳсол мекунанд. Пояшро ҳам чун ҳезум истифода мебаранд. Аз пахта ресмонҳои ғафс ва бисёр матоъҳои зебо, монанди чит, дока, вилвет, духоба ва ғайраҳо истеҳсол мекунанд.
Матоъҳои пахтагӣ нисбат ба дигар матоъҳо бисёр хусусиятҳои баланди гигенӣ доранд. Онҳо сабук ва осон шуста мешавад. Намии ҳаво ва гармиро нағз мегузаронад пас аз шустан хусусиятҳои гигиении худро тез ва осон барқарор мекунанд, сабук дарзмол мешавад. Дар вақти шустан ҳаҷмаш хурд мешавад.

Агар 1 тонна пахтаро талаф диҳем, хоҷагии халқ 4320 м матои пахтагин, 110 кг равған, 16 кг собун, 260 кг кунҷора, 180 кг шулха ғум мекунад. Аз ин сабаб нигоҳ доштани пахта аз талафшавӣ вазифаи муқаддаси ҳар як фарзанди Тоҷикистон мебошад.
Раванди технологияи тайёр кардани нахи пахта бисёр душвор мебошад. Аввал аз чирку ифлосии тоза ва наддофӣ мекунанд, баъд аз он нахҳоро ҳосил мекунанд. Раванди истеҳсоли матои пахтагин чунин аст.

Нақшаи коркарди матоъ
Дар фабрикаи бофандагӣ асосан матоъро якранг бофта, сафед мекунанд ва баъд ранг ё гул мемонанд.
Агар матоъи рангкунандаро ба ранг дохил кунанд, он гоҳ матои рангкарда ҷилодор ва зебо мешавад.
Гулҳо ва нақшаҳоро рӯи матоъҳои сафед ва рангдор бо роҳи чоп ё нусхагирӣ мегузоранд.
Нақшаҳои гуногун мешаванд гулдор ва растанигӣ (гул, барг, растанӣ ва шохаҳо) ҳандасавӣ (секунҷа, чоркунҷа, ромб, хатҳал ҷои чап моил рост) мавзӯӣ, нақшҳои ҳайвонот, парранда, одамон ё чизҳои алоҳида ва ғайра.
Матоъҳо ду тараф доранд тарафи роста ва чаппа, ки онҳоро аз рӯи нақшаҳо ва ҷило, пат, коркард ва ғайра муайян мекунад.

Барои ҳосил кардани нахи пахта якчанд амалиётҳоро иҷро менамоянд.
1. Ғунучини растанӣ (пахта)
2. Истеҳсоли коркарди аввала ва тайёрӣ
а) сехи коркарди шонакунӣ
б) сехи коркарди лентагӣ
в) сехи коркарди росткунанда
3. Ресидан ва ҳосил кардани нах
4. Истеҳсоли бофандагӣ
5. Истеҳсоли коркард:
а) сехи коркарди сафедкунӣ
б) сехи коркарди ранг дарорӣ
в) сехи коркарди нақш дарорӣ

Расми 20. **Нахи пахта**
Нахи заҒир

ЗаҒир растании яксола буда, ватанаш Миср мебошад. ЗаҒирро бисёртар дар Россия ва дар республикаи мо ҳам мекоранд ва ин нах бисёр шӯҳрат пайдо кардааст. Нахи заҒирро бисёртар тиллои русҳо ё матои шоҳӣ рус ҳам меноманд. Матоъҳои заҒиринро савдогарон бисёртар то ҳатто дар Ҳиндустон ба фурӯш мебароварданд.
Барои гирифтани нахи заҒир онро бо комбайни заҒир дарав медараванд ва дар ваннаҳои махсус тар карда заҒиркӯб мекунанд, тит ва ҒОз медиҳанд. Аз матоъҳои заҒири либос медӯзанд, дастархон, сачоқҳо, рӯйшакҳо (покривало) ва ғ., ки бисёртар дар матоъҳои заҒирин гулдӯзи намудҳои гуногуни кашидадӯзиро истифода мебурданд. Нахҳояш дароз

мутҳькам ва тобовар баландиаш то 800-1200 мм буда, аз ҳар яке он то 350-650 мм нахҳо гирифта мешавад.
Вақтҳои охир ба нахҳои заҒир нахҳои сунъӣ ва синтезӣ ҳамроҳ карда, лавсанҳьосил мекунанд барои ҒичимШави матоъро кам кардан бисёрии вақт бо нахҳои пахтагин омехта мекунанд, ки асосаш аз пахта буда, пудаш аз заҒир мебошад.

Дар вақти сўхтани нахи заҒир бо алангаи зард месўзад, бўи сўхтагии қоҒаз меояд ва он дуд мекунад бинобар ин баъди сўхтан ба хокистар табдил меёбад.
Хислатҳои шифобахши заҒир. Пўшидани либоси заҒирпоягӣ ҳарорати баданро дафъ, арақи баданро кам ва хушк мекунад, барои иллатҳои қўтур, хориши бадан ва варами сахт фоида дорад.
Ин яке аз либосҳои одамони гарммиҷоз аст. Агар хоҳ нахашро ва хоҳ гиёҳашро сўхта бипошанд, хуни равони ҷароҳатро манъ мекунад ва захми онро бо ҳам меоваранд ва сиҳат мебахшад.

Нақшаи коркарди заҒир
Технологияи тайёр кардани нахи заҒир Барои ҳосил кардани нахи заҒир якчанд амалиётҳоро иҷро менамоянд:

1. Ғунучини растании заҒир
2. Тар кардани пояҳои заҒир
3. Истеҳсоли коркарди аввала ва тайёркунӣ
4. сехи коркарди хушккунӣ
5. сехи коркарди пахш ва тит кардан
6. сехи коркарди ҒоЗ додан
4. Ресидан ва ҳосил кардани нах
5. Истеҳсоли бофандагӣ
7. сехи коркарди сафедкунӣ
8. сехи коркарди ранг дарорӣ
9. сехи коркарди нақш дарорӣ

Расми 21. Нахи заҒир

Истеҳсолоти бофандагӣ дар дастгоҳи бофандагӣ намуди гуногуни бофтанро кор карда мебароад. Дар вақти бофтан тартиби муайяни бофиш кор карда, риштаҳои асосӣ баъзан аз боло баъзан аз поён барқади ва бофиши иҷро мешавад. Баъди ҳар як, ду, се ва зиёд аз он тартиби бофтан такрор мешавад. Адади камтарини риштаҳо баъд аз тартиботи бофтан такрор шавад онро раппорт меноманд. Дар матоъ бо риштаҳо фарқ мекунад бо барқади асос ва ба кўндалангӣ.
Бофиши матоъ як чанд хел мешаванд, аз ҳамма оддиаш катонӣ сарҷагӣ, сатинӣ, атласӣ, мураккаб нобофта ва ҒайрА. Бофиши катонӣ бофиши оддӣ, мебошад. Дар он риштаи кўндалангӣ бо риштаи асосӣ байни ҳам бофта мешавад, ҳамчун бо шарти ҷойгиршави тайёр шуда, аз ҷумла баъзе пашмин (мўйна), абрешимӣ ва матоъҳои шоҳмот. Рўйи сатҳи матоъ силиқ, ҳамвор, намоён тарафи рости ва чаппи матоъ як хела менамояд худи матоъ

мустаҳкам аст. Ба бофтани қанотӣ бисёр матоъҳои пахтагин дохил мешавад. - чит, бўмазию патисӣ мадаполам, матоъи як ранг бо риштаи тайёр шуда, аз ҷумла баъзе пашмин (мўйна) абрешимӣ ва матоъҳои штапели бофиши матоъ канотиро дар вақти аз назар гузаронидани дока дида мешавад.
Матоъҳои бо бофиши сарҷагӣ аз матоъҳои бофиши катонӣ аз намуди беруни ки дар онҳо нағз дида мешаванд раҳҳои уреби ҷойгир шуда аз чап ба рост фарқ мекунад. Ин хел бофишҳо дар матоъҳои абрешимин ва пашмин дида мешавад, матоъҳои бо бофиши сатинӣ аз намуди берунаш тез фарқ мекунад, чунки сатҳи тарафи росташ силиқ, ҳамвор ва бо ҷило бофта мешавад, матоъҳои пашминӣ (сатин) ва абрешими (атлас) ва матоъҳои астарӣ.
Бофиш атласӣ аз сатинӣ бо он фарқ мекунад ҷойгиршавии риштаҳои тарафи чап ва роста мешавад.

Расми 22. Намуди матоъ
а) тарафи чапаи матоъ
б) тарафи ростаи матоъ

Кори амалии №20
Сохтани апликатсия

Таҷҳизот ва асбобу анҷом: Матоъпораҳои пахтагин, заҒирин, якранг, гулдор ва рангоранги бо нусха ва нақшаҳои гуногун, ҷадвал, қалам, қайчӣ, синтефон, ширеш (ПВА, флизилин), дарзмол, қоғаз ва ғайра.

Тартиби кор: расми қаҳрамонони афсонавӣ ё интихобӣ.

1. Интихоби расм барои сохтани апликатсия. Муайян кардани расм ва андозаи расм якеаш санҷишӣ дигараш барои буридани ҷузъҳо.
2. Аз қоғаз буридани расме, ки андозааш калонтар бошад, ки он асос мешавад. Ба асос расми санҷиширо гузошта варақи дуюм ҷузъҳои алоҳидаро бурида бо асос мувофиқат мекунонем.
3. Матоъро интихоб карда рангҳои баландро ҷудо мекунем ва ба ҳар як ҷузъаш матоъро мувофиқ мекунем.
4. Ҷузъҳои деталро ба матоъ ба тарафи росташ гузошта бо қалам рӯдавон мекунем ва онро мебурем. Шумо метавонед ҷузъҳои интихобкардаро ба рӯи қоғаз ё матоъ бо флезилин гузошта, дарзмол карда, баъд изофааш бурида, ба ҷои расми дар асос буда гузоред.
5. 5.Қисми тайёршударо бо ширеш пайваст кунед.

Инро дар хотир доред

Пеш аз иҷрои кор ҷузъҳои дар расм буда аҳамият диҳед дар кучо, чӣ хел ҷойгиршавии ҷузъҳоро муаян намоед. Аз ҳар як ҷузъҳои бурида дутогӣ тайёр кунед якеаш барои қолаб дигарашро дар асос гузоред.

www.komron.info

Қолабҳои аз қоғаз тайёршударо ба рӯи матоъ гузошта буред ва ба асос онро гузошта ширеш намоед.
Ҷузъҳои буридашудаи расмро чаппа гузоштан мумкин нест, зеро ба нақшаи асос мувофиқат намекунад.

Расми 23. Намудҳои апликатсия аз матоъ
а) намунаи расмҳо барои сохтани қолаби апликатсия
б) намунаи апликатсияи сохташуда бо расмҳои қаҳрамонони афсонавӣ

?Савол ва супориш:

1. Доир ба нахҳои пахтагин ва зағирин маълумот диҳед.
2.Тарзи сохтани апликатсияро гуфта диҳед.
3. Апликатсия аз матоъ ба рӯи қоғаз дар соати амалӣ интихобӣ як намудро иҷро намоед.

§14**. Хосияти матои пахтагин ва катонӣ зағирӣ**

Вақте, ки матои пахтагиро кашола мекунем ба барқади ришта тарафҳои муқобили он, аввал ба як тараф, баъд ба дигар тараф (кӯндаланг) бисёртар кашол мешаванд. Аммо дар нахҳои зағирин ин дида намешавад. Матоҳо бо ришта, пуд ва тор, ранг, нақш, ғафсӣ, мустаҳкамӣ, бофишҳо, гармию намигузаронӣ ва ғайра аз ҳамдигар фарқ мкунанд, ки инро хосиятҳои физико механикии матоъ меноманд.
Ҳар як матоъ дорои хосияти физико-механикӣ, гигиенӣ ва технологӣ аст, ки ба нигоҳубинии матоъ далолат мекунад Матоъҳои пахтагин бисёр мустаҳкам, сабук, мулоим, зебо буда, барои истифодабарӣ қулай, гарм ва тез намиро мегузаронад, тез хушк мешавад, ҳаворо нағз мегузаронад, осон шуста ва тез тоза мешаванд, дар ҳарорати баланд тобоваранд.
Матоъҳои пахтагин рӯи ноҳамвории хира бо риштаи ғафсиаш якхелаанд. Ин матоъҳо қобилияти кашишхӯрии калон ба кӯндалангӣ ва камтар дар ин асос матоъҳои пахтагин тит намешаванд.
Матоъҳои зағирин аз матоъҳои пахтагӣ мустаҳкам буда, он кам кашиш мехӯрад. Тору пуд як хел шахшӯл буда (жётский) вазни калон дорад, нисбат ба ғафсии матоъи зағирин гиграскопи намиро нағз мегузаронад, гигиенӣ буда, тез шуста мешавад.

Матоъҳои зағирин сатҳи суфта доранд, бо ҷилоҳи на он қадар баланди абрешими ба риштаи ноҳамвор буда, пӯстро хунук мекунонад, ҳискунии хунукро ба амал меорад матои пурра аз зағир буда, тит мешавад ғиҷим мешавад, аммо тез дарзмол мешавад.
Истеҳсолоти бофандагӣ нафақат матоъҳои тозаи пахтагин ва, зағирин, балки бо ҳамроҳ кардани дигар масолеҳ матоъҳои сунъӣ (синтетикӣ), капронҳо, лавсанҳо истеҳсол мекунад. Ин хел матоъҳо намуди берунии зебо доранд, кам тит мешаванд ба хӯрдшавиашон суст, бадошт дар вақти шустан кам кашиш мехӯрад.
Матоъҳои пахтагӣ дар истеҳсоли ватанӣ нисбат ба дигар матоъҳо сол аз сол зиёд шуда истодааст.

www.komron.info

Анвои матоъҳои пахтагӣ гуногун аст. Аслан онҳо чун матоъи рӯзғорӣ буда, аз он маснуоти дӯзандагӣ, куртаҳо, костюм, палто, риштаҳои пахтагин ва қисми ками онро бо мақсади техникӣ (матои тавқи пойафзолӣ) истифода мебаранд.
Матоъҳои заҒирин доимо истеҳсолаш зиёд шуда истодааст. Матоъҳои заҒирӣ аз рӯи вазифааш рӯзғорӣ ва техникӣ мешавад. Матоъҳои рӯзғорӣ 40%-ро ташкил мекунад, аз он ҷумла аз матоъҳои пахтагин ва заҒирӣ лавозимоти ошхонагӣ, либоси таг, куртаи хоб, костюм, сачоқ ва ғайра тайёр мекунанд.

Тавсифи хосиятҳои матои пахтагӣ ва заҒирӣ

Тавсифи хосиятҳои матои пахтагӣ ва заҒирӣ

Ҷадвали 4

Хосияти матоъҳо	Пахтагӣ	ЗаҒирӣ
Физико-механикӣ мустаҳкамӣ	мустаҳкамтар нисбат ба заҒир хурдшаванда	Мустаҳкам, хӯрдашаванда
Бардоштӣ ва хӯрдашавӣ вақти шустан ба таъсири офтоб тобоварӣ пайдоиши чинҳо	Миёна	Баланд
Гигиенӣ, хосияти ҳаво ва намигузаронӣ Гармигузарон ва нигоҳдории гарм	Баланд Миёна	Бисёр баланд нисбат ба пахта
		Суст
Технологӣ, титшавии риштаҳо, кӯтоҳшавии матоъ	Кӯтоҳшавии дар вақти шустан маълумшаванда	Кӯтоҳшавии миёнахел дар вақти шустан

Ҷадвали 5

Матоъҳо	Тарзи шустан	Коркарди гармӣ	Тозакунӣ
Пахтагӣ	Дар маҳлули собун ва хокаҳои гуногун	Дарзмолкунӣ дар ҳарорати 130^0 С	Асетон Спирти навшодир (нашитирный) бензин
ЗаҒирӣ		Дарзмолкунӣ дар ҳарорати 150^{0}С	

Кори амалии №21
Муайян кардани матоъҳои пахтагӣ ва заҒирӣ

www.komron.info

Қоидаҳои нигоҳубини матоъҳои пахтагӣ ва заҒирӣ **Таҷҳизот:** 3-4- намунаи матоъҳои пахтагӣ ва заҒирӣ булӯр (лупа), дафтар.

Рафти кор:

1. Матои пахтагӣ ва заҒирии намунавиро аз назар мегузаронед ва ба он аҳамият диҳед ки: а) аз намуди беруниашон, (ҷило, ҳамвории рӯи матоъҳо, якхелагии ҒафсиИ ресмонҳо) б) бо ҳискунӣ мулоим кашишхӯрӣ.
2. Дуруст будани муайян кардани матоъҳоро санҷед. Барои ин аз ҳар як мато риштаҳоро аз барқадӣ кашида гиред ва онҳоро бо булӯр бинед ва муаян намоед, ки кадоме аз онҳо суфта ва кадоме носуфта, ҳар як риштаро канед ва нигоҳ карда бинед нӯгӣ кадомаш тит шудагӣ ва кадоме титношуда истодааст.
3. Ҳисоботи кори иҷро шуда;
4. Ҷадвали 6-ро пур кунед:

Ҷадвали 6

Ҷадвали 6

Матоъҳо	Нишона муайян кардан			Тарафи чап ва
	Аз намуди берунӣ	Бо ҳис кардан	Аз кандашави ришта	рости матоъ
Пахтагӣ				
ЗаҒирӣ				

Хусусияти асосии (бофиши) бофти матоъ

Матоъ аз бофти риштаҳои тору пуд, яъне қаду бар таркиб меёбад. Хусусиятҳои бофт ҳархела аст, вале се намуди асосии бофтан - катонӣ, саржаю сатинӣ ё атласӣ мавҷуд аст. Бофти катонни аз рӯй ва қафои матоъ нақши якхела дошта, барои таркиб ёфтани он ду ремизок лозим аст.
Бофти катонӣ васеъ истифода мешавад. Резишу тор-тори матоъ дар бофти катонӣ назар ба саржаю сатинӣ камтар аст, зеро дар саржаю сатинӣ риштаҳои тору пуд байни худ камтар пайваст шудаанд.
Дар газворҳои пахтагӣ бофти катониро барои тайёр кардани хомсуф, батист, суфи пахта, чит, маркизет ва ғайра истифода мебаранд.
Дар матои заҒирпоявӣ барои карбос, дар матоъҳои пашмин барои моҳут, дар шоҳивор барои крепдишин, шифон ва ғайра истифода мебаранд.
Бофти катонии байни бофиши матоъҳо аз ҳама оддӣ ва ҳам паҳнгашта мебошад.
Беҳтарин матоъҳои бофишӣ катонӣ буда, яъне пайвастагии зичи байни тору пуд, наху ришта боиси он мегардад, ки матоъ мустаҳкам, пурбардошт, дар вақти шустан тобовар, камтар кашиш хӯрии риштаи пуд барои ёзиши матоъ шароит муҳайё мекунад, яъне

матоъ метавонад камтар кашола шавад ва барқади матоъ кам зиёдиро нишон медиҳад, ки дар вақти буриши матоъ ва дӯхтани маснуот ба ин хосиятҳо бояд аҳамият дод.
Дар вақти бофиши катонӣ интихоби ришта аҳамияти калон дорад.
Матоъи бисёр тунук дока ё матои ғафс – карбос, хомсуфро тайёр кунем, чи қадаре, ки риштаи тунук гирем матоъ тунук мешавад чӣ қадаре ки риштаро ғафс гирем матоъ ғафс мешавад.
Оё шумо медонед?

Аз кофтуковҳои мисриёни қадим маълум гардид, ки намунаи матоъҳое, ки дар 1 см2 – 84 риштаи асос (тор) ва 60-то риштаи пуд (кӯндаланг) бозёфтаанд ки то мо боқимонда. 240 м матоъи борики нафис ҳамагӣ 1 г вазн доштааст.
Дар борикӣ матоъҳои заҒирин аз абрешимин чандон фарқ намекунад. Бофанда риштаро бо даст ҳис мекунад. Фактураи матоъ гуногун аст.
Дар давраи подшоҳии давраи ориёӣ матоъҳоро бо марҷон, ва зардӯзӣ ороиш медоданд. Ороиши матоъ хусусияти ҳандасавӣ (геометрӣ) дошт, нақшҳо дар ҳамаи матоъҳо дар назди милк сар карда ҷойгир мешуданд.

Баъд дигар рангҳоро истифода мебурдагӣ шуданд. Матоъро бо рангҳои гуногуни растанигӣ, ки рангҳои сурх, кабуд, бунафш доранд ранг мекарданд. Аз ин маълум мешавад, ки матоъҳои заҒирини давраи пеш бисёр нафис зебо ва маҳин буданд.
Рамзҳои ҷаҳонӣ оид ба нигоҳубини матоъ.

Боби 5 Касбу ҳунари миллӣ

§ 17.**Технологияи корҳои дастӣ - гиреҳҳои дастӣ**
Барои иҷрои кори дӯзандагӣ таҷҳизот ва асбобу олотҳо лозим аст. Тасмаи ченакгирӣ, сӯзан, қайчӣ, ресмон, сӯзанак ангушпона ва ғайра, ки ҳамаи ин дар қуттиҳои махсус бояд нигоҳ дошта шавад аз намӣ эҳтиёт карда шавад. Дар вақти кор бояд қуттиҳо ки таҷҳизотҳои дӯзандаги дар тарафи рости дӯзанда гузошта мешавад.

Пеш аз кор ва баъд аз кор бояд дастҳоро тоза шӯед, зеро маснуоти дӯхтамонда тоза ва озода бошад ва дар даст мӯякҳои (ворсҳои) матоъ ва риштаҳои кӯтоҳ намонад.
Баъди итмоми кор ҷои кориро бояд ҒундоштаН лозим аст.

Қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар назди мизи корӣ

1. Пеш аз сар кардани кор бояд мизи кориро бо тартиб овардан лозим аст.
2. Дар вақти дӯхтани маснуот бояд равшании доимӣ таъмин бошад.
3. Равшанӣ бояд аз тарафи чап фарояд.
4. Мӯйҳоро зери сарбанд нигоҳ бояд дошт.
5. Пеш аз он ки ба кор сар кунем, санҷида бинед, ки сӯзан ё сӯзанакҳо дар маснуоти дӯхта истода набошад.
6. Ба пеш зиёд хам шудан манъ аст.

www.komron.info

7. Маснуот аз чашми дӯзанда бояд дар масофаи аз 30 то 45 см дошта шавад.
8. Дар миз бояд рост нишастан лозим аст.

Асбобу олоти барои корҳои дӯзандагӣ Ҷои кор барои иҷрои корҳои дастӣ. Корҳои дастӣ гуногун буда дар ҳолати нишаст ё рост он иҷро мешавад. Ҷои нишаст барои иҷрои корҳои дастӣ бояд бо мизу курсӣ ва поймонак, муҷаҳҳаз бошад. Барои таъмини мӯътадили тарзи кор ҳатман баландии мизу курсӣ бояд ба талаботи нишондоди антропометрии ҳар хонанда мувофиқ гардонида шавад.
Ҳамчунин масофаи зарурии байни сатҳи кори мизу курсӣ ва қисми пеши миз ва курсӣ риоя гардад.
Сатҳи мизи корӣ барои амалиёти дастӣ бояд суфта буда. Дар он таҷҳизот ва олоти корӣ дуруст ҷойгир бошад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки тамоми ҷиҳоз аз тарафи гӯшаи рост ба қади бари миз барои банд накардани ҷои кор воқеъ гардад.
Қайчӣ – асбоби тези дӯзандагист, ки аз замонҳои қадим маълум аст. Қайчӣ барои буридани матоъ, буридани ҷузъҳои алоҳида ва дигар вазифаҳо иҷро мекунад. Қайчиҳои калону даҳал, мисли қайчии пашмтарошӣ мешаванд. Қайчӣ барои буридани матоъ ришта зарур.
Андозаи онҳо аз №1 (калон) то №8 (хурд) мешавад.

Қайчиро аз пӯлод месозанд. Саноат ҳашт рақами қайчиро истеҳсол мекунад, ки ҳар яке аз дигараш бо андоза ва шакл фарқ мекунад. Интихоби қайчӣ тибқи рақам вобаста аз намуди коркард ва ғафсии матоъ суръат мегирад. Дар ҷадвали 8 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 9

№	Рақами қайчӣ	Таъинот
1	I	Чокбурӣ ва кӯтоҳ кардани матои палтоворӣ дар истеҳсолоти инфиродӣ
2	II	Чокбурb ва кето[кардани газвор[ои либосворb, пашмb ва буридани хузъ[ои клаони либоси болопеш
3	III	Буридани ҷузъҳо аз матоъҳои ғафсиаш миёна
4	IV	Чокбурии матоъҳои пашмини пероҳанӣ
5	V	Буридани ҷузъҳо аз матоъҳои пашмини нафиси абрешимӣ ва пахтагӣ
6	VI-VII	Буридани чокҳо ҷузъҳои ноҳамвор ва ц
7	VIII	Буридани нӯги риштаҳо дар маҳсулоти тайёр ва ғ.

Қоидаи техникаи бехатарии кор бо қайчӣ

1. Қайчиро дар ҷои махсус, дар қуттиҳои махсус нигоҳ доштан лозим аст.

www.komron.info

2. Дар вақти кор бо қайчӣ онро пӯшида, муқобили дӯзанда гузоштан лозим аст.
3. Қайчиро ба ҷои тар гузоштан манъ аст.
4. Қайчиро аз нӯги тезаш гирифта, ба ҳамроҳатон дароз кунед.
5. Қайчиро ба тарафи рост ва нӯгҳои тезашро муқобили худ гузоред.
6. Қайчи руст бошад, кушода мондани он мумкин нест. Дар вақти ҳаракат бо нӯги он дастатонро набуред ва осеб нагардонед.
7. Бояд назорат кард, ки қайчӣ дар вақти кор ба таги маснуот нафарояд. Агар маснуотро бардоред ё ҷояшро бечо кунед қайчи ғалтида шуморо ё ҳамроҳатонро осеб доданаш мумкин аст.
8. Дар вақти буридани маснуот ба назди ҳамроҳатон ки маснуотро бурида истодааст наздик нашавед. ҳамроҳатон шуморо дида метавонад дасташро бурад ё маснуотро хато бурида мемонад.

Сӯзан – асбоби дӯзандагӣ буда аз замонҳои қадим истифода мешавад. Инсон аввалҳо барои дӯхтан хори дарахтон, устухони моҳию ҳайвонотро кор мефармуд. Баъд сӯзанро аз нуқра мис, тилло ва оҳан месохтагӣ шуданд. Дарозии ин сӯзанҳо то 2 см расида, суфта буданд.
Сӯзанро дар замонҳои қадим дастӣ месохтанду боэҳтиёт дар сӯзандони махсус ҳифз мекарданд.
Сӯзанро дар асри XIX ба усули фабрикавӣ месозанд. Андозаи сӯзанҳои замонавӣ ҳозира аз №1 то №12 буда, асосан аз пӯлод сохта мешавад. Вобаста ба рақамҳояшон сӯзанҳо ба сӯрохҳои гуногун тайёр карда мешавад. Сӯзанҳои сӯрохиашон калон барои кашидадӯзӣ, руфӯкорӣ истифода мешаванд. Дар ин қабил сӯзан ресмони нисбатан ғафсро гузаронидан ниҳоят бобу осон аст.

Нигаред ба ҷадвали 10.

www.komron.info

Андоза ва таъиноти сўзани дастӣ

Ҷадвали 10

№	Рақами сўзан	Қутр. мм	Дарозӣ мм	Таъинот
1	1	0,6	3,5	Дўхтани маҳсулотҳо аз матоъи нафиси пахтагӣ, абрешимӣ ва пашмӣ
2	2 3	0,7 0,7	30 40	Ҳамин хел матоъҳои нафиси пахтагӣ, абрешимӣ ва пашмӣ ва ҳамчунин аз матои ғафсиаш миёна (трико, камволии нафис ва ғ.)
3	4 5 6 7	0,8 0,8 0,8 0,8	30 40 35 45	Матоъҳои ғафсиаш миёна (трико, камволии нафис ва ғ.)
4	8 9	1 1	40 50	Дўхтани маҳсулотҳо аз матоъи ғафс, борик ва ғ.
5	10 11 12	1,2 1,6 1,8	50 75 80	Дўхтани халтаҳо, қанорҳо, пагонҳо ва ғ.

Оё шумо медонед

Дар таҳти калимаи сўзан мо асосан як асбоби тези металлии хурдеро, ки дар оқибаш гўшак барои гузаронидани ришта дорад, мефаҳмем, ки асосан дар матоъҳо истифода мебарем ва матоъро пайваст мекунем. Сўзанҳое низ ҳастанд, ки дар соҳаи тиб истифода бурда мешаванд.

Сўзанҳои пештара, албатта металлӣ ё пўлодӣ набуданд, онҳо аз устухони моҳӣ ё дигар нави устухон сохта мешуданд.
Дар асри сангин сўзанҳоро дарёфт карданд, ки сангро тарошида ба он гўшак тайёр карда, пўсти ҳайвонотро ба воситаи рўдаи ҳайвонот бо сўзанҳои сангӣ медўхтанд. Баъд бо ҷои

сӯзанакҳои устухонӣ сӯзанҳои биринҷӣ, баъд оҳанӣ, дар хонаҳои одамон сарватманд сӯзанҳои нуқрагин пайдо шуданд.
Якумин сӯзанҳои металлӣ, пӯлодинро ба Европа дар асри XIV (14) арабҳо оварданд.
Дар худи вилоятҳои Москва 25 намуди сӯзан барои дӯхтани маснуоти дӯзандагӣ истеҳсол мешавад, ки он барои дӯхтани (дастӣ, мошинӣ оддӣ, автоматӣ ва ғайра) либос, кашидадӯзӣ мошинагӣ ва ғайра истифода бурда мешавад.

Сарсӯзан. (сӯзанак) – ҳангоми буридани либос, матоъ истифода мешавад, махсусан мистарколаб ё андозаро ба матоъ ба воситаи сӯзанак аз металл сохта мешавад ва нӯгашро бо сарпӯши шишагини ё аз масолеҳи сохта шуда сохта мешавад. Сӯзанак бояд тез ва ҳамвор бошад.

Қоидаи техникаи бехатарӣ кор бо сӯзан ва сӯзанак.

1. Барои нигоҳ доштани ангуштон аз неши сӯзан бояд ангуштпонаро истифода бурд.
2. Пеш аз корро сар кардан бояд шумораи сӯзанҳоро донист. Баъдиитмоми кор низ шумораи сӯзан ва сӯзанакро шуморид. Агар сӯзан камӣ кунад онро ҳатман ёфтан зарур аст.
3. Дар хона набояд ба диван, кресло ё таҷҳизот мулоим нишаста дӯхтан лозим аст. Сӯзанҳоро ба маснуот намегузоранд.
4. Агар сӯзанҳо дар вақти кор шиканад, онро ҳатман чида, ҳамаи қисмашро ба муаллим ё навбатдор супоридан зарур аст. Агар дар хона ин ҳолат рӯй диҳад, албатта сӯзанҳои шикастаро ба қоғази ғафс печонида ба ҷои бехатар гузоштан ё сатили партовҳо андохтан лозим аст.
5. Сӯзан ва сӯзанакҳо бояд дар ҷои муайяншуда, дар қуттии махсус ё болиштча нигоҳ доштан лозим аст.
6. Сӯзанро дар ҷои корӣ ва дар рӯи миз мондан манъ аст.
7. Сӯзанро ва сӯзанакҳоро ба даҳон гирифтан манъ аст.
8. Бо сӯзани зангзада дӯхтан манъ аст.
9. Қолабҳоро ба матоъ бо сӯзанакҳо мустаҳкам кардан лозим аст, ки он аз тарафи муқобили дӯзанда бошад.
10. Баъди буридани қолабҳо сӯзанакҳо бояд аз матоъ гирифта шаванд.

Ангушпона – ҳанӯз дар асри XVI маълум буд. Аввалҳо ангушпонаро аз чарм тилло ва дигар металлҳо сохта, нақшу нигор меандохтанд. Баъдтар яъне аз асри XVII ангушпонаро бо усули фабрикавӣ аз арзиз (алюминий) пӯлод, нуқра, пластмасса месохтагӣ шуданд.
Ангуштпона барои тела додани сӯзан ба матоъ ва муҳофизат намудани ангушт аз халидани сӯзан истифода мешавад. Ангуштпонаро мувофиқи ангушти миёнаи даст интихоб намуда, ба ҳамон меандозанд, ки дар ҷадвали 11 нишон дода шудааст

Андозаҳои асосии ангуштпона тибқи рақам.

www.komron.info

Андозаҳои асосии ангуштпона тибқи рақам

Ҷадвали 11

№	Рақам	Қутри калон мм	Қутри хурд мм	Баландӣ мм
1	2	15	11	15-19
2	3	16	12	15-20
3	4	17	13	15-20
4	5	18	14	15-21
5	8	17	14	15-21
6	10	18	15	15
7	12	19	16	15

Сӯрохии он бо ангуштпона ба таври амудӣ ҷойгир буда, буғиҳои хамшудаи ангушти миёна бояд росткунҷаро ташкил диҳанд. Бо паҳлӯи ангуштпона сӯзанро ба матоъ тела дода аз матоъ аз назди ангушти калони дасти чап бароварда мешавад. Ангушти хурди дасти рост дар вақти халонидан ҷузъро ба миз пахш мекунад, баъд ба ангушти калонӣ ва ишоратии дасти рост сӯзанро бо риштааш кашида, гиреҳ мекунанд. Раванди гиреҳкунӣ (кӯккунӣ) такрор меёбад.

Дарзмол

Намуди зоҳирии либос аз сифати амалиёти мартубу ҳарорат(дарзмолкунӣ) вобаста аст, бинобар ин дуруст анҷом додани он аҳамияти хеле муҳимро дорад. Шартҳои техники иҷрои корҳои мартубу ҳарорат:

1. Ҷузъҳоро қаблан мартуб ва буғ дода ва баъд пурра то бартараф кардани намӣ хушк менамоянд.
2. Пеш аз ба дарзмол ҷудокунии чок аввал ҳарду тарафро дарзмол карда, ба он шакл додан зарур аст. Сипас чокро ба тарафҳои муқобил дарзмол карда кӯшиш бояд кард, ки дарзмол ба ҷузъ зичтар часпад.
3. Баъди амалиёти ниҳонии мартубу ҳароратӣ бояд маҳсулоти тайёрро дар маникени буғӣ ё ҳавоӣ хушк намуда, дар ҳолати овезон ба таври то пурра шакл гирифтани маҳсулот хунук мекунанд.
4. Тасмаи ченгирӣ – соли 1810 ихтироъ шудааст. Он аз картон ё клёнка сохта мешавад. Дарозии тасмаи ченакгири асосан 150 см бараш 1-2 см буда, дар ду нӯгаш металл часпонда шудааст. Тасмаи ченакгирӣ барои андозагирии қаду қомат, чен кардани матоъ ва ҷузъҳои (деталҳо) маснуот истифода бурда мешавад.

Бӯри дӯзандагӣ – барои кашидани тарҳи ҷузъҳо (деталҳо) ҷои буридани матоъ ва кашидани хатҳо, ҷойгир шудани ҷои киссаҳо, ҷои ангӯла, ҷои сӯрох кардан ва ғайра истифода мешавад.

Он тахту ҳамвор сафед ва ҳарранга аст. Барои аниқ кашидани хатҳо нӯги онро тарошида истодан лозим. Ба ҷои бӯри дӯзандаги дар ҳолати зарурат аз пораи собун низ метавон истифода намуд.

Ҷадвал - метр аз тахтачӯби тунук сохта мешавад. Дарозиаш аз 20 то 100 см ва аз ин ҳам дарозтар буда, бараш 3-5 см мешавад.
Барои кашидани нақша ва андозаи либос истифода мешавад. Ҷадвали чӯбин 1 м барои чен кардани матоъ кашидани хатҳо дар матоъҳои дарозиаш борику гафс ва ғайра истифода мешавад.
Ҷадвали миқёсӣ (маштабӣ 1,4) барои нисбат хурд карда кашидани нақшаи маснуот дар дафтар ва ё албоми кор истифода мешавад.

Ришта (ресмон)

Дар бурудӯз ғайр аз ин асбобу анҷом боз ресмонҳои гуногунро истифода мебаранд. Ресмонҳо вобаста ба таъиноташон дӯзандагӣ, гулдӯзӣ, бофандагӣ, руфӯгарӣ мешавад.
Ресмонҳоро аз нахҳои пахтагӣ пашмин, абрешимӣ, табиӣ (пила) катрнӣ, кимиёӣ мересанд.
Ресмонҳо гуногунранг (сафед, сиёҳ, сабз, кабуд, бунафшӣ зард) ва борику ғафс мешаванд. Борикию ғафсии ресмонро бо рақам ишора мекунанд. Ресмонҳо аз №10 то №80 ишора карда мешавад (№10, 20, 30, 40, 50, 60, 65, 70, 80). Рангҳои гулдӯз, мӯина, абрешимӣ, ирис ва ғайраанд.
Асбобу анҷоми бурудӯзро дар қутича ё халтачаи махсус нигоҳ бояд дошт. Барои босифат дӯхтани маснуот шартҳои зарурӣ гузаронидани ришта ба сӯзан ва кор бо ангуштпонаро донистан лозим аст. Дарозии ришта дар вақти дарздӯзӣ бояд ба 60-80 см баробар бошад. Риштаро ба сӯрохии сӯзан аз тарафи аз ғалтак кандагиаш гузаронед ва гиреҳ кунед, дар ин ҳолат ришта дар вақти дарздӯзӣ моил ҳалқа нашуда, ҳаракат мекунад. Пеш аз риштаро ба сӯзан гузаронидан охири риштаро бо панҷаҳои ишоратӣ ва ангушти калон тоб медиҳанд. Тоб додани охири риштаҳои пахтагин аз тарафи худ буда, риштаҳои абрешиминро ба тарафи худ тоб диҳед.

Сӯзанро бояд байни ангушти калон ва ишоратӣ дошта, гӯшаки онро ба тарафи ришта медоранд. Бо дасти чап риштаи тобдодаро ба гӯшаки сӯзан дохил карда, ба 2/3 дарози мекашонад. Охири риштаро барои он ки чок баромада тит нашавад, гиреҳ медиҳанд.
Дарзҳои дастӣ чунин ичро мешаванд. Ҷузъи коркардамешударо ба рӯи миз мегузоранд, ки коркарди чап мувозӣ ба канори миз мувофиқ ояд ва ба дӯзанда наздик бошад.

1.Дасти чап бояд ба рӯи матоъ (дар саршавии чок) бо ангуштҳо ба миз зер карда истад.

Тайёр кардани сӯзан ба кор

1. Ресмонро бояд бо дарозии муайян мекананд.
2. Тарафи ресмони кандагиро бо даст тоб медиҳанд.
3. Ҷои кандаи риштаро аз ғалтак ба сӯзан гузаронед.

4. Охири ресмонро тугун намоед. Аввал бояд ду маротиба ресмонро гирди лелак печонед ва тоб диҳед ва тугунро кашед.
5. Сӯзан ба кор тайёр шуд.

Бо дасти рост ба чап бо сӯзан аз боло бо матоъ сӯзанро ба боло ва пеш мебаранд. Гӯшаки сӯзанро бо ангуштпона тела медиҳанд ва бо панҷаҳои ангушти дасти рост аз гӯшак ба нӯги сӯзан гузаронида, онро мекашанд. Дасти чап матоъро нигоҳ медорад. ҳамин тариқ чок пайдо мешавад ва ин раванд якчанд бор ичро шуда, гиреҳҳои дастӣ ба вуҷуд меояд. Дар вақти дӯхтани маснуот бояд ба қоидаи техникаи бехатарии кор бо сӯзан, сарсӯзан ва қайчи аҳамият дод.
Дар вақти дӯхтани либос онро бо гиреҳҳо ва дарзҳо мустаҳкам менамоем, дарзҳои дасти ва мошинагӣ. Пеш аз дӯхтан дар мошинаи дарздӯзӣ бояд дарзу гиреҳҳои дастиро ичро бояд кард.
Вобаста ба таъиноташон кӯку дарзҳо ба техникаю ороишӣ ҷудо карда мешаванд.

Ба гиреҳҳои дастӣ дохил мешаванд:

Гиреҳи оддӣ, нусхагирӣ, дарзҳои печон, мошинӣ, паси сӯзан, қат кардан. Кӯкҳои юрма, чамак, хомдӯзи ва ғайраҳо. Ёд гирифтани тартиби ичрои гиреҳҳои номбурда ба ҳар яки мо шарт аст.

1. **Гиреҳҳои оддӣ** - барои муваққатан пайваст кардани пораҳои матоъ, дар пораҳои матоъ ишорат кардани хаттӣ мобаёнӣ сохтанӣ чин истифода мешавад. Дарозии ин кӯк бояд дар матои тунук 0,5-1 см дар матои ғафс 0,8-1 см бошад.
2. **Гиреҳҳои нусхагирӣ** – низ муваққатӣ буда, барои ба қисмҳои ҷуфт ва ё тарафи роста ишора кардани хатҳои бӯркашидаи ҷузъи либос истифода бурда мешавад. ин амал бо ресмони дуқабатаи нисбатан бориктар ичро мешавад, тартиби ичрои гиреҳи нусхагирӣ низ чун гиреҳи оддӣ аст ва танҳо дар ин ҳолат кӯкро то охир накашида, ҳалқачаҳои 1,5-2 см ресмон боқӣ гузошта мешавад. Пас аз ҷои зарурӣ гиреҳ кардан, пораҳои матоъро ҷудо карда, гиреҳ бурида мешавад. Дар натиҷа ҷои дарзҳо бо риштачаҳо пахмоқ ишора мегарданд. Аз рӯи ҳамин хатҳо порчаҳо бо гиреҳи оддӣ пайваст мешаванд. ресмончаҳои пахмоқро пеш аз мошинадӯзӣ кашида гирифтан лозим аст. Барои ичрои гиреҳи нусхугирӣ беҳтараш ресмони сафедро истифода бурдан лозим аст.
3. **Гиреҳҳои печон** – кӯкҳои начандон калон буда, барои сахт часпонидан ва дарзбанд кардани канори порчаи матоъи бурида истифода мешавад. Дарзи печон барои аз резиш нигоҳ доштани канори порчаи матоъи бурида низ истифода мешавад.
4. **Гиреҳҳои қат кардан** – барои қат кардани лаби домани курта, доман, шим, нимтана ва ғайра истифода бурда мешавад. Ин дарз ҳамеша бояд бо ресмони борики ҳамранги либос дӯхта шавад. лаби домон ва ё остинро аввал 0,5, баъд 5-7 см қат карда, нахусти бокӯкҳои калон сипас бо кӯкҳои ноаён медӯзанд. Бо сӯзан аз тарафи рост ба чап аввал аз матоъи поён, баъд аз канори қисми қаткарда каме гирифта медӯзанд. Ҳангоми ичрои ин амал кӯк набояд аз тарафи рости либос намоён шавад.

5. **Гиреҳҳои чамак (зарбӣ)** – салибшакл буда, барои ороиши либос дӯхтани доман нӯги остин гиребон истифода мешавад. Ин кӯк аз тарафи рост ба чап дӯхта мешавад.
6. **Гиреҳҳои бурма** – барои бурмаи якчанд намудҳои куртаи занона болои остин, миёнаи доман, шим ва дӯхтани қисми болоӣ ва ё миёнаи пешгир истифода мешавад. Барои ташкил шудани бурма ду хати мувозӣ мекашанд ва медӯзанд бо кӯкҳои калони рости дарозии чок 3-7 мм чоки аввала аз буриши маснуот дар масофаи 5-10 мм ҷойгир мекунанд. Ба масофаи байни чокҳо 2-5 мм. Дар вақти кашидани риштаҳо бурма ташкил меёбад дар дарозии ҳамаи маснуот мо метавонем ба намуди гиреҳи оддӣ ё ба намуди гиреҳи дарзӣ мошинагӣ онро иҷро намоем.
7. 7. **Гиреҳҳои паси сӯзан** - аз рӯи тартиби иҷро чун дарзи мошинӣ буда шаклан ва ҳаҷман фарқ мекунад. Яъне гиреҳҳои паси сӯзан ба якдигар зич нею бо фосила дӯхта мешавад.

§ 16. Маълумоти мухтасар дар бораи таърихи кашидадӯзӣ

Санъати кашидадӯзӣ таърихи бисёрасра дорад. Дар асри IX- XII кофтуковҳои давраи руси қадим мавҷуд будани кашидадӯзӣ далолат медиҳад. Ин маснуоти ёфташуда аз гулҳои базеб, зебо ва нафис аз ресмонҳои зардӯзӣ, порчаҳои сару либос иборат аст. Дар замонҳои қадим либосҳои одамони номдор, шоҳон либосҳои подшоҳ, одамони мансабдор, шахсони дар масҷиду ибодатхонаҳо буда. Аз ресмонҳои зардӯзӣ оро медоданд.
Анъанаҳои санъати кашидадӯзӣ мунтазам тараққи мекунад. Дар асрҳои XIV- XVII либосҳои ҳаррӯзаро аз кашидадӯзӣ оро додан васеъ паҳн шуд. Санъати кашидадӯзӣ оҳиста-оҳиста, дар ҳама ҷойҳо паҳн шуд. Аз асри XVIII сар карда кашидадӯзӣ дар сачоқчаҳо, дастархон, сачоқҳои гуногунҳаҷм, чойнакпӯшҳо, пешдоман, сарпӯшу, сарбандҳо, рӯмолу сӯзанӣ, ҷойнамоз, ва дигар лавозимоти рӯзғор расм шуд.
Усулҳои кашидадӯзӣ аз гул ва рангҳои он муҷассамкардашуда аз авлод ба авлод гузашта, аз нав коркард шуда намунаҳои такрорнашаванда пайдо мекард.

Кашидадӯзӣ то имрӯз мавқеи худро гум накарда расида омадааст. Кашидадӯзӣ намуди ҳунари халқист, ки дастӣ бо сӯзан, ё чангаки махсус ва ё ба воситаи мошини махсуси гулдӯзӣ дар рӯи матоъҳои гуногун, пӯст ва ғайра бо ресмонҳои пахтагӣ, абрешимӣ, пашмӣ, нахҳои зарҳалию нукрагин, инчунин бо марҷону сангҳои қимматбаҳо,
пулакчаҳои рахшон, марворид, танга ва ғайра ба иҷро мерасад. Дар матоъҳои дурушт низ гул дӯхта мешавад.

Кашидадӯзиро барои ороиши сарулибос, ҷиҳози хона ва дигар васоити зиндагӣ истифода мебаранд.
Асбобҳои асосӣ кашидадӯзӣ-ин сӯзанҳои гуногун, ресмонҳои абрешимин, қайчӣ, ангуштпона, чанбарак, қасқон ва чорчӯба.

Кашидадӯзиро пеш аз сар кардан сӯзан, ресмон ва ғафсии матоъро ба назар гиред.

Барои осонии кор ресмон набояд аз 50-60 см дароз бошад қайчичаи нӯгтези дарозиаш 10-12 см истифода бурдан лозим аст.
Дар бисёр навъҳои кашидадӯзӣ чанбарак истифода намебаранд. Кашидаро бо ангуштони дасти чап таранг дошта меистанд. Сӯзанро ба матоъ халонида ба ангушти миёнаи ангуштпонадори дасти рост тела медиҳанд.
Ҷиҳози ороишӣ: сӯзанӣ, рӯймол, ҳамён, дастархону сачоқча ва ғайра ороиши ба худ хос дошта, ба тарзи махсус дӯхта мешаванд.
Дар мавриди набудани андоза аз кашида тайёр нусха бардоштан мумкин аст. Дар вақти кашидадӯзӣ ва гулдӯзиҳои гуногун пеш аз оғози кор ресмонро бо чунин усул дар матоъ маҳкам мекунанд.

1.Ҷоеро, ки оянда бо гулдӯзӣ пӯшида хоҳад шуд, як чанд гиреҳи
майда мекунанд.
2.Гиёҳи дуюм мепӯшонанд, минбаъд ба охир расонида, ресмонро бо кӯкҳои майда намудҳоро ба вуҷуд медоранд.

Кашидадӯзии тоҷикон ба ду навъ чудо кардан мумкин:

1. Кашидадӯзии тоҷикони кӯҳистон ва кашидадӯзии тоҷикони водинишин.
2. Кашидадӯзони водӣ бештар ба ороиши ҷиҳози сарулибос аҳамият медиҳанд.

Аз қадим зиёда аз 700 навъи нақши кашида маълум аст. Махсусан нақшу нигори куртаҳои занони Кӯлоб, Қаротегин, Бадахшон, Дарвоз, Хуҷанд, Истаравшан қимати баланди бадеӣ доранд.
Асосан бари домон, гиребон, остин, тахтапушти куртаҳои миллӣ ва пешдоман, домон, шим, нимтана, кофточкаҳо ва ғайра оро дода мешавад.

Самарқанду Бухоро, Хуҷанд, Истаравшан, Исфара, Ашт, Мастчоҳ, Кӯлоб, Қаротегин марказҳои кашидадӯзии ҷиҳози хонаанд.

Умуман, ду намуди кашидадӯзӣ маълум аст:

1. Тору пуди матоъро ҳисоб карда дӯхтани кашида.
2. Ба матоъ нақши кашида бо кӯки озод кашидадӯзи кардани он.

Кашидадҳои озод ҳамеша аз рӯи расми дар матоъ, инчунин чарму картон, дӯхта мешаванд махсусан гулдӯзии яктарафа маълум аст. Он аз тарафи рост ба чап дӯхта мешавад.
Гулро кӯкҳо дар тарафи роста қариб пурра мепӯшанд, дар тарафи чаппа фақат тархи нақш мемонанду халос, онро бо мӯлина (ресмони ғафси 3-6 тора) ё ресмонҳои мӯйинаи сурх, кабуд, сабз зард медӯзанд, ки ба туфайли он хеле ҷозибадор мебарояд.
Кашидаи барҷаста барои ороиши либоси тагпӯш, либоси миллии занон, мардон, рӯйҷо, ҷилди кӯрпа, дастрӯймолча, рӯпӯшакҳои нафис ва ғайра истифода бурда мешавад.

www.komron.info

Оё шумо медонед, ки Кашидадӯзи машҳури Ҷумҳуриии Тоҷикистон Зулфия Баҳридинова

Кашидадӯзии ироқӣ.

Тору пуди матоъро ҳисоб карда дӯхтани кашида. Дар матоъҳое медӯзанд, ки торҳои ресмони онҳо якдигарро бурида гузаштаанд (суф, матоъи дурушти дастӣ), чунки ресмонҳои ин гуна матоъҳоро ҳисоб кардан осон аст. Гули ин гуна кашидаҳо аз нақшҳои ҳандасавӣ (геометрия) (хатҳои рости дарозу кӯтоҳ) иборат аст.
Намуди чунин гулдӯзӣ ироқӣ ном дорад. Дӯхтани ироқӣ ду хел мешавад ва аз он қатори салибҳои бутун ва нима иборат аст. Намудҳои ин тарзи дӯхт бо номи ироқии чида ва ироқӣ маълуманд.
Ҳангоми кашидадӯзӣ ва гулдӯзиҳо ҳархела андозаи нақшро истифода мебаранд. Барои дар матоъ гузаронидани нақш гулҳои гуногун мавҷуданд.

1. 1.Нақши дар рӯи қоғаз кашидашудаи гулро бо сӯзан як маром сӯрох мекунанд. Баъд андозаро ба рӯи матоъ гузошта, вобаста ба ранги матоъ бӯр мепошанд.
2. Аз қоғази шаффофи нусхабардор истифода мебаранд.
3. Андозаро ба рӯи моҳут, бахмал ва шоҳии ҷилодор монда аз болои нақш кӯк мекунанд. Баъд қоғазро бо эҳтиёт даронда мегиранд. Дар ин ҳолат нақши гул боқӣ мемонад.
4. Барои ба матоъҳои тунуки сафед гузаронидани нақш андозаро ба рӯи шиша мемонанд. Аз болояш матоъро мепӯшонанд, аз таги шиша чароғ медоранд ва аз рӯи нақши равшаншуда қалами сиёҳ медавонанд.

Дар мавриди набудани андоза аз кашидаи тайёр нусха бардоштан мумкин аст. Дар вақти гулдӯзӣ ё кашидадӯзӣ ҳеҷ гоҳ нӯги ресмонро гирех намекунанд. Пеш аз оғози кор ресмонро бо чунин усул дар матоъ маҳкам менамоянд.

1.Ҷоеро, ки оянда бо гулдӯзӣ пӯшида хоҳад шуд, якчанд кӯки майда мекунанд.
2.Як кӯки калон гирифта, онро то охир аз матоъ кашида намегиранду нӯги ресмони мондаро бо кӯки дуюм мепӯшонанд.

Минбаъд дар ин ҷо гул медӯзанд. Корро ба охир расонида, ресмонро бо кӯкҳои майда ба таги нақш мегузоронанд. Ин тарзи дӯхтани намудҳои ироқии чида ва ироқӣ маълуманд. Ироқии чида ва хатчаҳои уреб ҳамдигарро кӯндаланг бурида иборат буда, одатан аз рост, ба боло дӯхта мешаванд. Ироқии чида низ ду хел мешавад.

3.Санама (ё ироқии чида санама) ин чок дар тӯр, канва, ё матоъҳое, ки тору пуди онҳо кашида тӯрмонанд карда шудаанд, дӯхта мешавад, дар аснои дӯхт хатҳои буришро ҳисоб карда медӯзанд.
4.Ироқии нақшин (ироқии чидаи нақшин) ки аз рӯи ресмон партофта аз болояш кӯкҳои кашидашуда дӯхта мешавад.

Намуди дигари ироқӣ чунин дӯхта мешавад: ба рӯи матоъ ресмон партофта, аз болояш кӯкҳои майда мепартоянд, боз дар паҳлуи он ресмон партофта ба ҳамин тарз медӯзанд. Бо ироқии чида тоқӣ, ҷиҳак, гирда ва кашидаҳои майдаро медӯзанд.

Дӯхтани ҷиҳак.

Кашидадӯзӣ бо тарзи дӯхтани ҷиҳак ё тарзи матоъҳои мустаҳкам ва бофиши зич дошта дар канва иҷро мешавад. Канва матоъи махсус барои дӯхтани матоъи махсус ки таркиб ва сохташро катакчаҳои майда дар бар гирифта, барои даровардани сӯзан дарбар мегирад, ки ба он сӯзанро бемалол мехаланд.

Кашидадӯзии зарбӣ дар ҳолати гузаштани ду кӯки диогнали ба вуҷуд меояд. ҳамаи кӯкҳои болоӣ дар як тараф ва ҳамворӣ бояд ҷойгир бошад. Дуруст иҷро шудани кӯки зарбӣ аз тарафи чап кӯкҳои моил ба як тараф хобида, уфуқӣ ё намудӣ намудор мешавад. Барои дӯхтари ҷиҳак бояд аввал асоси онро интихоб бояд кард, ки онро дар дастгоҳҳои ҷиҳакбофии махсус мебофанд. Асоси ҷиҳак мешавад аз бофтаҳои зич ва ранги сафед, сиёҳ, ранга дорои катакчаҳои якхела дорад. Баъди интихоби асоси ҷиҳак ба он нусха ё нақши муаянро интихоб менамоем.

Мисол: гули садбарг ва барги он, бо иловаи
нақшҳои геометрӣ, ё нақҳои гуногуни интихобӣ. Дар вақти дӯхтани ҷиҳак бо тарзи гиреҳи зарбӣ аввал рангҳои зангори якхела барои баргаш ё шоха, дуюм асоси гули садбарг ва баъд дигар ороишҳоро медарорем. Тарзи дӯхти гулҳо ба равиши уфуқӣ ва уреб дӯхта мешаванд.

Дар тарафи кор дар се катак кӯки халта иҷро намудан мумкин аст. Дар вақти иҷрои кӯки зарбӣ дар маснуоти ороишӣ сачоқча, дастархон, намуди зоҳирии маснуот аз ҷиҳати зебопарастӣ дар иҷрои кори тоза вобаста аст.

Агар кӯки зарбӣ бо як қатор раванд иҷро шавад, уфуқӣ (горизонтали) ҳамаи кӯкҳо бо яктараф иҷро мешавад, баъд кӯкро болои ҳам ба дигар тараф уреб иҷро менамоянд. Кӯкҳои хатти уреби ҳамдигаро уреби мебурад ба тарафи муқобили кӯкҳо Агар кӯки зарбӣ амудӣ (вертикалӣ) он гоҳ дар вақти иҷрои як кӯк ба поён ба боло бояд дар тарафи чап якбораи ба тарафи боло, сӯзанро ба тарафи ростаи маснуот, гузаронидан лозим ва кӯкро уреб ба поён ва ба тарафи чап бояд иҷро намуд.

Кӯки зарбӣ ба намуди диогналӣ душвор мебошад, зеро дар баъзе мавридҳо кӯки дуюми диогналиро бояд иҷро кард, ки бояд ба таги кӯки болои дар тарафи рости маснуот ба як тарафи хобида ва тарафи чапи маснуот шакли рости уреб гирад. Агар кӯки зарбӣ дуруст иҷро шавад аз тарафи қафои чапи матоъ хатҳои рости бо равиши уфуқӣ, тарафи чапи маснуот тугунчаҳои ресмон ва камбудиҳои даҳалонаро рӯйпӯш намудан лозим.

Доир ба ранг

Омӯхтани рангҳои ресмон дар вақти кашидадӯзӣ аҳамияти калон дорад. Дар ҳамаи намуди кашидадӯзӣ мувофиқи ранги матоъ интихоб карда гирифтани ресмон аҳамияти калон дорад, он ба маҳорати кашидадӯзӣ вобаста аст, ки инро мувофиқати рангҳо меғӯянд.
Ранги асосӣ сурх, зард, кабуд ба шумор меравад. Баробари ҳамроҳ шудани ду ранги асосӣ ранги иловагӣ хосил намудан мумкин аст. Мисол, баробари ҳамроҳ намудани ранги сурх ва зард ранги норинҷӣ ҳосил мешавад. ҳар дуро бо кабуд омезем ранги сабз ҳосил мешавад.
Тобиши ранг гуфта, хосияти ранг ва тобиши онро муайян мекунад – меноманд нисбати рангҳои хроматикӣ бо ном кабуд, ҷигарӣ ва ғайра. Номи рангҳоро аз тобиши он муайян мекунанд.
Рангҳои равшан вобаста ба ранги сафед васиёҳ ки ба он ҳамроҳ мекунанд.
Агар ба ранги сурх сиёҳро ҳамроҳ кунем сурхи қирмизӣ (бардовый) ва агар ба сафед сурхро ҳамроҳ кунем ранги гули каду ҳосил мешавад.
Рангҳои равшан ва баста ранги зеборо ташкил медиҳад. Дар вақти интихоби рангҳои нухсаи расми интихобкарда ранги асоси матоъро ба назар гирифта, рангҳои риштаҳои кашидадӯзиро интихоб бояд кард.

Кори амалии №24
Иҷрои кӯки зарбӣ

Асбоб ва таҷҳизот: матоъи канва бо андозаи 2 0 х30 см, ресмонҳои абрешимӣ, қасқон, сӯзани борик бо гӯшаки калон.

Иҷрои кӯки зарбӣ
1.Аз матои канва як ҷузъро бурида гиред, ки андозааш ба нусхаи расми интихобкарда мувофиқ бошад ва ба назардошти ҳаққи чок, ки бари ҳаққи чок 1 см кифоя аст.
2.Нақшаро ба канва ё матоъи сафед мегузаронем.
3.Канваро ба матоъ кӯк задан лозим.
4.Ресмонҳои мӯинаро абрешимин 3 қабата истифода баред ва расмро мувофиқи схема иҷро кунед, аз рӯи нақши мувофиқ ранги ресмон интихоб намоед. Схемаи расми қаҳрамонони афсонавӣ.
5.Кӯкҳои иловагиро канда партоед.
6.Маснуоти дӯхташударо аз тарафи чаппа дарзмол намоед.

Расми 31. Тарзи дӯхтани гиреҳи зарбӣ
а) намуди расми схема
б) аз рӯи схема дӯхтани нақш бо гиреҳи зарбӣ

Инро дар хотир доред.
1.Риштаро бо дандонатон наканед зеро сири (эмали) дандонатон рафтанаш ё лабатонро буриданаш мумкин аст.

2.Чокҳои маснуот ё ҷои тугмабоғиро бо тегаи ришгирӣ набуред, зеро он дастатонро буриданаш мумкин.
3.Дарзмолро ба дарзмолгузорак бояд гузошт вагарна он ғалтида поятонро сӯхтанаш мумкин аст.

Кӯки занҷиршакл

Кӯки занҷиршакл – барои дӯхтани ҳошияи кашида, шохчаи гулу барг ва ҳамин қабил нақшҳо истифода мешавад.
Ин намуди гулдӯзӣ бо дарафши чангакдор ё сӯзан дӯхта шуда, дар аснои он тарафи рости матоъ занҷири халқаҳо ва дар тарафи чапи он хатҳои рост ҳосил мешавад.
Дар вақти дӯхтан бо сӯзан нақш аз боло ба поён дӯхта мешавад.
Ресмони аз сӯзан гузаронидашударо бо дасти чап дошта меистанд, баробари хастану баровардани сӯзан халқа ҳосил мешавад.

Кӯки хомдӯз

Кӯки хомдӯз барои дӯхтани рӯймол, куртаи чакан, рӯйҷо, тоқиҳо, болишт ва навъҳо сӯзанӣ истифода бурда мешавад. Хомдӯз кӯки дутарафаю ҳамвор Буда, ресмон рост ё андаке уреб дӯхта мешавад. Бо ресмони хом дӯхта мешавад.
Дар дӯхту дӯз боз бисёр кӯку дарзҳои дигар истифода мешаванд.

? Савол ва супориш
1. Намуди асбобҳои истифода барандаро дар вақти кашидадӯзи номбар кунед, сӯзанҳо чанд рақам доранд.
2. Қоидаҳои ироқи дӯзиро гуфта диҳед.
3. Тарзи дӯхтани гиреҳҳои ороиширо бо хоҳиши худ интихоб намуда онро иҷро намоед.

Боби 6. Унсурҳои мошинашиносӣ

§ 17 Таинот ва сохти мошинаи дарздӯзии дасти Таърихи мошинаи дарздӯзӣ таъиноти ва сохти мошинаи дарздӯзӣ.
Дар замонҳои қадим либосро дасти медӯхтанд. Ин кор вақти зиёдро мегирифт. ҳамчунин дарз на ҳамеша баробар мустаҳкам ва шинам мегардид.
Баҳри осонии дарздӯзӣ ва тезонидани мӯҳлати тайёр кардани либос фикри сохтани мошини дарздӯзӣ пайдо шуд.
Аввалин мошинаи дарздӯзӣ соли 1765 дар Англия ба истифода пешниҳод шуд. Дар мамлакатҳои дигар устохонаҳое буданд, ки аз Англия асбобҳои мошинаи дарздӯзиро оварда месохтанд.

Мошинаи дарздӯзӣ

Лоиҳаи якуми мошинаи дарздӯзигиро дар охири асри ҶV Леонардо Давинчи тартиб додаст, Дар соли 1834 америкои Уолтер Хайт сӯзани гӯшакдор (сӯрохидор) ва нӯгаш тезро

ва сохти механизмимокуро ихтироъ кард. Ин якумин мошинаи дарздўзӣ аз ресмонҳои болоӣ ва поёниро истифода бурда мешуд. Мошинаи дарздўзӣ ба музей ва намоишгоҳҳои экспорти иштирок мекард. Дар соли 1850 бо ҳаракати Алена Вилсон ва махсус Исаак Зингер мошинаҳои дарздўзиро ба ҳолати ҳозираи замона овардаанд. Ба ғайр аз ҳаракатдиҳандаи дасти бо ҳаракатгузаронидаи пояки (педали), машина кор мекард, ки дар ин ҳолат дасти дўзанда озод мешавад. Аз соли 1870 с. Фирмаи «Зингер» на фақат дар ИМА дар бисёр давлатҳо аз он ҷумла дар Россия филиали худро ташкил кард. Дар назди Москва шаҳри Подолски соли 1900 с. Фирмаи «Зингер» завод сохт ҷо ба ҷо кунии ҷузъҳои машинаи дарздўзӣ, ки аз хорича оварда мешуд, иҷро мекард. Дар ин завод дар як сол 600 ҳазор мошин мебаровард.

Инро дар хотир доред.

Мошинаи дарздўзии ватанӣ баъди Инқилоби Октябр дар собиқ Идтиҳоди Шўравӣ сохта шудааст.
Аввалин заводи мошини дарздўзӣ дар соли 1923 дар шаҳри Подолски вилояти Москва сохта шудааст. Баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Белоруссия ҳам заводи мошини дарздўзӣ ба кор даромад.
Мошини дарздўзӣ ҳам барои саноат ва ҳам барои рўзгор истеҳсол карда мешавад. Мошини дарздўзии саноатӣ барои фабрикаву устохонаҳои дўзандагӣ истеҳсол карда мешавад. Мошини дарздўзӣ ба якчанд гурўҳҳо ҷудо мешавад:
1.Мошинаи дарздўзии дастӣ.
2.Мошинаи дарздўзии бо пой ҳаракаткунанда.
3.Мошинаи дарздўзии барқӣ.
4.Мошинаи дарздўзии универсалӣ.

5.Мошинаи дарздўзии махсус - универсалӣ.

Дар мошинаи универсалӣ амалиёти гуногуни дўзандагӣ иҷро мегардад, яъне дарзро аз аввал то охир медўзанд. Сатҳи дарзро оверлок карда, чок дўхта, тугмаро часпонида ва агар лозим бошад дигар ороишҳо дода мешавад. Ин мошин ҳам дар рўзгор ва ҳам дар саноат истифода мешавад. Мошинаҳои махсус танҳо як амалро иҷро мекунанд, яъне ё тугма мечаспонанд ё оверлок мекунанд ва ё танҳо чок медўзанд. Ин мошинро асосан дар фабрика ва устохонаи дўзандагӣ истифода мебаранд.
Бо сифати кори мошинаи дарздўзӣ қоидаҳои дурусти нигоҳубин ва истифодаи он вобастагии калон дорад, дар вақти дўхтан. Аз ин рў онро нағз донистан даркор аст. Гузаронидани риштаҳои боло ва поён, пур кардани найча, дуруст гузаштани найча ба моку, ҷобаҷогузории моку, ивази сўзан, риояи захми чок, тозакунӣ, равғанкунӣ ва ғайра. Тарзи дурусти нишаст дар мошин, ташкили ҷои корӣ ва тартиби кор дар мошинаи дарздўзӣ вазифаи асосии дўзанда мебошад.
Пеш аз он ки ба кори мошинаи дарздўзӣ сар кунем, бояд ному вазифаи асбобу механизми мошинаи дарздўзиро хуб донем.

Мошинаи дарздўзии дастӣ

www.komron.info

Қисмҳо:
1.Танзими дарозии лаганда.
2.Риштаравонак.
3.Танзими риштакашак.
4.Риштапечонак.
Механизмҳо:
1.Механизми сӯзан.
2.Риштакашак.
3.Сохти моку.
4.Рейкаи ҳаракатдарованда матоъ.

Ҷузъҳои мошин: меҳвар, навард, шкив, чархи дандонадор, чангаки махсус, рейка тахтаи тунук, ҳаркатдорандаи матоъ ва ғайра мебошад.

.

Қоидаи санитарию гигиенӣ ва тартиби қоидаҳои кор дар мошинаи дарздӯзӣ дастӣ

1. Барои нигоҳ доштани саломатӣ ва баланд бардоштани меҳнати истеҳсолӣ вақти кор бо мошинаи дарздӯзӣ тарзи нишаст роли муҳимро мебозад.
2. Курсии назди мошинро муқобили риштаравнок аз канори он 15-20 см дуртар гузоштан лозим аст.
3. Ҳангоми кор ба сатҳи пурраи курсӣ нишаста, тахтапушт ба пуштаки он, пойҳо ба сатҳи фашр ё тирак такя карда шавад. Танаро андак каҷ намуда, сарро ба пеш хам карда, нигоҳ бояд дошт. Ҳангоми нодуруст нишасти кори мӯътадили организм вайрон мешавад.
4. Масофаи дӯзанда аз мошинаи дарздӯзӣ ба масофаи 35-45 см дуртар аз чашм гузошта мешавад.
5. Мошинаи дарздӯзӣ бояд назди тиреза тарзе гузошта шавад, ки равшанӣ аз тарафи чап афтад. Ба дуруст риоя накардани қоидаҳои нишаст дар назди мошинаи дарздӯзӣ ба чунин камбудиҳо оварда мерасонад:

   Ба каҷшавии тахтапушт ва сутунмӯҳра, тезмондашавӣ ва касалиҳои органҳои дарунӣ оварда мерасонад. Барои он ки вақти кор кардан бо мошинаи дарздӯз ҳодисаҳои нохуш (маъюбшавӣ) рӯй надиҳанд, қоидаҳои зерини техникаи бехатариро риоя бояд кард.

Қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо мошинаи дарздӯзӣ.

1. Мӯйҳоро зери сарбанд гиред ва манжетҳои остини либосро пӯшида, тугмаҳояшро ҳатман гузаронед.
2. Дар хона фақат бо иҷозати калонсолон мошинаи дарздӯзиро истифода баред.
3. Пеш аз кор бояд аз болои платформа асбобҳои нолозимро ғундоред: қайчӣ, ангуштпона, мурваттоб, равғандон ва ғайра.
4. Аз назар гузаронед, ки сӯзанҳо бо мошин ва қисми лапка мустаҳкам бошад.

5. Пеш аз дӯхтан дар мошинаи дарздӯзӣ бояд аз назар гузаронед, ки дар маснуот сӯзан ва сӯзанак мавҷуд набошд.
6. Дар вақти кор дар мошинаи дарздӯзӣ сарро ба қисмҳои ҳаракаткунанда, навардҳои чархзананда, сӯзан, найчапуркунак, сарнавард (маховик), бисёр хам кардан мумкин нест.
7. Ба пластика аҳамият диҳед, ки он пӯшида бошад. ҳангоми кор ба ҳолати даст назорат бояд кард то ба ангушт сӯзан нахалад.
8. Панҷаҳои дастро ба лапка ва сӯзан наздик нагузоред, ҷойҳои ғафси маснуотро суст дӯзед.
9. Дар вақти кор ба назди якдигар омада, ҳуши шахси коркардаистодаро гирифтан манъ аст ва ба якдигар предметҳои гуногунро дароз кардан маън аст.
10. Мошинро дар ҳолати поён фаровардани пошно (лапка) набояд бе матоъ ба ҳаракат даровард.
11. Махсусан ба қисмҳои муҳаррики мошин эҳтиёткорона муносибат кардан лозим аст, ки назди он қайчӣ, сӯзан дигар ашёро гузоштан нашояд.
12. Ҳангоми истифодаи мурваттоб эҳтиёт бояд кард, ки нӯги тези он аз мурват ғеҷида дастро захмдор накунад.
13. Ҳангоми ҳаракати мошин тоза кардани он манъ аст. Баъд аз равған молидани мошин набояд онро дарҳол кор фармуд.

Вобаста ба тарзи ҳаракати механизм мошини дарздӯз ба пой, дастӣ ва барқӣ ҷудо мешавад. Мошинаи дарздӯзӣ барои дӯхтани маснуот хизмат мекунад. Истифодаи мошинаи дарздӯзӣ кори дӯзандаро осон мегардонад, суръат ва сифати корро баланд мебардорад.

Кор дар мошинаи дарздӯзӣ

Барои он ки мошинаи дардздӯзии дастӣ ба ҳаракат даровардa шавад, бо дасти рост чархашро оҳиста, ҷониби худ тоб дода, баъд ба тарафи аз худ муқобил давр занондаи лозим аст. Дар ин ҳолат механизмҳои чокдӯзӣ ба кор медароянд ва дарздӯхта мешавад.

1.Барои омӯхтани кор дар мошини дарздӯз, аввал даврзанонии чархро ёд гирифтан лозим аст. Барои ин пайванди байни чарх ва механизми мухаррикро кушодан лозим аст. Дар ин ҳолат чархи мошинро бо дасти рост, аввал тарафи худ давр занонда, баъд дарҳол аз дасташ дошта, муқобили худ давр занондан лозим аст. Ин корро якчанд маротиба амали такрор намуда, малакаю маҳорат пайдо кардан зарур аст.
Баъд аз ёд гирифтани даврзанонии чарх, тири онро маҳкам намуда, ба зери пошна пораи қоғаз ё матоъро ки дар рӯи он хатҳо кашида шуданд, гузошта бе ресмон, якчанд маротиба онро дӯхтан лозим аст. Ин корро ҳам амалӣ такрор ба такрор иҷро кардан шарт аст.

Савол ва супориш:
1.Ҷои корро чӣ тавр бояд ба тартиб овард?
2.Хангоми кор дар мошинаи дарздӯзӣ чӣ тавр нишастан лозим аст?
3.Ҳангоми кор дуруст ё нодуруст нигоҳ доштани танаи одам ба чӣ натиҷа меорад?

4.Қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва техникаи бехатарӣ хангоми кор бо мошинаи дарздӯзро гӯед ва ҳатман риоя намоед.

§18. **Қоидаи ба кор омода кардани мошинаи дарздӯзӣ**

Дар вақти кор дар мошинаи дарздӯзӣ хатман тарзи гузаронидани риштаи болоӣ ва поёнӣ, ҷо ба ҷо кардани сӯзан, танзими сифати дарзҳо, дарозии дарзро донистан лозим аст.
Гузаронидани риштаи боло Барои гузаронидани риштаи болоӣ бояд паси ҳам якчанд амалҳоро иҷро кард.
Аввал бояд сӯзанро дар ҳолати боло намудани дасти сарчарх (калисаи маховикро) мегардонем. Баъд бо ричаг лапкаи пружиниро мебардорем. Ғалтаки риштаро ба тирчае, ки дар болои дастаи мошин ҷойгир аст, меандозанд. Нӯги риштаро аз ғалтак кашида, даруни сӯроҳии риштаравонкунак мефароранд ва аз даруни сӯрохии пружина мебароранд.
Баъди ин риштаро ба боло равона карда, аз даруни сӯрохии риштакашак мегузаронанд, ки он дар ин вақт бояд дар ҳолати боло нигоҳ дошта шуда бошад. Сипас, риштаро ба риштаравонак дароварда, баъди он ба сӯрохии сӯзан медароранд. Дар ҳолати риштагузаронӣ сӯзан бояд боло бошад. Нӯги риштаро дарозтар 10-15 см мемонанд, то ҳангоми риштаи пудро баровардан аз сӯзан набарояд.

Паиҳамии гузаронии ресмони боло дар машинаҳои барқи Пур кардани найча бо ришта. Риштаи пуд қисми поёни ресмони мошинро пеш аз гузаронидан, аввал бояд найчаро бо ришта пур мекунем, ғалтакро ба ғалтакгузорак мегузорем ва риштаро аз байни шайбаи риштагузорак мегузаронем.
Ҳангоми канда шудани ресмони болоӣ пеш аз ҳама дурустии риштагузориро бояд санҷид, баъд тарангии онро суст кардан зарур аст, барои ин регулятори танзимкунандаро 3-4 бор ба чап тоб додан лозим аст. ҳангоми аз ҳад зиёд таранг будани ресмони поёни регулятори танзим поён регулятори танзимкунандаи пружинаи сараки найчаро каме холӣ бояд кард. ҳангоми аз ҳад зиёд давр задани ғалтак (дар ин маврид аз ғалтак ресмон бештар кушода мешавад). Дар ин маврид ба зери ғалтак як пора матои ғафс мегузоранд.
Мувофиқи ақрабаки соат якчанд гирд риштаро мепечонем. Найчаро ба шпиндели найчапуркунак гузашта, сиқонаки онро маҳкам мекунем, яъне месиқонем. Сарчархро ба ҳаракат дароварда, найчаро бо ришта пур мекунем то ришта бо қади баланди найча пур шуданаш боздошта, шпиндели найчапуркунакро кушода, найчаро мегирем ва риштаро меканем. Пур кардани найчаро бо ресмон дар найча пуркунанда машқ кунед.
Гузаронидани риштаи поёнӣ (риштаи пуд) Баъди найчаро пур кардан бо моку маҳкам мекунем. Дар ин ҳолати нӯги риштаи найча ба дарозии 10-15 см аз моку берун монда шавад.
Сипас дар ҳолати боло бурдани сӯзан, мокуи найча ба мокухона (сархонаи моку) ҷо карда мешавад.
Сарпӯши мокухонаро (мокугузоракро) пӯшида, меҳвари чархро маҳкам карда, нӯги риштаи торро, ки ба сӯзан гузаронида шудааст, бо дасти чап дошта (оҳиста-оҳиста бо

дасти рост чархро тоб дода, сӯзанро ба ҳаракат медарорем, яъне ба сархонаи моку даровардаро мебарорем.
Дар натиҷа нӯги риштаи пуд мебарояд. Нӯги харду риштаҳо (риштаҳои тору пуд))-ро баробар карда ба пушти пошна мегузаронем, мошина ба дарздӯзӣ тайёр мешавад.
Ресмони поёнӣ дар мавриди бад кор кардани риштапечонак (ба ғалтаки найча) канда мешавад, дар айни ҳол ба найча аз меъёр зиёд ресмон мепечад. Ресмонро ба найча тавре бояд печонд, ки он дар канори ғалтак аз ҳад зиёд напечад ба ғалтак ҳамвор ва бо як маром печад ва канори найча 1,5-2 мм аз ресмон холӣ монад.

Тоза кардани қисми мокугузаронак

Ҳаракати вазнини мошини дарздӯзӣ аз сабаби чиркин шудани роҳи мокугузорак аст. Роҳи чиркиншуда дар натиҷаи риштаҳои кандашуда, нодуруст гузаронидани риштаи моку, патҳои матоъ ва чанг ба амал меояд.
Барои тоза кардани ҳаракати роҳи мокугузорак бояд механизми сӯзанро ба ҳолати боло бардоштан лозим аст.
Баъд мокуро аз мокугузорак мегирем бо гардиши қулфи пружинаи ба тарафи худ, чархи болои хамиро гирифта мокуро мегирем.
Мокухонаро бо щётка ё мӯқалам аз чангу чирк ва риштаҳои кандашуда тоза мекунем. Баъд ҳамаи қисмҳоро бо навбат ба ҷояш мегузорем.
Мокухонаро доим тоза карда истодан лозимаст.

Вазифаи асбобу механизми танзимаи дарозии лаганда

Барои матоъҳои ғафсиашон, гуногун лагандаи гуногун талаб карда
мешавад. Барои матои тунук лаганди кӯтоҳ 1,5-2 мм, барои матои ғафс лагандаи дарозро истифода мебаранд.
Масофаи байни ду дӯхти сӯзанро лагандачок меноманд. Лагандаи аз ҳама дарозтарин дар мошинаҳои дарздӯзии дастӣ 4 мм мебошад.
Барои муайян кардани дарозии лаганда мурвати танзимро ба тарафи чап тоб дода, гӯшаки онро озод нигоҳ медоранд, баъд рақамҳои ҷадвалро ба ҳисоб гирифта, гӯшаки танзимро муқобили рақами зарур мегузоранд ва мурватро ба тарафи рост тоб медиҳад.
ҳангоми аз аввалу охир мустаҳкам кардани дарз ва аз тарафи акс лаганда кардан забончаи танзима боло тела дода мешавад.
Ҳангоми дӯхтани дарзи чин-чин забончаи танзима муқобили рақами 4 (поён) бурда мешавад. Дар ин ҳолат риштаи тор бештар холӣ мешавад ва риштаи пуд осон кашида мешавад.
Чин-чин ҳангоми то қадри ҳол кашидани риштаи пуд пайдо мешавад.
Вабаста ба навъу гурӯҳи мошинҳо танзими онҳо низ гуногуншакл мешавад.

Танзими лагандаи мошинаи дарздӯзии дастӣ

Ҷобаҷогузории сӯзани мошинаи дарздӯзӣ. Сӯзан яке аз қисмҳои асосии мошинаи дарздӯзист. Вобаста ба ғафсии матоъ ва риштаи сӯзанҳои гуногун (вобаста ба рақам) истифода бурда мешаванд.

Барои матои ғафс набояд сӯзани борик гузоштан даркор аст, зеро сӯзан тез мешиканад. Агар бо сӯзани ғафс матои тунукро дӯзем, матоъ сӯроҳдор мешавад. Дарозӣ ва шакли сӯзани интихоб карда ба намуди кори ичрошаванда вобаста аст. Колбаи сӯзан аз як тараф суфта шуда, аз дигар тараф барҷаста мебошад.

Ба тарафи суфташудаи сӯзан рақам гузошта мешавад. Колба-сарпӯши сӯзан барои мустаҳкам кардани сӯзан ба сӯзангузораки мошин хизмат мекунад. Мустаҳкам кардани сӯзан бо чунин тарз ичро мешавад:
Чархи мошинаро бо дасти рост оҳиста ба ҳаракат дароварда, тоб ва механизми сӯзангузорандаро ба ҳолати боло мегузоред.
Суръати сӯзанмонакро камтар сабук мекунем ва сӯзанро ба дохили он мегузорем, ки тарафи чуқурдори он (желобок) ба ресмон кашанда нигоҳ кунад ва мурват сахт мекунем. Баъд тарзи мустаҳкам шудани сӯзанро месанҷем, сӯзанро ба боло ва ба поён ба дохили сӯрохи пластинадор мефарорем. Шикастан ва кач шудани сӯзан дар натичаи нодуруст истодани дастаки танзимдиханда рӯй медиҳад. Дар чунин мавридҳо винти саракдори дастаки танзимдихандаро тавре бояд маҳкам кард, ки он нисбат ба сӯзан ва сӯрохии сӯзангузорак мавқеи дурустро ишғол намояд. ҳодисаи шикастани сӯзан борик дӯхтани матои ғафс, дар аснои чокдӯзӣ кашидани матоъ, ба тарафи худ кашида гирифтани матои дӯхташуда ҳам ба амал омаданаш мумкин аст. Сӯзани мошинаи дарздӯзиро фақат аз рӯи афсиаш фарқ мекунанд ва мувофиқи он рақам мегузоранд. Сӯзани дарздӯзӣ бояд рост (сӯзан андаке қат бошад ҳам, чок кач мешавад) бошад. Сатҳаш хеле хуб сайқал дода ва нӯгаш тез бошад.
Сӯзанҳои мошинро дар ҷои хушк бояд нигоҳ дошт. Ҳангоми номунтазам (фосиланок) шудани кӯк дурустии мавқеи сӯзан, мувофиқати рақамҳои сӯзан ва ресмонро санҷидан, сӯзани кунд ё кач шударо иваз кардан лозим аст.

Танзими риштакашак.

Ресмонҳои дарзи мошин, яъне дарзи мошинагӣ ҳамон вақт зебо, мукстаҳкам ва рост мешаванд, ки агар ресмон аз ғалтак ва моку мӯътадил гузарад, ки ин ба тарангии ресмони боло ва поёни вобаста аст.
Нодурустии тарангии ресмон ба камбудиҳои дарз оварда мерасонад, яъне дарз ё халта, номустаҳкам, тугун ва кашиши матоъ меоварад.
Ҳамаи ин ба танзимаи риштакашак вобаста аст. Тарангии ресмони болоро бо гардиши танзимаи риштакашаки ресмони боло иваз менамояд.
Ресмони поёниро бо гузаронидани пружинаи кашиши мокудор танзим мекунад. Барои танзим додани тарангии ресмони поёнӣ бояд мурвати мокуро таранг ё халта кардан лозим аст. Мурвати пружинадори моку танзими тарангии ресмони поён ҳисобида мешавад.
Барои дуруст кор кардани мошин, сабук ҳаракат кардани механизмҳои он ва рост будани дарз, онро мунтазам тоза ва равған кардан лозим аст. Агар ҳаракати мошин вазнин бошад он гоҳ корҳои зеринро бояд ичро кард: аз порчаҳои риштаҳои кандашуда ва чанг мокуро тоза кунед; ва мошинаро оҳиста ба ҳаракат дароред, баъд қисмҳои муҳаррики мошинро

тоза пок ва бо равғани мошинӣ ҷойҳои серҳаракатро равған кунед. Аагар тасмаи ҳаракатоварро суст шуда лағжад, онро кӯтоҳтар намоед.

Агар чораҳои дар боло зикршуда барои бартараф кардани нуқсони мошинаи дарздӯзӣ натиҷаи қаноатбахш надиҳад, дар он сурат ба муаллим ё дар хона ба калонсолон хабар диҳед то, ки ба устохонаи хизмати маишӣ муроҷиат намоянд.

Дӯхтан дар мошинаи ба кор тайёршуда

Таҷҳизот ва масолеҳ: мошини дарздӯз, риштаи №40, як порча матои тарафҳояш 30х30 см, қайчи.
Мошинаро бо латта тоза карда, чархашро бо дасти рост оҳиста ҳаракат дода, сӯзанро боло мебардорем, лапкаро (пошнаро) ба боло бардошта, матои дӯхтаро зери он гузошта, сӯзанро рӯи матоъ мефарорем. Тафтиш мекунем, ки бари дарз оё дуруст муайян шудааст. Бари дарз аз кӯки сӯзан то буриши матоъ чен карда мешавад. Баъди он ки бари дарз аниқ карда шуда, пошнаро поён ба рӯи матоъ фароварда, чархро тоб дода, дарздӯзӣ мекунем. ҳангоми дарздӯзи матои дӯхташавандаро дар зери пошна тела додан ё баракс сӯи худ кашидан мумкин нест, танҳо онро андаке доштан кифоя аст. Наққола (транспортер) худ матоъро пеш мебарад. Барои он ки дарз рост шавад, ҳангоми дӯхтан на ба ҳаракати сӯзан, балки ба масофаи байни буриши матоъ ва канори чангак бояд назар кард. Вақте ки дарз дӯхта шуд, маснуот аз зери пошна бароварда мешавад. Барои ин ҳаракати мошинаро нигоҳ дошта, сӯзан ва пошнаро боло мебардорем, риштаҳои
тору пудро ба дарозии 10-15 см кашида, онҳоро аз бехи канори матоъ ва ба пушти пошна мебарем. Дар ин ҳолат риштаро ҷониби худ сахт кашидан мумкин нест, зеро сӯзан мешиканад.
Барои пайдо намудани малакаю маҳорати дарздӯзӣ дар як пора матоъ як чанд қатор хати рост кашида медӯзем. Танзими дарозии чокро аввал ба калонаш гузошта 2 қатор ва дар охир ба миёнааш, ки қадами чоки дуруст, яъне ба ададӣ 3-3,5 гузошта медӯзем, фарқияти ин дарзҳоро месанҷем ки кадомаш дуруст аст. Баъди анҷоми кор зери пошнаи мошин мағз гузошта, онро дар ҳолати пештара нигоҳ медорем. Мағзи зери
пошна як пора матои якчанд қабат дӯхташуда аст.
Онро пеш аз кор аз зери пошна гирифта, ба ҷойи муайян монда, баъди кор, боз зери пошна мегузорем.
Дарзҳои мошинӣ ниҳоят зиёданд. Намудҳои асосии дарзҳои мошинӣ:

1. дарзҳои оддӣ,
2. дукарата,
3. изофадӯхт,
4. доманадӯхт,
5. дарзи ҷудо-ҷудо,
6. болоиҳам, бахия ва ғайра мебошад.

Технологияи коркарди дарзҳои мошинагӣ

Машҳуртарини дарзҳо дарзи оддӣ мебошад. Иҷрои ин дарз вобаста ба номаш ниҳоят осон буда, барои пайваст кардани пораҳои асосии маснуот истифода бурда мешавад.
Тарзи иҷрои он чунин аст: Ду пораи ростаи матоъро болои ҳам рӯ ба рӯ, аз канор 0,5-0,7 см гузошта медӯзанд. Пеш аз иҷрои дарзи оддӣ ҳангоми навмашқӣ, аввал пораҳоро бо сӯзан (бо кӯки калон) пайваст карда, баъд мошинадӯзӣ мекунанд. Ғафсии дарз ба матоъ ва таъиноти маснуот вобаста аст.

Дарзи доманадӯхт (кӯки ноаён)

Барои қат карда дӯхтани либоси таг, куртаи мардона, ҷиҳози бистар, баъзан лаби доман остин, пешдоман, гирди рӯймолҳо ва ғайра истифода мешавад. Канори пораи буридашдаро аввал 0,5 см, бори дуюм 0,5-1 см қат карда медӯзанд. Дар баъзе ҳолатҳо вобаста ба матоъ ва таъиноти маснуот каме зиёдтар қат мекунанд ва аз ҷои қатшавӣ 0,1 см монда мошин мезананд.
Ин дарзро низ аввал бо сӯзан дастӣ, баъд бо мошинаи дарздӯзи дӯхтан мумкин аст. Бо тартиби дӯхтани дарзҳои дигар дар синфҳои минбаъда шинос мешавем.
Дар айни ҳол дарзҳои оддӣ, дукарата, доманадӯхтро иҷро карда дарзмол мекунем ва ба албоми корӣ мечаспонем. Р. 34 в.

Боби 7. Технологияи чокбури

§ 20. Ба нақшагирии либоси махсус бо унсурҳои амсиласозӣ

Номи умуми чизҳоеро, ки инсон мепӯшад, либос мегӯянд. Ба мафҳуми либос каллапӯш, курта, пойҷома, пойафзол, шиму ҷома ва ғайра дохил мешаванд.
Либос ҳамчун восилаи муҳофизати инсон аз таъсири гуногуни беруна (гармою сармо, обу оташ, гарду чанг ва ғайра) пайдо шудааст.
Либоси аввалини инсонҳои қадим аз пӯсти ҳайвонот, баргу пӯстлоқи дарахтон пару пӯсти паррандагон ва ғайра буд.
Баъдтар одамон барои худ аз пашм, пахта, канаб, заҒирпоя ва пилла либос тайёр мекардагӣ шуданд. Либосҳо аввал танҳо миёну ронро мепӯшонданд. Баъдтар намудҳои гуногуни либос, аз ҷумла куртаҳои кӯтоҳу дароз, чакман, яктаҳ, пойҷома, пешдоман ва ғайра пайдо шудаанд.
Либос мувофиқи фаслҳои сол, машғулияти касбу кор, сину сол, рангу рӯю мӯю абрӯ, қаду баст тайёр карда мешавад.
Ғайр аз ин либос аз рӯи таъминот ба корӣ ва меҳмони чудо карда мешавад.
Либоси кории одамон вобаста ба касбу кор ва машғулияти онҳо дӯхта мешавад.
Масалан, либоси кории табибон, ошпазҳо, фурӯшандаҳо хилъати сафеду кулоҳ (рӯймол)-и махсус, либоси кории сохтмончиёну коркунони кону шахтаҳо аз матои махсуси даҒал дӯхта шуда ва кулоҳи пластмасӣ иборат мебошад.
Мактабиён низ либоси махсус доранд. Ин либос барои духтарон куртаю пешдомани мактаби ё нимкуртаю доман (юбка), кофтаю, сарафан, барои писарон шиму костюми сиёҳ ё кабуд, куртаи сафед аст.

Либоси хонагиро мувофиқи номаш дар хона, ҷамъиятиро дар корхона ва дар мактаб мепӯшанд.
Либоси хонагӣ бояд тавре дӯхта шпавад, ки дар он одам худро ҳангоми шину хез, ичрои кори рӯзгор ва фароғат озоду бароҳат эҳсос каврда тавонад. Либоси меҳмони-либоси идона, меҳмонӣ, маҷлису маърака ва тамошо рафтан буда, ҳамеша хушнамо, шинам бо ороишоти илова дӯхта мешавад. Ба тартиби либоспӯшӣ риоя намудан лозим аст.
Пӯшидани либос мувофиқи таъиноташ зебанда аст. Яке аз либосҳое, ки ҳаноми ичрои кори рӯзгор мепӯшем пешдоману сарбанд аст. Пешдоман ва рӯймол, инчунин либоси кории пешхизматҳо, як ҷузъи либоси миллии украину белорусҳо, халқҳои Назди Балтик ва ғайра мебошад. Вобаста ба ин аз рӯи дӯхт пешдоманҳо гуногун мешаванд.
Пешдоману сарбанде, ки ҳангоми корҳои рӯзгор мепӯшем, асосан аз матои пахтагини якранг ё гулдор дӯхта мешавад.
Пешдоманро барои ифлос нашудани либос, сарбанд ва калапӯш барои парешон шуда ба хӯрок наафтидани мӯи сар, истифода мебаранд. Барои дӯхтани пешдоману рӯймол ё калапӯш пеш аз ҳама модел ва вобаста ба ҳамин матоъро интихоб карда миқдори матои зарур, тарзи ороиш, маснуоти ороиширо низ муайян намудани лозим аст.
Миқдори матоъ вобаста ба бари он ва қаду баст муайян мешавад. матоъҳо гуногунбар, яъне аз 60 см то 1 метр 60 см то 2 м мешаванд. Пайдоиши либос. ҳафриёти бостоншиносӣ нишон медиҳад, ки хеле барвақт, ҳанӯз дар давраи полеолит (40-25 ҳазор сол пеш аз милод) либос пайдо шудааст. Дар ин давра аллакай сӯзанҳои устухониро истифода бурда медӯхтанд, мебофтанд ва бисёр маводҳои табииро истифода бурда, баргҳо, каҳ, дарахтони майда, пӯсти ҳайвонотро шакли ба худ хосро ҳосил мекарданд.
Барои каллапӯш маводи табииро, чун кадуҳои дарунаш холишуда, пӯстлохи чормағзи какос, пӯслоҳи сангпушт истифода мебурданд.
Пойафзол баъдтар пайдо шуд. Либос ҳамчун санъати декоративӣ (прикладного) бо зебои ва мақсаднокиаш бадани инсонро аз хунукӣ, гармӣ, намнокӣ, шамол,
муҳофизат мекунад ва вазифаи эстетики низ дорад.
Либос бадани инсонро қисман мепӯшонанд. Либоси аз пӯсти ҳайвонот ё материалҳои растанигӣ бофта, пораҳои росткунҷа ва ба қисми рон мепартофтанд ва онро мебастанд ё гирди бадан амудӣ ё уфуқи ё спиралшакл мепӯшиданд. ҳамин тавр либос пайдо шуд. Яке аз намуди асосии либос ҷамияти ибтидои буд. Бо гузариши вақт шакли муракаби
либосҳо пайдо шуд.
Маътои ҳосилкардаро ба қисми асосиаш қат мекарданд ё ба кундалангӣ ва қисми паҳлугиашро медӯхтанд дар қисми болои ҷойи сӯрохӣ дошт гузоштан дар маркази қаткунӣ сӯрохӣ барои сар. Либоси бо гузориши сӯрохӣ барои сар, ки онро аз болои сар мепӯшиданд.

Маълумот дар бораи либос

Дар зиндагии рӯзмарраи одамон либос низ чун хӯрокворӣ ва манзил нақши бузург мебозад. Либос гуфта маҷмӯи ашеро меноманд, ки ба онҳо одам бадани худро пурра ё қисман мепӯшонад.

Либос нишони маданияти моддии одам буда, дар худ хусусиятҳои миллӣ, махсусиятҳои инфиродии эҷодиро таҷассум мекунад ва аз ин рӯ ҳамеша объекти дарки эстетикӣ мебошад.
Либос аз замони басо қадим пайдо шуда, вобаста ба инкишофи инсоният аз ҷихати зоҳирӣ тағйир меёфт.
Барои нигоҳ доштани ҳаракати озод либосро бо камарбанд мебастанд.
Пораи ҳамвори матоъ ба ҷилди ҳаҷмдор табдил меёфт, ки бадани одамро мепӯшонд, ин бо навъи содда либос тарроҳӣ мешуд.
Тарроҳии либос- ин раванди аз матои ҳамвор тайёр кардани ҷилди ҳаҷмдор аст, ки бадани одамро мепӯшонад.
Раванди ченкунии бадани одамро бо мақсади тарроҳӣ андозагирӣ меноманд.
Либос чун қоида ба бадани одам зич намешинад, ҳамеша байни онҳо каме фосила мемонад. Дар баъзе ҷои бадан ин фосила зиёд асту дар ҷои дигар камтар. Фарқи байни ченкунии бадани одам ва андозаи либосро илова меноманд.
Илова дараҷаи шинамии либосро дар ҷойҳои мухталифи бадани одам муайян мекунад ва шаклу тарзи либосро хеле тағйир медиҳад.

Ба нақша гирифтани либос

Барои ба нақша гирифтани либос даставвал андозаи қаду қоматро гирифтан лозим аст.
ҳангоми андозагирӣ дар ҳолати муқаррарӣ бо либоси сабуки якқабата истода, миёнро мебандем. Барои муқаррар намудани хати миён он бо тасмача, резина ё ришта баста мешавад.
Андоза аз тараи рост гирифта мешавад. ҳангоми андозагирӣ ченакмасмаро таранг кашидан ё суст (халта) доштан мумкин нест.
Ҳангоми андозагирӣ ченакҳои дарозиро пурра ва ченакҳои барро нимбаробар менависанд.
Зеро нақшаи андоза ба як ним ҷусса сохта мешаванд андозаҳо дар тарафи рости албом (дафтар)-и корӣ навишта мешавад.
Барои кашидан нақшаи маснуот хатҳои махсуси ишоратӣ истифода мешавад ки онро донистан зарур аст.
Баъд аз гирифтани ченак барои кашидани нақшаи маснуот чунин таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасон лозиманд.
Ҷадвали рост (30 см), ҷадвали миқёси (1:4) секунҷа, ҷадвали кунҷак, қалами сиёҳи ТМ, мулоим, 2 м- ва сахт, варақаи албом. Пеш аз сар кардани таҷҳизот ва асбобҳои ёрирасонро бояд тайёр кард ва бояд хатҳои дар рафти кашидани нақша бештар истифодашаванда аҳамияти калон додан лозим.
Ба хатҳои яклухти муқаррарӣ, штрихпуктирӣ, ғафсу борик ва ғайра. Ғайр аз хатҳои мазкур аломатҳои ишоратӣ низ дар кашидани нақшаи либос истифода мешавад. Хатҳо ва аломатҳои ишорати зеринро аз худ кунед.

www.komron.info

Номгӯи аломатҳо	Тасвири графикӣ
Хати нақшахати яклухти сиёҳ, ки (ғафсиаш то 1 мм)	_____
Хати яклухти борик, муқаррарӣ (ғафсиаш 1/2-1/3 мм)	_____
Хати штрихи пунктир (ғафсиаш 1/2-1/3 мм)	__ __ __
Аломатҳои баробар, хурд ва калон	= > <
Тахминан баробар	≈
Аз …… то ……..	…
Кунҷ	<
Паралел /мувозӣ/	//

Пеш аз кашидани нақша варақаи албомро ба назар бояд гирифт, ки бо андозаи муайяншуда тасвир шуда бошад. Дар чунин ҳолат баъд нақшаи муносибатро бо мастаби 1:4 нақшаро меканем.

Гирифтани ченак, андозагирӣ барои нақшаи пешгир.

Либоси корӣ барои аз ифлосиҳои гуногун либоси тозаро нигоҳ доштан бояд шароит муҳайё намояд.
Либоси корӣ зебо, озода бошад ва дар бадани одам нағз нишинад андозагирии аникро мегиранд. Барои дуруст гирифтани ченак ҳолати хатҳои асосии онро донистан лозим аст. Асоси ченакҳо барои гирифтани ченаки пешдоман дарозии назди сина, дарозии қисми поении пешдоман хатти миён, хатти рон ва ғайра ё масофаи байни онҳо. Қоидаҳои асосӣ дар вақти гирифтани ченак.
1.Пеш аз андозагирӣ бояд миёнро бо тасма ё ришта бастан лозим аст.
2.Вақти гирифтани ченак бояд қомат рост бошад ва шахс рост истад, худро озод ҳис намояд.
3.Андозаро бо лентаи ченактасма мегиранд. Дар вақти гирифтани андоза ченактасмаро таранг набояд кашид ва аз ҳад озод гирифтан лозим нест.
4.Андозаи дарозиро пурра чен карда, андозаи барро (гирди ҷуссаро) пурра чен карда, нимашро менависанд. Аз сабаби он ки нақшаро ба ними ҷусса мекашанд.

Баъди интихоби модели пешдоман ва интихоби матоъ бояд ченаки худро гирем. Асоси маснуоти зебо аз ченакгирӣ вобастагии калон дорад.
Чӣ қадаре ки мо саҳеҳтар ченак гирем, ҳамон қадар маснуоти дӯхташавандаи мо ба сифати баланд соҳиб мешавад. Ва ҳар як хонанда аз чуссаи худ ченак гирад ва ба қаду бари худ мувофиқ карда, маснуотро дӯзад.

Барои он ки ҳар яки шумо асоси ченакгириро сарфаҳм равед ва зарурати онро муайян кунед чӣ бояд кард?
Мисол, ду духтараки андозаи гуногундоштаро, яъне қаду бари онҳо фарқ дошта бошад, ду пешдоману андозаи якхеларо ба онҳо мепӯшонем ва мебинем ки як пешдоман ба ҳар ду духтарак ҳархела меистад, яъне маълум шуд, ки ба андозаи яке аз духтарҳо он мувофиқ ба дигар духтарак васеъ аст. Аз ин хулоса бароварда мешавад, ки ба ҳар як хонанда дар алоҳидагӣ ченак гирифта, ба ин ченак мувофиқ пешдоман ё маснуоти дилхоҳ дӯхтан лозим аст.
Дар вақти гирифтани ченак бояд ченакгирӣ беҳтар мешавад бо методи бригадавӣ, гурӯҳӣ ки аз 3 нафар хонанда иборат аст, гузаронида шавад.
Як хонанда ченакро аз 2-юм хонанда мегирад ва 3-юм онро ба дафтар менависад. Ин процесси корро танҳо баробари муаллим ичро менамояд, муаллим бо ченактасма ҳамаи ченакҳоро аз маникени мактаб истифода бурда ичро мекунад. Дар ҳар як амалиёти ченакгирӣ духтарони дар гурӯҳ буда метавонанд ҷояшонро иваз кунанд.

Дар ин ҳисоб ҳамаи хонандагон раванди ченакгириро тезтар аз худ мекунанд.
Барои мустаҳкамкунӣ шумо метавонед аз чунин варақаҳо истифода баред.

Варақаи 1.
1.Асоси ченакгирӣ дар чист?
2.Ишоратҳои ченакунӣ ё аломати шартии номгӯи ченакҳоро гӯед?
3.Ченакҳои дарозӣ аз бар бо чӣ фарқ доранд?

Вобаста ба намуна (модел)-и либос андозаҳо илова карда мешаванд. Андозаи иловагӣ барои озода истодани маснуот, барои ороиш ва ҳаворо нағз гузоридан ёрӣ мерасонад. Андозаи иловагиро дар вақти кашидани нақша ба назар мегиранд ва дигаргуниашон аз силуэт он вобастагӣ дорад, чи қадар матоъ ғафстар бошад, ҳамон қадар ҳаққи чоки иловагӣ гузошта мешавад.

Андозаи иловагӣ фақат дар ҳаққи чок дода мешавад.
1.Иловагӣ ба гирди рон то 3 см.
2.Иловагӣ ба гирди китф то 7 см

Ҳаққи чокро асосан ба маснуот яклухт дӯхташуда истифода мебаранд. Пешдоманро асосан дар ичрои кори хона, ё ки дар вақти тайёр кардани таом истифода мебаранд, ки он бояд сарбанд, рӯймол, ё каллапӯш дошта бошад.
Пешдоманҳоро асосан аз матоъҳои пахтагӣ ё заҒирин ё барои он ки шуштан медӯзанд ва дарзмол карданаш осон шавад аз матои дилхоҳ. Пешдоманҳо барои истифодаи ороиши дастархон ва дар вақти хизматрасонии меҳмон метавонанд ороишӣ бошанд. Пешдоманҳо бо якчанд намуд амсиласозӣ мекунанд ва ороишҳои гуногунро бо апликатсия, марҷон, тасмаи гулдӯзӣ, бо чин-чин, ҳошия, лентаҳои гуногуни пар-пар, киссаҳои гуногуншакл ва ғайра оро дода мешавад.

Амсиласозии маснут

Дигаргунии намуди ҷузъҳои либос ва ороишу зебогии он (ороишҳои гуногун, гулдӯзӣ, кашидадӯзӣ, апликатсия бо рангҳои гуногун, тисма) – ро амсиласозии либос меноманд.
Дар вақти моделронӣ рангҳо бояд мувофиқ бошад ва дар вақти дӯхтан риштаҳо мувофиқи матоъ бошад.
Амсиласозӣ ва тароҳии (конструксияи) либос аз истифодабарии он вобаста аст, яъне истифодаи пешдоман якчанд намудро дорад.
Пешдоман барои тайёр кардани таом бояд васеътар бошад, ки (яъне синаи ин қисми болои васеътар ва қисми поён васеътар бошад, ки ду паҳлӯи ронро ҳам руст кунад то ки либоси асосӣ аз ифлосиҳо муҳофизат шуда бошад.

Ҳама медонанд, ки барои кор дар ошхона либоси махсус: пешдонман, дастпӯшак ва нимдастпӯшак лозиманд. Пешдоман барои рӯбучини хона, барои шустушӯи асбобҳо барои ҷомашӯии дастӣ, барои пешвозгирии меҳмон гуногун мешаванд. Мувофиқи таъиноташон барои тайёр кардани таом.

Пешдоман барои шустушӯи асбобҳо ва ҷомашӯии дастӣ бо пеши назди синадор ва аз матои обнагузаронанда бошад, он матоҳое, ки зич бофта нусхаи ҳархелаи гулдор ва ғайра. Ба пешдомане, ки барои пухтани таом лозим талаботи дигар мавҷуд аст: матояш барои тез- тез шустан мувофиқ ва он бояд доимо тоза бошад.

Он пешдоман бояд рӯи либосро бештар пӯшад барои аз ифлосӣ, чарахсаи равғанҳо дар вақти тайёр кардани таом нигоҳ дорад. Дар ин ҳолат ба пешдомани корӣ ороишҳои гуногун шарт нест, бурма, кашидадӯзӣ ва ғайра, барои он ки дарзмолкуниро мураккаб мекунад.
Дар дигар ҳолат дар вақти тайёр кардани мизи идона он майдатар, зебо ва назардид бошад. Дӯхтани пешдоман хеле содда аст. Шумо медонед, ки акнун чи хел қолабро месозанд, интихоби фасон ба шумо вобаста аст.
Ин корро мустақилона иҷро карда метавонед. Матоъро барои пешдоман харидан шарт нест. Либосҳое, ки ба шумо хурд шудаанд пешдоман сохтан мумкин аст, доман, курта ё ки аз куртаи кӯҳнаи мардонаи гулдор, раҳдор, бегули якранга ё рангаш ҳархела. Куртаи мардона асосан дар қади гиребон ё буриш ё қисми поён тез фарсуда мешавад, аммо қисми пеш ва ақибаш мустаҳкам мемонад. Аз ҳамин лиҳоз либосҳои матоъҳои сунъи ки зиёдтар хизмат мекунад шустанаш осон дарзмол кардан лозим не, онро бо ороишҳои тисмаҳои рангбордор ё апликатсия нав кардан мумкин. Аз рӯймолҳои ҳархела аз матоъҳои пахтагин пешдомани хурди зебо дӯхтан мумкин ба канори он ороишҳо дӯхта ба кунҷаш тисмаҳои барои гарданбанд ва миёнбанд дӯхтан мувофиқ аст.
Аз матоъҳои полиэтилени плёнка, клиёнка ё матоъҳои шафоф ба онҳо қолаби пешдоманро гузошта онро бо қайчи бурида дӯхтан лозим нест. Ин хел пешдоманҳо зиёд хизмат намекунад, аммо дар сохтан ҳам вақти камро мегирад. Ин гуна пешдоманҳо бештар лозим барои ҷомашӯи, шустани асбобҳо ва лигар корҳое, ки ба онҳ чирк пош мехӯрад.
Агар шумо хоҳед, ки аз матои зич бофта (тит) пош намехӯрдаги матоъ ё монанди плаши кӯҳнаи (балонӣ) онгоҳ онро 20-25 см дарозтар буред ва поёнашро қатъ карда қисми

паҳлӯиро ҳам дӯзед аз мобайни чоки амудӣ ба чоки қаткарда гузоред ва ба он тарафҳои ин чок амудӣ ду киса барои асбобҳо ва матоъҳои дар даст буда дӯзед, пешдомани қулай барои корҳои хоҷагии рӯбучин таъмири хона рӯи ҳавлӣ ва ғайра истифода бурда мешавад.
Амсиласозӣ ба конструксия вобаста асосан ба таъғир додани хатҳои сина, хатти миён, хатти боло ва поёни пешдоман дигаргун сохтан ва ғайра мебошад.

Дар вақти амсиласозӣ якчанд ороишҳоро истифода мебарем яке аз намудҳояш.

Тарзҳои ороиши пешдоман

Бейка (лаблӯлаи тайёр). Бейка аз ду тараф дӯхта шуда якбора қаткарда, онро дарзмол мекунанд якбора бо тарафҳои паҳлӯгӣ. Бейка бо роҳи дӯхтан аз тарафҳои паҳлӯгӣ ба матои асос мепайвандем. Дигар намуди амсиласозии ин дӯхтани кант- лаблӯла, лаблӯларо мувофиқи матои асосӣ интихоб мекунанд.
Дар вақти интихоби лаблӯла матоҳои силиқро ба эътибор мегиранд. Лаблӯларо дар тарафҳои паҳлӯгии кисса истифода мебаранд онро оро медиҳанд ё ба намуди парпар.
Гулдӯзӣ, кашидадӯзӣ- Гулдӯзиҳоро аз риштаҳои якранг медӯзанд, шаклҳои ҳандасавӣ, шаклҳои гулу барг, ҳайвонот, паррандаҳо дар вақти гулдӯзӣ хомдӯзи, тамбӯрӣ ва ғайра истифода бурда мешавад, инчунин мережкаҳои гуногун.
Апликатсия- (гузоштани матоъ бо роҳи дӯхтан)- аз матоъҳои дӯхта мешавад ё ин ки аз матоҳои зебо ягон шакли расм ё нақши зебо бурида, дӯхта мешавад. Баро он ки гирди матои бурида шуда тит нашавад, аз тарафи чаппаш пешакӣ дар маҳлули крахмал тар мекунанд, баъди хушк шудан онро дарзмол мекунанд ё ин ки ба тарафи чапаи нақши буридашуда бо роҳи дарзмолкунӣ флизилин мечаспонанд. Нақши буридашудаи тайёрро ба пешдоман бо риштаҳои ба асосиаш мувофиқакунанда медӯзанд дасти ё бо мошинаи дарздӯзӣ дарзи ороишӣ дошта
Бурма пеш аз он ки ба пешдоман бурма диханд, қисми асосии бурмашударо чен карда, баъд тасма, лаблӯлаҳои ороиши (кружева) 1,5 ва 2 баробар зиёд гирифтан лозим барои бурма зебо гардидан.

§22. Таёр кардани андоза ва буридан. Сохтани қолаб

Барои ченаки васеии қисми поёни пешдоман бояд ба ченаки Нчр (нимченаки рон) ҳаққи чок дода мешавад. Барои он ки пешдоман озод ва қисми паҳлуии ронро пурра пӯшад. Барои он ки дар вақти кашидани нақша хонанда онро бояд хонда тавонистанаш лозим.

Мисол:
1.Ҷузъҳои пешдоман аз якдигар фарқ дорад, пешдоман қисми болоии пешдоман хурдтар аз қисми поёни маснуот ва ба тарафи қисми болоиаш камтар сиқонда шудааст.

2.Қисми киссаи он ба чоркунҷа қисми поёни пешгир ба рост кунҷа монанди дорад.
3.Номгӯи ва аломатҳои шартии хатҳои ронро муайян карда, аз ҷусса онро ёфтан осонтар аст.

4.Муайян кардани ҳолати буришҳо ва нуқтаҳои нақша дар маснуот. Аввал дар маснуоти тайёр ва баъд аз ҷусса нишон додан мумкин аст.
5.Муайян кардани бузургиҳои ченкунӣ, ки аз он дигаргунии нақша дидан мумкин аст.
Агар хонанда нақшаро нағз хонада тавонад ва ба хатҳои асосиро фарқ карда тавонад барои андозаи худ аз ченаки гирифтанаш қолаб сохта метавонаш.

Сохтани қолаби рӯймоли сарбанд ва пешдоман

Барои бурида дӯхтани маснуот албатта бояд қолаб бошад. Қолаб- ин нақшаи ҷузъӣ ки ба андозаи аслӣ баробар аст. Як маснуот аз якчанд ҷузъҳо иборат мебошад.
Қолабро бе назардошти ҳаққи чок асосан ба ними маснуот тайёр мекунанд. Ба қолаб номи ҷузъҳоро мегузоранд ва тарафҳои равиши риштаҳоро асосан муайян мекунанд, ҷои қат ва миёнаҷои мато ва шумораи қолабҳоро муайян месозанд.
Қолабҳоро аз қоғази ғафс, борик (калька, калёнка. салафанҳои ғафс) месозанд.
Қолабҳои асосиро аз рӯи нақшаҳои асосӣ, ки дуруст ченак гирифта шудаанд тайёр мекунанд. Намудҳои фасонҳои гуногуни мураккабро аз рӯи қолаби асосӣ бо ҷадвали секунҷа, (лекало), қалам, хаткӯркун ва ғайра тағир додан мумкин аст.
Тартиб додани фасонҳои гуногуни соддатар аз рӯи қолаби асосӣ ҷаҳонбинӣ ва тафаккури хонандаро васеъ намуда, бодиққатӣ, фаҳмиши чуқур оид ба фасонҳои зебопарастӣ, майлу рағбат, маҳорату малака оид ба дӯхтани маснуотро пайдо мекунанд ва дар навбати худ дар баробари ин интихоби фасонҳои гунонгунро дар интихоби матоъ меомӯзанд.
Пеш аз он ки қолабро ба андозаи худ тайёр кунанд, бояд ба дафтар бо ҷадвали миқёси М1:4 якчанд бор машқ карда, кашида буридан лозим, то ки малака нисбати буридани қолаб пайдо шавад.

Ҷадвали миқёси мувофиқи стандарт якчанд хел мешавад. Мисол, дар вақти кам кардан ва хурд кардани андоза М1:2, 1:5, 1:10, яъне ду маротиба панҷ ва даҳ маротиба хурд.
Дар вақти калонкуни маштаби 2:1, 5:1, 10:1 яъне ду маротиба, панҷ ва даҳ маротиба калон мешавад.
Ба ғайр аз ин боз миқёсҳои 1:2,5 (2,5:1), 1:4 (4:1) Барои дӯхтани либос ва сохтани қолаб, хонандагон асосан бо миқёси 1:4-ро истифода баранд беҳтар аст. Агар худи ҷадвал набошад, хонандагон метавонанд аз варақаи катаки дафтари оддӣ истифода
баранд. Барои мустаҳками варақа ба қафои ҷадвали 30 см, картон ё фанери часпондан мумкин аст.
Дар нақша хатҳои асосиро бо хатҳои яклухти ғафс чудо карда, якчанд бор чен карда ва боварӣ ҳосил карда, баъд онро буридан лозим аст. Қабл аз буридани қолаб хонандагон аввал ба муаллим онро нишон диҳад ва хатогиҳои содиршударо ислоҳ намоянд.
Баъд аз буридани қолаб боз як бор онро бояд санҷид, ки дар андоза тағироти калон нашуда бошад.
Барои қолаб шаблонҳо бо ёрии ҷадвалҳои секунҷа кунҷак ва ғайра тайёр карда мешаванд.
Қолаби тайёрро ба асоси нақша мувофиқат мекунанд, ки он якхела аст ё не, яъне аз гирифтани ченаки дурусти қолаб саҳеҳтар тайёр мешавад.

Дар вақти буридани қолаб ба қайчи задани даст аҳамият диҳед, ки хатҳои буридашудаи қолаб рост ҳамвор бошад ва нуқсон надошта бошад, яъне тарафҳои паҳлуии қолаб арра-арра набошад. Қоидаҳои буридан ва кор бо қайчиро донистан лозим аст.
Баъд аз машқ кардан бо маштаби 1:4 баъд бо ҷадвали метрӣ андозаи асосиро тайёр мекунем.

Оё шумо медонед
Қолаб, ки барои буридани матоъ лозим буд ҳанӯз дар асри Ҷ матоъ истифода бурда мешуд. Қолабро чеварҳо эҳтиёткорна нигоҳ медоштанд, ки аз рӯи қолаб нусхабардорӣ накунанд. Аз соли 1860 баровардани қолабро дар истеҳсолот ташкил кардан. Асосан фирмаи Е, Бавттерика дар солҳои 1826- 1903 қолабҳоро мебаровард.

?Савол ва супориш
1.Барои сохтани қолаб чиҳоро ба назар мегиранд?
2.Дар вақти кашидани қолаб кадом ҷадвалро истифода мебаранд?
3. Қолаби пешдоман варӯймоли сарбандро ба андозаи худ тайёр намоед.

§23. Технологияи чокбурӣ ва дӯхтани либоси махсус

Либосро бо пайдарҳамии гуногуни тайёр карда мешавад.
1.Тайёрии ва интихоби матоъ
2.Тайёр намудани пораҳои матоъ ва буридан
3.Дӯхтани маснуот

Пеш аз буридану пора кардан матоъ хуб муоина карда мешавад, яъне матоъ аз назар гузаронида мешавад ки мабодо ягон ҷои он доғдор, надарида ва ё кӯҷу килеб набошад, ҷойҳои нуқсонро бо бӯр ишорат мекунанд.

Пеш аз дӯхтану буридани матоъ бояд дарозӣ ва бари онро муайян кардан лозим аст. Равшани раҳҳои риштаҳо характери нақша ва коркарди гармию намии онро ба назар гирифтан лозим.
Пешдоманҳое, ки барои ошхона дар тайёрӣ ва пухтани таом ва корҳои пазандагӣ лозиманд, бояд аз рангҳои кушод, якранг, пахтагин ё заҒирин чит, суф, сандуф дӯхта мешаванд. Пешдоманҳое, ки барои кори хона рӯбучин истифода мебаранд, бояд беҳтар мешавад, ки аз матоъҳои баста ва ё бо нақшу нигорҳо ва матоҳои сахт дӯхта шаванд ва дарзмолкунии онро ба назар гирифтан лозим.
Бари матоъҳое, ки истеҳсол мешаванд аз 60 см то 1 м 60 см мешаванд.
Бари матоъ дар вақти дӯхтани маснуот барои сарфаю сариштакорӣ ва исрофи бекора матоъ аҳамияти калон дорад. Барои дӯхтани пешдоман матоъҳои бараш аз 75 то 90 см-ро интихоб намоед, беҳтар аст. Исрофи матоъ ба дарозии матоъ вабастагӣ дорад, ки кадом намуди фасонро интихоб менамоед.
Пеш аз он ки матоъро ба буридан таёр кунем ва интихоб намоем, матои сарфмешударо ҳисоб намудан лозим аст.

Агар матоъ васеъ (бараш –140 см), дарозии онро ба дарозии маснуот баробар гирифтан лозим аст. Дарозии либос ба 70 см баробар аст, кисса ва бандаки миён (тасма) ва гарданбанд ба назар гирифта мешавад. Агар васегии матоъ (90 см) бошад он гоҳ дарозии либос 2 дарозии либос 70х2=140 см барои кисса, тасма ва гарданбанд бошад- 40 см. ҳаққи чок 102 барои қисми боло 1,5 см ҳаққи чок барои пешдоман қисми болоӣ 2 см паҳлуги ва поён 1,5 см. Буридани пешдоман
Пеш аз буридани пешгир бояд матои интихобкардашударо аз назар гузаронида шавад.

1. Матоъ дарзмол карда, ҷои кӯчу килеб ва милкашро бурида, ду қат карда, бо сӯзанак кӯк мекунем.
2. Ҳангоми қат кардани тору пуду риштаҳои матоъ гули матоъ ва ҷойҳои нуқсонро ба назар мегирем.
3. 3.Дар вақти гузоштани матоъ мизи корӣ тоза ва ҳамвор бошад, қолабҳоро ҷо ба ҷо карда, аввал ҷузъҳои калон ва баъд ҷузъҳои хурдро тавре ҷо ба ҷо мекунем, ки сарфакории матоъ ба назар гирифта шавад.
4. Қолабҳоро мувофиқи риштаю роҳҳо ва ҷои қаду бар фарқ карда, баъд сӯзанакҳоро маҳкам мекунем, ки равиши сӯзанакҳо ба як тараф нигаронида шавад.
5. Ба ҷои дарз аз канори қолаб 0,8 см гузошта, бо бӯри дӯзандагӣ ё собуни махсус хат мекашем. Қолабро аз матоъ ҷудо накарда аз рӯи хатҳои матоъ низ буридан мумкин аст.
6. Пеш аз буридани матоъ корро аз назар мегузаронем, ки бояд раҳҳо ва гулҳои матоъ мувофиқат кунанд. Чӣ тавре ки дар урфият мегӯянд:

«***ҳафт бор чен куну як бор бур».***

Талаботи асосӣ дар вақти буридани маснуот

Дар вақти буридан кашишхӯриву кӯтоҳшавии матоъро баъди шустан ба назар бояд гирифт.
1.Пеш аз буридани матоъ бояд он дарзмол карда шавад.
2.Паси ҳамии гузоштани қолабҳо: хатҳои кӯндаланг ва барқадиматоъ ва ҷои нуқсони онро ба назар гирифтан лозим аст.
3.Ҷузъҳои қолабро танҳо бо бӯри дӯзандагӣ, собун ё бо қалам гирдавон менамоянд.
4.Дар вақти буридан ҳаққи чокро мувофиқи ҷузъҳо ва намуди онҳо ба назар гиред.
5.Дар вақти буридани матоъ рост бояд бурид, ки маснуоти бурида рост ва саҳеҳ бошад, ба ҳолати даст аҳамият диҳед.
6.Дар вақти буридани матоъ ба сарфаю сариштакорӣ бояд аҳамият диҳед, то ки лахтакпораҳо камтар шаванд (лахтакпоракҳоро бояд то пурра дӯхта шудани маснуот эҳтиёт кунед ва баъд аз он лахтапораҳо маснуот ба рӯзғор лозимиро дӯзед).
7.Дар вақти буридани матоъ бояд қоидаҳои техникаи бехатарӣ, кор бо қайчӣ, дарзмол, сӯзан ва сӯзанакро дониста ва ба назар гирифтан лозим.

Буридани пешгир

Асбобу анҷоми корӣ: қуттии корҳои дӯзандагӣ (сӯзан, қайчӣ, сӯзанак, бӯр, ченактасма, қолаби пешдоман ва матоъ).

№ Тартиби иҷрои кор

1 Тайёр намудани матоъ ба буриш
2 Аз назар гузаронидани сифати матоъ, ҷои кандашавии риштаҳо, тору пуд, доғҳо, нуқсонҳои рангу бор, дуруст ҷойгиршавии нақшҳо.
3 Муайян намудани ростаю чаппа матоъ.
4 Дарзмол кардани матоъ.
5 Чен кардани дарозию бари матоъ, буридани милки он.
6 Дуқат кардани матоъ (тарафи роста ба дарун қад карда мешавад ва
бо сӯзанак маҳкам кардан).
7 Баробар кардани нӯги матоъ (буридани кӯчу килебии матоъ) ҷои
миёнбандро, ки бараш 7 см ҷудо бояд кард.
8 Гузоштани пораи асосии қолаб ба рӯи матоъ (қолаб тавре гузошта
мешавад, ки хати марказ ба тарафи қатшудаи матоъ афтад ва аз
тарафҳои дигар барои бари дарз бо имконияти 2 см гузоштан
бошад) бо сӯзанак часпондани қолаб ба матоъ.
ҳаминро ба эътибор гирифтан лозим аст, ки сӯзанакҳо
перпендикуляр ва як хел равиш дошта бошанд. Техникаи бехатарии корро риоя намоед.
9 Гузоштани қолаби кисса, бандакҳо ва миёнбандҳо ба матои
боқимонда ё ба ҷои холигӣ.
10 Ҷои рӯймол (сарбанд)-ро ҳам ба назар гирифтан лозим аст.
11 Кашидани хатҳо бо гузоштани ҳаққи чок.
1.Чокҳои китфӣ 1,5 см.
2.Чокҳои паҳлӯи 1-1,5 см
3.Чокҳои поёнӣ 3 см.
4.Ҷои қати поёнии пешдоман 1,5-3 см.
5.Ҷои қати кисса тарафи боло 1,5-3 см, қисми поён 1,5 см.
12 Мувофиқи қолаб хатҳо бо бӯри буррандагӣ ё собуни махсус
тарошида, ҷузъҳоро паи ҳам гузоштан хат мекашем.
13 Санҷиш ва буридани пешдоман ва қисмҳои он (сарбанд) рӯймол.
Кори иҷрокардаро боз як маротиба санҷида, баъд пешдоман ва
рӯймолро мебурем.
14 Кашида гирифтани сӯзанакҳо, гирифтани қолаб
15 Худсанҷишӣ:
Баҳо додан ба сифати кор:
1)Тарзи гузориши қолаб.
2)Тарзи буриши тарафҳо ва тозагии ҷои буриш.
3)Ҷои хатҳои бӯркашида.
4)Баназаргирии ҳаққи чок

Расми 42. Тарз гузоштани қолаб ба матоъ ва буридани пешдоман

а) пешдомани яклухт бо рўймоли сарбанд, пешдомани миёндор бо каллапўш.

Инро дар хотир доред
Дар вақти буридани матоъ ҳамаи матоъ бояд қаду бари муайян дошта бошад. Барои он ки дар вақти буридани ҷузъҳои ҷои нуқсондор нафарояд, дар он ҳаққи чокро ба назар мегиранд.
Буриши матоъро бо қайчиҳои махсус ё мошинҳои махсуси буррандаги бурида мешавад.

? Савол ва супориш:
1.Барои чӣ пеш аз буридани матоъ тарафҳо ва бари матоъ муайян карда мешаванд?
2.Барои буридани матоъ кадом қоидаҳою бояд ба назар гирифт?
3. Матои барои пешдоман интихоб кардаро аз назар гузаронед, нуқсон набошад.

§24. Ба коркард тайёр кардани ҷузҳои буридашуда

Технологияи коркарди маснуотро дида мебароем. Он талаботҳои ба худ мувофиқро дорад.
Тайёр намудани пораҳо ба дӯхтан.
Пораҳоро аввал бо сӯзан ба воситаи гиреҳи оддӣ, баъд бо мошини дарздузӣ дӯхтан лозим аст.
Ҳангоми дарздӯзии мошин шартҳои зеринро ба инобат бояд гирифт:
1.Дарзҳои дастӣ бояд бо кӯкҳои баробар дӯхта шаванд.
2.дарзҳои мошинӣ бояд аз паҳлӯи дарзҳои дастӣ (назар ба рӯ) рост ва шинаму зебо иҷро карда шаванд.
3.Пас аз иҷрои ҳар дарз, онро дарзмол кардан лозим аст.
4.Дӯхтани маснуот, дарзмол кардани он. Пораҳои тайёршуда бо тартиб пайваст мешаванд. гиреҳҳои дастиро канда, маснуотро дарзмол мекунем.
5.Баъди иҷрои кор онро месанҷем. Маснуот бояд мувофиқи намуна хушнамуд, қисмҳои ҷуфташ баробар ва дуруст ҷой гирифта бошанд.
Баъди дарзмол ягон ҷои қат набояд бошад.
6.Дар вақти дӯхтани гиреҳҳои дастӣ, захми чокҳо бояд рост ва дар масофаи муайян аз ҷои буриш ва ҷои қати матоъ, кунҷҳои ҷои буриш бояд ҳамвор бошад, гиреҳҳои нусхагирӣ ва сӯзанакҳо бояд баъд аз гиреҳҳои дастӣ гирифта шавад, баъди дарзҳои мошинагӣ кӯкҳои дастӣ бояд гирифта шавад.

Асбобу анҷоми корӣ: куттии корӣ (сӯзан, ришта, қайчӣ, ҷадвал, ченактасма, сӯзанак, бӯр, ангушпона) рӯймол ва тисма 1 м. ё лентаи ороишӣ

№ Тартиби иҷрои кор

1 Хатҳои буриши ду тарафи кунҷи рост бо дарзи оддӣ дӯхта мешаванд. Ҷои буриши рости сарбандро (рӯймол) аввал 0,5 см ба тарафи чап қат карда, кӯк мекунем. Баъд аз тарафи чап боз 0,8 см- 1 см қат карда, кӯк мекунем ва дарзмол намоем.
2 Қисми зиёдатии матоъро аз нӯтҳои тези сарбанд бурида мепартоем.
3 Аз тарафи чаи матоъ бо бӯр 1 см хат кашида, аз ҷои буриш миёнаҷои онро муайян мекунем.
4 Аз ҷои буриши рӯймоли сарбанд 1 см гузошта, аз тарафи чапааш бо бӯр хат мекашем. Миёнаҷои тасмаро ёфта бо бӯр ё қалам нишона мегузорем.
5 Лента (тисма) –ро ба тарафи чапи рӯймол чунон мегузорем, ки канори лента қад-қади хати кашидашуда ҷойгир шавад ва миёнаш бо ҷои нишона карда мувофиқ ояд. Баъд бо даст кӯк мекунем.
6 Аз канори лента 0,1-02 см гузошта, бо мошинаи дарздӯзӣ дӯхта, охири чокро маҳкам мекунем. Кӯкҳои дастиро меканем. 7 Лентаро аз тарафи рости рӯмол қат карда, аввал дастӣ кӯк мекунем, баъд бо мошин медӯзем ва дар охир кӯкҳои дастиро мекунем.
8 Ҷои коркардашударо дарзмол мекунем.
9 Охирҳои лентаро қат карда, бо чоки ноаён дастӣ медӯзем.
10 Кӯкҳои дастиро канда, рӯймоли тайёршударо дарзмол мекунем.
11 Худсанҷишӣ:

1.Ба сифати чокҳои тарафҳои рӯймол назар кунед.
2.Симметрӣ будани тарафҳои рӯймол.
3.Сифати коркардани нарми маснуот.

§27. Коркарди кисса ва дӯхтани он

Асосан ду намуди кисса маълум аст: киссаи берун ва киссаи дарун, ки онро аз чузъҳои асосии маснуот тайёр карда, дар болои дарз ва ё чин мешинонанд.
Вобаста ба ҷои дӯхт киссаи берун киссаи боло ва дарун фарқ мекунанд.
Киссаи берун оддӣ, рост ҳошиядор, ҳошияаш муқарнас, сарпӯшдор, бесарпӯши бахиядор, чиндор ва ғайра мешаванд. Киссаи берунро бо ҳар хел чину гулдӯзӣ аплекатсия ва ғайра оро медиҳанд. ҳангоми тайёр кардани кисса, усулҳои пайвасти минбаъдаи техникаи онро (вобаста ба шакли кисса ва хусусиятҳои матое, ки аз он кисса дӯхта мешавад) ба эътибор гирифтан даркор аст.
Барои дӯхтани пешдоман асосан киссаи беруниро интихоб мекунанд.
Киссаи берунро аксар бо лаблӯла, ҳошияи тӯри, лента, мағзӣ ва ғайра зиннат медиҳанд.
Ҷой ва андозаи кисса аз рӯи намуна гирифташуда, дар вақти пӯшида дидани пешдоман муайян мекунанд. Бо ин мақсад мувофиқи андоза ва шакли киссаро аз қогаз мебуранд.

Нақшаи технологӣ №7
Дӯхтани киссаҳо.
Асбобу анҷом: қутии асбобҳои дӯзандаги киссаҳо, мошинаи дарздӯзӣ, дарзмол.
№ Тартиби иҷрои кор
1 Аз тарафи росташ кисса бо бӯр хати рости дар масофаи 0,5 см ва

www.komron.info

2 см аз буриши боли чузи кисса хат мекашем
2 Хатти буриши даҳони киссаро ба 0,5 см кӯк мезанем ва бо мошинаи дарздӯзӣ медӯзем
3 Баъд 2 см боз аз чаппа қат карда медӯзем аз ду тарафи киссаро низ медӯзем роста мекунем
4 Кӯкҳои дастиро канда, дарзмол мекунем
5 Аз тарафи ростаи кисса аз тарафи паҳлӯӣ 0,8 см ё 1 см қат карда медӯзем
6 Се тарафи дигар киссаро низ як маротиба 0,8 ё 1 см қат карда медӯзем
7 Дарзмол мекунем
8 Бо ҳами паиҳамии коркард ҷузъи дигари киссаро медӯзем
9 Худсанҷишӣ:
1.Назорат ба сифати чокҳо: ба андоза ва шакли кисса, васеии чок
ва захми он
2.Коркарди гармию намии маснуот

Дар вақти дӯхтани кисса бояд чунин шартҳоро риоя кард: Баробари киссаҳоро санҷидан, онро оро дода, ба қисми асосӣ (ба пешдоман) мечаспонем.
Гирди киссаро бо тасмаи ороишӣ, тӯр ё мағзӣ оро додан мумкин аст.
1.Дар вақти кӯкҳои дастӣ бояд чокҳо якхела ва рост дӯхта шуда бошад.
2.Васеии чокҳо дар давоми дарозии якхела бошад бо нишондоди додашуда.
3.Чокҳои мошина бояд якхела, рост бошад ва аз болои кӯкҳои дастӣ набояд гузаранд. Онҳо дар масофаи муайян аз буриш ё қати маснуот дӯхта шаванд.
4.Ба кунҷҳои кисса аҳамият диҳед, ки онҳо якхела бошанд.
5.Гиреҳҳои дастӣ бояд баъд аз дарзи мошина канда карда шаванд.
6.Васегии ва бари кисса мувофиқи андозаи додашуда бошад.
7.Ба коркарду гармию намии маснуот аҳамияти ҷидди диҳед
?Савол ва супориш:
1Кадом намуди киссаҳоро медонед?
2.Дар вақти дӯхтан ба кадом шартҳо аҳамият додан лозим?
§ 28. Пурра дӯхтани маснуот
Нақшаи технологии №8
Технологияи пайвасти ҷузъҳои пешдоман Асбобу анҷоми лозимӣ: қуттии корӣ, кисса, гарданбанд, тасма
(миёнбанд) пешдоман мошинаи дарздӯзӣ, дарзмол.

№ Тартиби иҷрои кор
1 Пайвасти кисса ба қисми поёни пешдоман, тарафҳои киссаро муайян мекунем, барои пайвасти гарданбанд тарафҳои болоии пешдоман, барои пайвасти миёнбанд қисми паҳлугии хаттии миёнро бо бӯр ишора намуда ҷойгиршавии ҷузъҳоро дар маснут
муайян мекунем
2 Тарафи чаппаи ҷузъи киссаро ба тарафи ростаи маснуот гузошта тарафҳои боло ва паҳлугии маснуотро ба назар гирифта мешавад 3 Ҷои киссаро хат кашида ё муайян карда кӯкҳои капиравалиро мегирем
4 Аз канори кисса 0,1-0,2 см гузошта кӯк мезанем дасти баъд бо мошинаи дарздӯзӣ медӯзем, кунҷҳои болоиро бо шакли секунҷа маҳкам мекунем

5 Кӯкҳои дастиро кандан маснуотро ва киссаро дарзмол мекунем 6 Миёнбанди тайёрро ба ҷои маркази ду тарафи паҳлуги пешдоман бо масофаи 0,8 см аз канор дасти ва баъд бо мошинаи дарздӯзӣ медӯзем. Маснуоти тайёрро дарзмол намоед.

7 Худсанҷиш:
Сифати шинонидани кисса, миёнбанд ва гарданбандро санҷед.
Сифати чоки мошинаи дарздӯзиро аз назар гузаронед.
Бакоркарди гармию намии маснуот аҳамият диҳед.
Расми 49. Пурра дӯхтани пешдоман
Баъди ба итмом расонидани коркарди ҷузъҳо пешдоман тайёр шуд.
Коркарди охиринро бояд гузаронд:
Гиреҳҳои дастии мондаро пурра кандан лозим аст.
Дар вақти дӯхтан чунин талаботро риоя кунед:
1.ҳангоми дӯхтан гиреҳҳои дастӣ, якхела ва дар масофаи якхела бошанд.
2.Васегии чокҳо якхела бошад.
3.Кӯкҳои дарзи мошинагӣ бояд ҳамвор, рост ва дар вақти дӯхтани маснуот ҳалқа партофта набошад.
4.Дарзҳои мошинагӣ мувофиқи муайян аз ҷои қат ё буриши маснуот дода шуда бошад. Сӯзанакҳои бударо аз маснуот гирифтан лозим.
5.Баъди дарзи мошинагӣ дарзҳои дастиро бояд кандан лозим аст.
6.Васегӣ ва дарозии ҷузъҳои гарданбанд ва кисса мувофиқи андозаи додашуда бошад.
7.Баъди ҳар як дарзи мошинагӣ бояд коркарди гармию намӣ гузаронида шавад.
8.Намуди зоҳирии маснуот бояд зебо мувофиқи модели интихоб кардашуда бошад. Аз ҷиҳати ҳуснИят (эстетикӣ) ва ба организм фоидаовар бошад, ба талаботи гигиенӣ мувофиқат кунад.
9.Маснуоти тайёр ва коркарди гармии он бояд ба сифати баланд бошад.
10.Ҷойгиршавии киссаҳо дар як масофа ва симметрӣ бошад.

Коркарди намию гармӣ.

Дарзмоли барқӣ тавассути унсури гармибахши дохилӣ пас аз васл кардани шабакаи барқ (резетка) тафсонида мешавад.
Танзимҳои ҳароратсанҷ бо рақамҳои римии I, II, III, ё тақсимоти шёлк (абрешим), шерсть (пашм) лён (матои катони заҒирин) ишора шудааст. Танзими ҳарорати дарзмол мувофиқи навъи матоъ истифода мешавад.
Дарзмол барои ҳамвор кардани либос, матои ҒичИм, дарзмоли дарз, гулдӯзӣ истифода мешавад. ҳангоми дарзмол кардани рӯймоли сарбанд ва пешдоман чунин қоидаҳоро риоя бояд кард:

www.komron.info

1.Дарзмолро аз назар гузарондан лозим аст ки мабодо тагаш ифлос ё ягон ҷои безарараш канда нашуда бошад. Дарзмолро бо дасти тар не, балки бо дастони хушк васл ва қатъ кардан лозим аст.
Танзимаи ҳароратсанҷро мувофиқи матои дарзмолшаванда муқаррар кардан лозим аст. Ашёи дарзмолшаванда аз рост ба чап дарзмол мекунанд. Ашёи дарзмолкардаро дарҳол таҳ кардан мумкин нест. ҳангоми дарзмол кардан тахтаи махсус истифода мешавад.

Варианти 2. Технологияи коркарди пешдоман Дӯхтани қисмҳои пешдоман Технологияи коркарди пешдомани яклухтро ба назар гирифта мо якчанд пешдоманҳоро дӯхта метавонем.
Фарқияти дӯхтани пешдоманҳои амсилааш гуногун ба баъзе коркарду ҷузъҳои алоҳида фарқ мекунад. Бинобар ин технологияи коркарди пешдомани яклухтро ба эътибор гирифта мо метавонем пешдомани миёндор шударо дӯзем. Бо назардошти ҳамаи қоидаҳои дӯхтани пешдомани яклухт.

Дӯхтани пешдомани миёндор - Коркарди технологии гарданбанд

Асбобу анҷоми зарурӣ: қуттии асбоби дарздӯзӣ, бандакҳо, мошинаи
дарздӯзӣ.
№ Тартиби иҷрои кор
1 Бандакҳоро паи ҳам ба 2 қисми баробар қат карда, тарафи росташро ба дохил монда, бо сӯзанакҳо мустаҳкам мекунем.
2 Аз атрофаш аз ҷои буриш 0,8 см монда, кӯк мезанем. Баъд
сӯзанакҳоро мегирем.
3 Гарданбандро мувофиқи кӯкҳо 0,7 см аз буриш медӯзем
4 Гирди изофаи чокҳоро аз кунҷҳояш дар масофаи 0,2 см аз чокҳо мебурем, баъд кӯкҳои дастиро меканем.
5 Тасмаи ороиш ба 0,1-0,2 аз тарафи паҳлӯги чокҳо мустаҳкам мекунем
6 Қисми болоии пешдоманро назди сина аз се тарафҳояш дар масофаи 0,7 см кӯк мезанем, аз тарафи буриши паҳлӯгӣ.
7 Кӯкҳои дастиро меканем, ҷои буриши тасмаи ороиширо қат мекунем ва кӯк мезанем.
8 Чокҳоро росту ҳамвор карда, ба 0,2 см кӯк мезанем. Бо мошинаи дарздӯзӣ медӯзем.
9 Қисми болоии пешдомани тайёршударо дарзмол мекунем ва
кӯкҳои дастиро меканем
10 Гарданбанди тайёрро ба қисми болои пешдоман ба масофаи о,8 см аз канори маснуот ҷояшро муайян намуда дастӣ ва баъд бо мошинаи дарздӯзӣ медӯзем.

11 Худсанҷишӣ:
1.ҳолати сифати корро санҷед.
2.Коркарди пешдоман мувофиқи талаботаш.
3.Санҷидани сифати чокҳо.

Расми 50. Коркарди қисми болои ва пайвасти гарданбанди
пешдомани миёндор

www.komron.info

Коркарди буриши қисми поёнии пешдоман.
Нақшаи технолонгии №10
Дӯхтани гирди пешдоман.
Асбобу анҷоми зарурӣ: қуттии кори пешдоман, қисми поёнии мошинаи дарздӯзӣ, дарзмол.
№ Тартиби иҷрои кор
1 Коркарди паҳлӯии буришҳо. Буришҳои паҳлӯгии қисми поёнии пешдоманро ба 0,5 см ва баъд ба 1 см ба дарун қат карда, кӯк мезанем.
2 Тарафҳои паҳлугии пешдоманро ба 0,1-0,2 см аз ҷои қатшуда бо мошинаи дарздӯзӣ медӯзем
3 Кӯкҳои дастиро меканем
4 Ҷои коркардашударо дарзмол мекунем.
5 Коркарди қисми поёни пешдоман. Қисми поёнии буришро ба 0,5 ва баъд ба 2,5 см қат карда кӯк мезанем.
6 Қисми поёнии пешдоманро 0,1-0,2 см бо дарзҳои мошинагӣ медӯзем.
7 Қисми охири чокро мустаҳкам мекунем.
8 Кӯкҳои дастиро меканем.
9 Қисми кунҷи поёнии пешдоманро бо кӯкҳои хурд кӯк мезанем.
10 Ҷои коркардашудаи пешдоманро дарзмол мекунем.
11 Агар тасма ё лента бошад қисми поёнии пешдоманро бо лентаҳои ороишӣ дӯхтан мумкин аст.
12 Коркарди аз ҷои буриш қисми болои пешдоман бо бурма. Ба пешдоман бо бӯр ду хати рости мувозӣ дар масофаи 1 см ва байни он 0,7 см мувозӣ хат мекашем. Барои ин қадами дарзҳои мошинро ба 4 мегузорем ва бо дарзҳои мошинагӣ медӯзем ва дар охир 5 см дарозии риштаро мегузорем.
13 Дар вақти бурма риштаҳои поёнии чокро аз яктараф мекашем ва то дарозии муайян онро бурма мекунем.
14 Худсанҷишӣ:
1.Баробари васеи чокҳо дар вақти кӯк задан
2.Ростии чок.
3.Сифатнокии бурма ва таксимоти баробари он
4.Коркарди гармию нармӣ
Расми 51. Дӯхтани гирди пешдоман
115
?Савол ва супориш
1Қисми поёнии пешдоманро бокадом роҳ медӯзанд?
2.Кадом тарафи қисми поёнии пешдоманро бурма мекунем: қисми паҳлӯ ё болои пешдоманро?
3.Агар лентаи ороишӣ ё тисма дошта бошад, метавонед бо он пешдоманро ороиш диҳед.
Технологии ба ҳам пайвастани қисми пешгир.

www.komron.info

Нақшаи технологии №11
Коркарди миёнбанд ва кисса
Асбобу анҷоми лозимӣ: қуттии корӣ, маснуоти коркарди қисми болии пешдоман кисса, қисми поёнии пешгир, миёнбанд, мошинаи дарздӯзӣ.
№ Тартиби иҷрои кор:
1 Коркарди тасма (миёнбанд)
Ҷузъҳои тасмаро гирифта, барқад гузошта, тарафи ростаи онро ба дарун ва қисмҳои охири тасмаро дар масофаи 35 см кӯк мекунем
2 Охири тасмаро аз ҷои буриш ба 1 см медӯзем.
3 Кӯкҳои дастиро меканем, қисми изофагии чокро аз кунҷакҳои дар масофаи 0,2 см аз чок медӯзем
4 Охири тасмаро роста карда, кунҷҳояшро рост мекунем ва ба 0,2 см аз чок медӯзем.
5 Тасмаи коркардашударо дарзмол мекунем ва кӯкҳои дастиро меканем.
6 Худсанҷиӣ
1.Ба сифати чокҳо назорат кунед.
2.Васегии тасма бояд якхела бошад.
3.Ба кунҷҳои тасма аҳамият дихед
Эзоҳ: коркарди киссаро монанди технологияи коркарди киссаи пешдомани яклухт иҷро менамоем киссаи тайёрро баъд ба пешдоман мепайвандем, ҷои киссаро муаян намуда.

Таърихи пайдоиши пешдоман:

Дар давраи қадим, замони ҳукмронии подшоҳӣ солҳои 3000-2400 п.а.м. пешдоман либоси асосии мардҳо ҳисобида мешуд, ки он аз матоъҳои заҒирин ва чармин гирифта, бо миёнбанд маҳкам карда мебастанд.
Номи либос «схенте» ном дошт, ки он дар ҳайкали Ранефера ороиши паҳлӯии пешдоман плисировка шуда буд, ки ин фарқи либоси фараоншахси давлатманд аз либоси одамони оддии мисриҳо буд. Аз ҷиҳати тарзи дӯхт пешдоман фарқ мекард.
Пешдоман то давраи мо омада расида, яке аз либосҳои махсуси корӣ ҳисобида мешавад. Пешдоманро соҳибхоназанҳо асосан барои иҷрои кори рӯзгор истифода мебаранд. Пешдоманҳо гуногуншакл ва тарзи дӯхтанашон ва бо намуди матояш фарқ мекунад, ки рӯи он кашидадӯзӣ, апликасия, ё ба тарзи қуроқ иҷро мешавад. Пешдоманҳо асосан аз матоъҳои пахтагин, заҒирин, абрешимин ва ҒайрА дӯхта мешавад.
Барои он, ки пешдоманҳои гуногунро дӯзем мо бояд лоиҳаи эҷодиро аз худ намоед.

Тарҳои эҷодӣ
Пайдарҳам иҷро намудани амалиётҳои «Тарҳои эҷодӣ»
1. Асоснок намудани проблемаи пешниҳодшуда ва талабот ба он;
2. Муайян намудани аниқии масъалаҳо ва пешниҳоди он;

www.komron.info

Ҷадвали 14

3. Иҷрои параметрҳои (нишонаҳои) асосӣ;
4. Тадқиқот, муйян намудан, хусусият ва таърихи он.
5. Тартиб додани схемаи пешниҳодоткардашуда.

Ҷадвали 14
Иҷроиши амалиётҳои «Тарҳои эҷодӣ»
6. Коркарди идея, бо пешниҳоди вариантҳо.
7. Таҳлили идея ва интихоби оптималии (беҳтарини) варианти лоиҳа.
8. Интихоби матоъ, асбобҳо, воситаҳои ёрирасон, таҷҳизот.
Тарҳои эҷодӣ
Дониш, малака, маҳорат, ахбороти зарурӣ.
Эскиз

www.komron.info

(ангора)
Конструксия,
нақша
Технология
таёр
намудани
либоси кори
Маҳсулоти
тайёри
дӯхташуда
ҳимояи
тарҳои эҷоди
Ангораи модел дар варақи алоҳида. Кор бо
журнали «Мӯд», Ки дар он расмҳои «Мӯд»
нишон дода шудааст
Нақша асоси лоиҳа, (тароҳи). нақшаи
конструкторӣ ва моделсозӣ (намунасозӣ)
Албом бо намунаи чоки мошинӣ қисм ва
ҷузъҳояш. Кор бо мошинаи чокдӯзӣ.
Маълумоти мухтасар ба матоъ.
Маҳсулоти тайёр дӯхташуда. Кор дар
мошинаи дарздӯзӣ, коркарди қисмҳои
алоҳидаи матои дӯхташаванда.
Намоиши намуна, ҷавоб ба саволҳо
122
Ҷадвали 15
9. Иҷроиши пайдарҳамии тайёр намудани маҳсулот;
10. Асосноккунии иқтисодӣ.
11. Назорати сифати маҳсулот.
12. Тайёр намудани маҳсулот.
13. Коррексия.
14. Тафтиши санҷишӣ.
15. Коркарди рекламавии таррҳои маҳсулот.
16. Ороиши тарҳҳои эҷодӣ.
17. Худбаҳодиҳӣ

Дӯхтани пешдоман:

Пешдоманро аз матои пахтагини гулдор медӯзем. Барои ороишаш қисми поёнии пешдоманро ба 5-кунҷа монанд карда, қисми болиашро ба боло васеъшуда мебурем. Барои боз ҳам зебо намудан ба пешдоман апликатсияро мечаспонем, гирди пешдоманро бо тисмаи ороишӣ ороиш медиҳем.

www.komron.info

Аз рӯи нақшаи асосӣ аз картон ё қоғази ғафс қолабро месозем, ки он аз 5 чузъ иборат мебошад: қисми поёнӣ ва болии пешдоман, тасма, гарданбанд ва кисса. Дар вақти дӯхтани пешдоман чунин масолеҳ истифода бурда мешавад.

Ҷадвали 16

Намуди масолеҳи матоъ Матоъҳои пахтагини, заҒирин гулдор, бегул ё
матоҳои абрешимӣ (атлас, шоҳӣ ва ғайра) Масолеҳ барои апликатсия
(лахтакпора) Масолеҳи Ороишӣ Ресмонҳои кашидадӯзӣ
Ресмон Тасма Пашмин Сатин, чит заҒир абрешим пахтагин Матоъ
Пешдоман аз матои пахтагин буда, қисмҳои пешдоман, қисми болӣ-ба боло васеъшуда, қисми поён- кунҷшакл (панҷкунҷа), миёнбанд ва гарданбанд.

Кори амалии №31 Андозагирии пешдомани ороишӣ (кунҷшакл)
1. Нимченаки сандуқи сина (Нчс) - 36
2. Нимченаки миён (Нчм) - 30
3. Нимченаки ром (Нчр) - 40
4. Дарозии сина томиён - 16
5. Васегии синаи қисми боло - 11
6. Васегии синаи қисми поён - 8
7.Дарозии либос – 60 см
Нақшаи пешдоман бо фасони кунҷшакл
Харитаи дастури (ҳисоби формулаи пешдоман)
№ Аломати
шартӣ
Номи буриш, хатҳо ва нуқтаҳо ҳисобкунӣ
1 СД Аз нуқтаи С хати ростро кашида нуқтаи Д-ро ҳосил мекунем
2 МД Барои ёфтани дарозии қисми поён аз ченаки дарозии миён то зонуро тарк
Мекунем 45-10=35
3 Хати уфуқиро мегузаронем Хатҳоро мепайвандем
4 ММ1=ДД1 ММ1=СС1

Барои ёфтани хати миён нимченаки ромро ба 2 тақсим карда ба 6 ҷамъ
мекунем ин васегии қисми поёнии пешдоман
Нчр:2+6
40:20+6=26
5 С1Д1 Хати амудиро гузаронида нуқтаҳоро мепайвандем
6 СМ Муаян кардани дарозии назди сина ки ба дарозии аз хати сина то хати миён
баробар аст
7 СС2=ММ2 Муайян кардани васегии бари қисми
болои пешдоман (назди сина)
8 С2М2 Пайвасти васеии хатҳои нуқтаҳои С2
ва М2-ро мепайвандем пайвастхатҳо
9 ММ3 Васегии пешдомани назди синаро ҷудо

мекунем дар хати миён
10 С2, М3 Бо хати рост мепайвандем С2 ва М3 Пайвасти хатҳо
11 ММ4 Ҷудо кардани аз хати миён, васегии нави қисми поёни пешдоман, нимченаки ромро ба 2 тақсим мекунем Нчр:2 40:2=20
12 Д1Д2 Кунҷи поёнро аз тарафи паҳлӯтӣ пешдоман боло мебарорем
13 М4 Д2 Д Хатҳои нуқтаи М4 Д2 ва ДД2-ро мепайвандем
14 МК Сохтани кисса масофаи аз хати миён то кисса нуқтаи К-ро мегузорем
15 КК1 Аз нуқтаи К хати уфуқӣ мегузорем 7
16 К1К2, К1К3 К3К4, К4К2

Туҳфа ба модаркалон (Болиштча)

Ба наздикӣ рӯзи таваллуди модаркалонам. Ман бояд ба ӯ тӯҳфаи махсусро интихоб карда, ба зодрӯзаш тақдим кунам. Мо дар дарсҳои технология дӯхтан ва амсилаи маснуотҳо омӯхта истодаем. Дар хонаи мо модаркалонам ҳамроҳи моён зиндагӣ мекунад ва дар лаҳзаи дамгирӣ дар диван дам мегирад. Дар хонаи модаркалонам мебел
вуҷуд дорад, бинобар ин ман ба дивани модаркалонам болиштча дӯхта, тӯҳфа намудан мехоҳам.

2. Муайян намудани масъалаҳои ҳалталаби пайдошуда ва талабот ба он.
Ман бояд роҳе ёбам, ки тӯҳфаро бо дастони худа созам, зеро дӯхтанро омӯхта истодаам. Дар давоми сол ман дӯхтани пешдоман, остинча ва дастпӯшак ва кашидадӯзиро омӯхтам. Ба ҳамин асос ман дар назди худ мақсад гузоштам, ки болиштчаи диванро дӯзам.
3. Нишондоди ошкор кардани андозаҳои асосӣ ва маҳдудият
Акнун бояд донист, ки болиштчаҳои интихобкарда чӣ гуна бошад:
а) Болиштчаи диван бояд зебо ва талаботи мӯди ҳозира мувофиқ бошад.
б) Тароҳии болиштчаи диван ба модели интихобкарда мувофиқ бошад.
в) Болиштчаи диван набояд ҷои калонро гирад ва он ғайриоддӣ бошад.
г) Норасоиҳое, ки дар вақти дӯхтан ба вуҷуд меоянд, сари вақт бартараф
кардан лозим аст.
д) Болиштчаи диван бояд бо усуле дӯхта шавад, ки онро дар ҳар кучо
истифода бурдан мумкин бошад. Масалан дар вақти дамгирӣ, барои меҳмон,
барои хоб ва ғайра истифода шавад.
е) Болиштчаи диван бояд бо арзиши паст, босифат ва зебо бошад.
4. Муайян намудани анъанаҳо, урфу одат ва таърихи он.
Модаркалонам ба ман пешниҳод намуданд, ки болиштчаи диван бо услуби хуб дӯхта шавад. Ман намедонистам, ки услуб (стил) чист ва он чӣ гуна бояд бошад. Ба китобхона рафтам ва ба ман китоберо доир ба таърихи мӯд ва ҷиьозу либос доданд, ки он шавқовар буд.
Болиштчаи диван аввалин бор дар мамлакатҳои Осиё дар давраи қадим пайдо шудааст. Дар интерери хонаи туркҳо ягон хел таҷҳизот ва ҷиҳози мебел дида намешуд. Онҳо дар рӯи фарш, қолину палос ва болиштчаҳои гуногуншаклро истифода мебурданд.

Болиштчаҳои болои диванро «Миндер» меноманд. Дар Лубно, дар он хонаҳои махсуси қабули меҳмон асосан диван мавҷуд буд, ки дар он болиштчаҳои ҳамворро бо рӯйкашҳои зебою ороста истифода мебурданд.
Аммо ин болиштчаҳои диванро дар Руссия «думка» ё «думочка» меноманд. Ин хел болиштчаҳоро тоҷикон ҳам аз қадимул айём аз ба шакли дарозрӯя истифода мебурданд, ки онро «лӯлаболишт» меноманд.
Ҳоло болиштчаҳои гуногуншаклро монанди росткунҷа, чоркунҷа, дарозрӯя, секунҷа, ҳамворшакл ва шаклҳои гуногун истифода мебаранд. Барои дӯхтани болишт бояд ягон услуб (стил) интихоб кунам ва мафҳуми услубро донам.

Калимаи «стиль» (Stylos) услуб ба мо аз Юнони қадим омадааст. Маъноиш чӯбчаи нӯгаш тез барои мактубҳои бо мум маҳкам карда. Дар замони ҳозира услуб гуфта хислати хос ва кирдору рафтори муаллифи мактуб, мебошад хусусиятҳои асарҳои бадеӣ, рассомӣ (нақоширо) меҷӯянд.
Услуб (стил)-ро дар мебел ҷиҳози хона, бино, либос ва дар мӯдҳо дидан мумкин. Дар либос се услуб нишон дода шудааст.
Бо услуби бисёр хуб (стили классикӣ, варзишӣ, романтикӣ).

1. Ба услуби классикӣ мумтоз (стили классикӣ) базеб пӯшидан, кам кашида гирифтан, мусодира кардан дохил мешавад. Дар тӯли асрҳо ин услуб дигар нашуда, он чизе, ки алҳол дар мӯд нест, боқӣ мондааст.
2. Услуби варзишӣ на фақат барои дарсҳои варзишӣ буда, буриши озоди барои ҳаракат, корҳои гуногун ва дамгирӣ, мувофиқ аст.
3. Услуби романтикӣ ин бо тахйюл, ҷустуҷӯ ва ёддошту, хотира вобаста аст. Дар ин ҷо истифодабарии унсурҳои таърихии маснуот ва либоси миллӣ ва фолклорӣ дохил мешавад. Ҳамаи номгӯи услубҳо метавонанд дар як либос ё маснуоти интихобкарда дарк шуда бошад.
Аз ин лиҳоз маснуоти интихобкардаи ман ба услуби романтикӣ бисёртар мансуб мебошад.

5. Тартиб додани нақша мулоҳизакунӣ (фикркунӣ)
6. Коркарди ғоявӣ (идея) вариантҳо
Интихоби намуна гуногунанд. Болиштчаҳои диван, дӯхта мешаванд: аз матои мӯинаи сунъӣ бо гулдӯзӣ, кашидадӯзӣ, тасма канабҳои ороишшуда, бо ороиши атлас, ласҳои гуногун, шоҳиҳои ғафси якранг, бахмал, духоба, матоҳои пахтагӣ, заҒирии гулдор, дар намуди бозичаҳо, шакли меваҷот, ҳайвонот ва ғайра, шакли бофиш (бо сих ё чангак) ба дохилаш пахта ё паралон мегузаронанд аз лахтак пораҳои матои гуногун ва ғайра. Аз якчанд намунаҳо мо бояд яктоашро интихоб намоем:
Расми 61. Намунаҳои болишчаҳои диванӣ
1). болишчаи диванӣ ба шакли гулдӯзи ва ороиши
2). болишчаи дивани аз матоҳои гуногун ба шакли геометри

Масъалаҳои ҳалталаб

ва талабот
Арзиши аслӣ Мӯд
Болиштчаи стил
диван
Тарроҳӣ ва
амсиласозӣ
Муҳофизати
меҳнат
Модел
Технологияи
коркард
Таҷҳизот
Матоъ
Асбоб ва воситаҳои
ёрирасон
3). болишчаи диванӣ дар намуди бозичаҳо ва меваҳо (себ)
4). Болишчаи диванӣ аз лахтакпора

Намунаи №1. Болиштчаи диван бо гулдӯзӣ, тасма ва канаб.

Болиштчаҳо аз матоъҳои ғафси якранг ё матои гуногун (ҳархела) ранг, ки онҳо дар якҷоягӣ тобиши (гаммаи) рангҳоро медиҳанд сохта мешаванд. Барои дӯхтан аз расмҳои дар қолаб ё бо чангак бофта мешавад истифода мебаранд, бо тасма канаб тайёр карда, ороиш медиҳад ё бо роҳи гулдӯзи.
Намунаи №2. Болиштчаҳо аз матоъҳои гуногун ва шакли гуногун Бо роҳи драпировка (намӣ, буғӣ) гузаронида дӯхта мешавад. Аз матоъ ба шакли муддавар росткунҷа, чоркунҷа қолаб месозанд ва ба онҳо нақшҳоро медӯзанд. Ришта ба табъи (оддӣ, зардӯзӣ ва ғайра) шахс вобаста аст.
Аз матоъе, қолаб месозанд, ки қисми болоӣ ва дохилӣ ё қисми поёнии болиштчаро аз он матоъ ё рангаш фарқ мекунад. Қолаб ба қисми ҷузъҳои он мувофиқат намояд. Ҳалли рангини онро бо ҳархел роҳ ҳал кардан мумкин.
Дар як ранг бо омӯхтани нақши дигар рангҳо. Болиштчаҳои атласи зебо дорад, ки ба фони диван зебанда мебошанд.
Намунаи №3. Болиштчаҳо дар намуди бозичаҳо Болиштчаҳои кати бачагона, ё дивани дар меҳмонхона буда дар шакли лӯхтак, писарча ё духтарча, ҳайвоншакл, мева ё сабзавот ороиш дода мешаванд. Болиштчаҳоро бо он фарқ мекунанд, ки ҳар кас по, дастак, шилшила шоха, барг ва дигар, ҷузъҳои онро ба табъи худ мувофиқ намуда
ин қисмҳои гуногунро ҳамроҳ мекунанд.

Намунаи №4. Болиштчаҳо аз лахтакпора
Барои тайёр кардани ин хел болиштчаҳо матоъҳои боқимондаи дар хона бударо истифода баред. Шаклҳои гуногуни буриши матоъҳои ҳархела, ки ҷузъҳои маснуотро ташкил мекунанд медӯзанд. Ин тарзи дӯхтан бо номи қуроқдқзӣ машҳур шудааст. Ин шакли қуроқдӯзӣ аз авлод ба авлод мегузаш.

Техникаи куроқдўзӣ ин аст, ки маснуоти тайёркарда аз бисёр пораҳои майдаи матоъ, ки шарти асосии он бомуваффақият дўхтан ва ороиши зебо мебошад, ки дар ин ҳолат шакли геометрӣ аҳамият додан лозим. Раванди тайёр кардани болиштча аз мо дониш, маҳорат ва малакаи зиёдеро талаб мекунад.
Бо ҳамин тариқ роҳ ичрои дўзишро ба шакл ва интихоби матоъ бо табъи худ интихоб менамоям.

7. Таьлили идея ва интихоби варианти беҳтарин лоиҳа. Аз якчанд намунаҳои болиштчаи диван якеашро интихоб намуда, ба модаркалонам нишон додам, ки расми намунаи №3 шакли меваҳо-себ маъқул шуд.
8. Интихоби матоъ ва асбобу воситаҳои ёрирасон, таҷьизот А Интихоби матоъ. Ҷадвали Матоъҳои гуногун барои дўхтани болиштча мавҷуданд.
Ман бо модаркалонам матои вилюрро интихоб намуда, лахтакҳои дар хона бударо интихоб намудем. Барои он ки вилюр, ҳам арзон ва ҳам маблағи на он қадар қиматро дорад.
Б Интихоби асбобу таҷҳизот ва воситаҳои ёрирасон 1. Мошинаи дарздўзӣ
2. Тахтаи дарзмолкунанда, дарзмол, обпошак
3. Сўзани дасти №3, сўзанақ, қайчӣ, ангушпона, қуттии корӣ
Пахтагин
ЗаҒирин Абрешим Матоъи
сунъӣ
Матоъ барои
болиштчаи
диван

4. Ресмонҳои пахтагин № 50 барои корҳои мошинагӣ, ресмони № 60 барои корҳои дастӣ.
5. Тасмаи ченакгирӣ, ҷадвал, бўри дўзандагӣ, метр чўбини 1 метра.
6. Китоб, дафтари корӣ, варақаи албом, қоғаз барои сохтани қолаб,
маводҳои иловагӣ, журналҳо, интерери хонаҳо ва ғайра.
9. Ичроиши пайдарҳамии маснуот

Барои тайёр кардани болиштчаи диван бо матои сунъӣ ва ё синтетикиро, ки гулҳояш бо шакли геометрӣ дошта бошад ё якранг пеш аз буридани матоъи астариро пахтагин ё абрешимин сунъии якранг ватин ё мачалка, ки онро шуста дарзмол кардан лозим аст, ки он кашиш нахўрад, барои баъд аз буридан аз рўи қолаб тағирот пайдо нашавад, бо табъи худ мувофиқ мегирем.
Барои тайёр кардани болиштча андозаи онро муайян мекунем ки тахминан аз 45 х 45 каме зиёд ё камтар бошад. Қолаб ба ҷусса болиштчаи дўхта истода мувофиқ бошад. Аз рўи модели интихобкарда асоси нақшаро мекашем қолиби маснуотро тайёр мекунем ва онро бурида қолаб тайёр мекунем.
Матоъҳои лозимӣ - матоъи сунъӣ 50 см барои абра 50 см. барои астар.
Матоъи астари арзонтар бояд ва якранг бошаду бо ё ба ранги асоси абра мувофиқ бударо интихоб мекунем. Матоъи лозими интихоб кардаи ман вилюр мебошад дарози 50 см.

буда барии он 1м. 40см. ташкил медиҳад. Мо метавонем ду қисми маторо аз рангҳои гуногун интихоб намоем.

Нақшаи технологии №13
Тайёр кардани болиштчаи диванӣ
№ Паиҳамии иҷрои кор
1 Интихоби расм
2 Ҷобаҷогузории гузоштани қолаб ба матоъ бо иловагӣ ба ҳаҚи чок маҳкам кардани он бо сўзанак.
3 Буридани маснуот аз рўи қолаби тайёр
4 Технологияи ба ҳам пайвасти ҷузъҳо бо кўкҳои дастӣ қисми пеш, ақиб ва коркарди барги он
5 Коркарди ҷузъи қисмҳои барг ба пайвастани он ба асос бо дарзҳои мошинагӣ бо гузоштани пахта ва маводи иловагӣ дар дохили он.
6 Коркарди намию гармӣ, дарзмол кардани маснуот
7 Пайвасти чузъҳо бо дарзи мошинагӣ бо гузоштани ҳаққи ҷои ангала аз тарафи ақиби маснуот ё ба қисми паҳлўгӣ ё ба қисми поён
8 Пайвасти ангала (замок) ба қисми ақиби маснуот, қисми интихоби дасти ва баъд бо дарзи мошинагӣ.
9 Коркарди намию гармии маснуот
10 Гузоштан ба маснуот маводи дохили пахта ё ватин ба дохили болиштча
11 Худсанҷиши
1) дурустии интихоби матоъ
2) ба сифати чок назар кардан
3) дуруст омадани шакли болиштча баъд аз гузоштани маводи дохилӣ
4) Санҷидани коркарди намию гармӣ
Расми 62. Технологияи коркарди болишчаи диванӣ
1. ҷобаҷогузории қолаб ва матоъ
а). гузоштани қолаби шакли себ
б). гузоштани қолаби барқ
в). маснуоти буридашуда
2. Коркарди ҷузҳои буридашуда
3. Пайвасти ҷузъҳо ва пайвасти ангала (замок ба қисми)
10. Асосноккунии маснуот
Ҳисоби иқтисодӣ. Нархи болиштчаи диванро ки аз духоба, шоҳӣ, чит ё вилюр дўхта шудааст. Бо чунин тарз ҳисоб мекунем: Матоъ нархи 1 метр
137
вилюр -4 сомонӣ барои маснуот 50 см кифоя аст он гоҳ нархи матоъ 2 сомонӣ мешавад.
Нархи пахта 1 сомониву 80 дирам ба мо 1 кг лозим S2 =1 х 1,80=

www.komron.info

1- сомониву 80 дирам
Як дона ғалтак 0,50 дирам – 100м ресмони сарфшуда 50 метр нархаш 0,25 дирам. S3 =-0,25 дирам 1 дона ангала нархаш 1 сомон S4 = 1 сомон
S=S1+S2+S3+S4=2 сомони + 1,80+0,25 д + 1с = 5 сомониву 0,5 дирам.
Аз сабаби он ки мошинҳои дарздўзии дастиро истифода мебарем сарфи ҷараёни барқро ҳисоб намекунем.
№
б/т
Номгўи маводҳои
истифодабаранда
Нарх бо
(сомони)
Сарфи матоъ
барои маснуот
Харҷи маснуот
бо (сом)
1 Матоъ вилюр 1м – 4 сомони
бараш
1м.40см
50 см 2 сомонӣ
2 Пахта 1с 80 дирам 1 кг 1,80 дирам
3 Ғалтак 50 дирам 50 м 0,25 дирам
4 Ангала 1 сомон 1 д 1 сомон
Ҳамагӣ 5 сомони 0,5 д
11. Назорат ба сифат
Муҳокима дар дарс доир ба сифати маснуот маълумот дода буд, ки тарзи асоснок намудан, намуди санҷиш ва ба маснуот баҳо додан ба сифати болиштчаи дўхта норасоӣ ва камбудиро нишон додан.
12. Тайёр намудани маснуот
Технологияи коркарди болиштчаро ичро мекунем, бо рафти паиҳамии кор аз рўи харитаи технологӣ бо назардошти қоидаҳои техникаи бехатарӣ кор бо асбобҳои дўзандагӣ.
Расми 63. болишчаи дивании тайёршуда
13. Ислоҳ намудан (Коррексия)
Лоиҳаи тайёркардаро бо намунаи интихобкарда муқоиса намуда норасоиҳоро ислоҳ менамоем.
138
14. Санҷиш-озмоиш
Коркарди охирини болиштчаро ичро менамоем. Маснуоти дўхтаро ба модаркалонам тўҳфа намудам. Барои дўхтани маснуот модаркалонам миннатдорӣ баён намуданд.
15. Коркарди таблиғоти тароҳии маснуот
Агар дар оянда дўзанда шавам он гоҳ ба газета бо чунин мазмун эълон медиҳам. Дўхтани болиштча барои диван, бо сифат, зуд, ва арзон покизаву бо

намунаи ҳозиразамон.
16. Ороиши тарҳҳои эҷодӣ
Ба талаботи ороишии тароҳҳи эҷодц ошно гардида, онро иҷро мекунем. Гирди болиштчаро бо тасма, лента ё дигар намуд метавонем ороиш диҳем интихоби.
17. Худбаҳодиҳӣ
Ба кори худ чунин баҳогузорӣ мекунем.
Шартҳои иҷрошударо таҳлил намуда, ба худ баҳогузорӣ менамоем. Месаҷем, ки оё тарҳи эҷодиро бо пуррагӣ иҷро намудаам ва аз кори худ қонеъ ҳастам ё дигаргунӣ даровардан лозим аст. Ба ҳамаи ин саволҳо ҷавоб гирифта, қаноатманд мешавам.
Эзоҳ: Шумо метавонед дигар намунаи болиштчаро интихоб намуда дӯзед. Матоъҳои духоба ё сунъӣ истифода баред ба ҷои пахта, ватин ё дигар масолеҳро гузоред дар хонаатон бударо истифода баред ба назардошт, он ки шакли дӯхтаи модели интихоб кардаи шумо гум нашавад. Ба ҷои ангола метавонед тугма шинонед.
? Саволу супориш
1. Лоиҳаи эҷоди чист?
2. Дар вақти иҷроиши лоиҳаи эҷоди кадом пайдарҳамиро риоя намудед?
3. Мувофиқи хоҳиши худатон лоиҳаи эҷодии дилхоҳатонро иҷро намоед?
139
Боби 9
Нигоҳубин ва таъмири либос.
§32. Таъмири либос
Сари вақт таъмир кардан ва нигоҳубини истифодаи либос муддати либосро дароз мекунад. Инсон нисбат ба либоси дарида бо либоси ботартиб зебо менамояд.
Барои истифодаи дурударозии либос онро эҳтиёт ва нигоҳубини нағз бояд кард. Барои ин сари вақт таъмири тугма, чангак, ангала, чокҳои кандашуда, дарбеҳ намудани ҷои дарида ва сӯрохшуда ва ғайра зарур аст.
Ҷои сӯрохӣ ё ҷои беҳад калон дарида агар дарбеҳ карда нашавад, ба рӯи маснуоти дарида ва сӯрохишуда матои дарбеҳӣ гузошта мешавад. дарбеҳро аз рӯи ҷои дарида, инчунин аз таги он низ гузошта дӯхтан мукин аст.

Тугмаҳо ва таъмири он.

Тугмаҳоро одатан ба матои дуқабата, баъзан ба як қабати он (масалан палтои беастар) медӯзанд. Дар мавриди охирин аз тарафи чаппаи барии либос як порча матоъ ё тугмаи қутраш майда мешинонанд.

Умуман тугмаҳоро чунон мешинонанд, ки он аз канори маснуот баромада меистад. Тугмаро бо ресмони ҳамранги матоъ медӯзанд.
Азбаски ангуларо аз мобайни бар (ё пушт) ба масофаи муайян (0,2-0,3 см) ишора мекунанд, тугмаҳоро аз рӯи хати мобайни бар (ё пушт) дӯхтан лозим аст.

Тугмаҳои барҷастаи бесӯрох (ҳалқадор)-ро ба либос ҷафс медӯзанд. ҳангоми дӯхтани тугмаи сӯрохаш дутарафи ресмонро сахт кашида намедӯзанд, чунки байни ресмон ва тугма боз ресмон ва тугма боз печонидан лозим меояд. Дар акси ҳол агар тугмаро ба маснуот зич дӯзанд гузаронидан мушкил шуда, маснуот ғиҷим мешавад. Матоъ ҳар қадар ғафс бошад, ресмони тугмаро ҳамаонқадар суст монда медӯзанд.

Барои дӯхтани тугмаи барҷастаи қафояш халқадор аз матои ҳамон маснуот тасмача бурида, аз сӯрохи тугма медӯзанд. Барои дӯхтани тугмаи барҷастаи қафояш ҳалқадор аз матои ҳамон маснуот тасмача бурида, аз сӯрохи тугма мегузаронанд ва худи ҳамон тасмачаро ба либос медӯзанд. Барои ба либоси мӯина дӯхтани тугма (барои он, ки мӯякҳои он дар вақти дӯхтан халал нарасонанд), қоғази тунук монда, сипас тугмаро медӯзанд ва баъд қоғазро даронида мепартоянд. Агар либосҳоятон ҷои дарзаш канда шавад маснуоти таъмирталабро аз назар мегузаронем ба он маснуот мувофиқ ресмонро интихоб намуда бо гиреҳҳои дастӣ онро дӯхта баъд аз санҷидан ва назорате, ки дарзҳо силиқ, ҳамвор аст баъд дар мошинаи дарздӯзӣ бо дарзи мошинагӣ бо ресмони ҳамранги матоъ маснуотро мувофиқ намуда медӯзем бинобар ин пеш аз он ки ҷои тугмаро таъмир намоед ҳамаи маснуоти либосро аз назар гузаронед, ки дарзҳои либосҳоятон канда шуда набошад.

Таъмир ва шинондани тугма

Тугмаҳоро на танҳо барои гузаронидани либос, балки барои ороиш ҳам истифода мебаранд.
Тугмаҳо якчанд намуд доранд. Тугмаҳое, ки ду ё чор сӯрохӣ доранд. Онҳоро ба либос ё маснуот дӯхта мешаванд, ки тарзи дӯхти онҳо ҳам гуногун мебошанд, ки дар пояш аз ришта баландӣ ва ба ғафсии матоъ мувофиқ бошанд.
Тугмаҳое ки чор сӯрохӣ доранд, бо се ё панҷ ҳалқаи кӯк, ки ба ҳар як ҷуфти сӯрохӣ медӯзанд. Тугмаҳое ки поячаҳо доранд, зарурати бо пояча дӯхтан надоранд.
Одатан тугмаҳоро мувофиқи раги матоъ интихоб мекунанд. Барои тугмаҳоро ороиш кардан дар маснуот тугмаҳои металлӣ, ки рӯи онро бо ҳал оро дода шудааст истифода мебаранд.

Расми 64. Таъмир ва тарзи шинонидани тугмаи 4-суроха.
а) паиҳамии пайвасти тугма ба матои тунук
б) паиҳамии пайвасти тугма ба матои ғафс

Тугмаҳо бо мошинаи махсус дар либос дӯхта мешаванд, лекин онҳоро бо кӯки дастӣ низ часпондан мумкин аст.
Барои гузаронидан ва зиннатдиҳӣ тугмаҳо дар пояи баландиаш 2-8 мм вобаста ба ғафси канора дӯхта мешаванд. Тугмаҳо барои зиннатдиҳи

зич дӯхта мешаванд. Риштаҳо (10-40) бояд дӯхта бошад. Интихоби матоъ ва тугмаро ба назар мегиранд. Вақте ки тугма дорои ду сӯрохӣ ё гӯшак бошад, онро бо 5-6 кӯк маҳкам мекунанд, ки теъдоди кӯки печон 4-5 торро ташкил медиҳад.
Дар вақти тугмаи чорсӯрохидорро дӯхтан онро бо 3-4 кӯки мувозӣ дар хар ҷуфти сӯрохӣ маҳкам менамоянд.
Қирсаки фулузиро низ баъзан ба ҷои тугма дар либос истифода мебаранд.
Қирсаки фулузӣ бо 3-5 кӯки мустаҳкамкунанда дӯхта мешавад, дар
ҳар сӯрохӣ бо 3-4 кӯк маҳкам карда мешавад. Масолеҳи дӯзандагӣ, тугмаҳои гуногуншаклу андоза, чангак, қирсакҳои гуногун, ҷузъҳои зиннатдихандаи фулузӣ, чармӣ, бахмалӣ ва пласмассаҳо, ки барои либоси занона истифода бурда мешаванд, ғайр аз вазифаи асосӣ, инчунин хусусияти ороиширо ичро мекунад. Барои маҳкам кардани тугмаҳо чангакҳои фулузӣ, қирсакҳо, дар баробари риштаҳои пахтагин дигар риштаҳоро истифода бурдан мумкин аст, риштаҳои нахи омехтаи №40 истифода бурда шаванд.

Дӯхтани тугмаи чорсӯроха ба матои тунук
1.Ресмонро маҳкам намуда сӯзанро аз сӯрохии тугма гузаронед
2.Сӯзанро аз сӯрохии дуюм гузаронед ба тарафи чапаи матоъ
3.Аз тарафи чапаи матоъ сӯзанро аз сӯрохии сеюми тугма гузаронед.
4.Аз сӯрохии чорум ба тарафи чапаи матоъ ва ин амалро якчанд маротиба такрор кунед ва аз тарафи чапаи матоъ ресмонро тугун намоед

Мустаҳкам намудани ресмон
1.Сӯзанро ба тарафи чапи матоъ гузаронед ба таги кӯк ресмонро ду се маротиба дар нӯги сӯзан печонед
2.Ресмонро кашола кунед
3.Боз як бор сӯзанро аз таги кӯк гузаронед. Ресмонро гузаронед ва онро буред
Дӯхтани тугма дар матоҳои ғафс
1.Барои тугмаи чорсӯроха тори гӯгирдро гузоред. Тугмаро монанди тугмаи дар матоҳои тунук дӯзед
2.Пеш аз ресмон тугун намудан тори гӯгирдро гиред. Сузанро аз тарафи чапа ба тиаги тугма бароред
3.Ресмонро якчанд маротиба гирдогирд дар таги тугма печонед то даме “пояча” ҳосил шудан.
4.Сӯзан ба тарафи чапа матоъ гузаронед. Ресмонро тугун намоед.
Нақшаи технолгии №14
Тарзи дӯхтани тугма
Таҷҳизот ва асбобу олот: қуттии кории асбобу анҷом матоъ ё маснуоти дилхоҳ, ресмон, қайчӣ, тугмаҳои гуногун ду ё чор сӯроха, поячадор.
№ Тартиби ичрои кор
1 Муайян намудани ҷои дӯхти тугмаҳо
2 Ресмонро мустаҳкам намоед. Сӯзанро аз сӯрохии поячаи тугма гузаронед

www.komron.info

3 Сӯзанро ба тарафи чапаи маснуот ё дохил намоед ё гузаронед
4 Аз тарафи чапаи матоъ сӯзанро ба тарафи ростаи матоъ, аз дохили сӯрохии поячаи тугма гузаронед
5 Ин амалиётро 5-7 маротиба такрор намоед
Расми 65. Таъмир ва шинодани тугмаи поячадор
а) муайян кардани ҷои тугма
б) паиҳамии дӯхти тугма
в) тугун кардани ресмон аз тарафи чапи матоъ

Инро дар хотир доред
Мавқеи ангалаҳо ва тугмаҳоро ба мавқеи хатҳои қафаси сина, камар ва ронҳо алоқаманд мекунанд.
Нақшаи ёрирасони хатҳо, ки дар нусха нишон дода шудааст ба муқаррар кардани шакл ва таносуби ҷусса, инчунин муайян кардани дарозии либос ёри мерасонад. Дарозии либосро умуман бо назардошти мавқеи хати зонуҳо аниқ мегардонанд. Зимни ин ҳатман сатҳи хати камари чуссаро ба ҳисоб мегиранд.

Савол ва супориш:
1.Кадом тарзи дӯхти тугмаро медонед?
2.Фарқи дӯхти тугмаи чорсӯроха дар матоҳои гуногунро гуфта диҳед?
3.Намунаи тугмаи дилхохро гирифта онро шарҳдода дар пораи суф дӯхта, дар албоматон часпонед
Боби 10

Гигиенаи духтарон

§34. Тарзи шустани мӯй ва молидани ӯсма.

Нигоҳубинӣ ва гигиенаи инсон. Пӯст мустаҳкаму чандир буда, вобаста ба синну сол, ҳолати организм ва таъсири шароити беруна тағйир меёбад, бинобар ин нигоҳубини он (тозакунии гигиенаи бадан, тағзия ва муҳофизат) кори ҳар як шахс мебошад.
Барои шустушӯи бадан собунҳои мушкин (хушбӯй), сахт моеъ ва хока истифода бурда мешавад.
Собуни мушкина сахт 74-78 фоиз кислотаҳои хаднок (аз равғани гов норҷил, саломас) моддаҳои хушбӯи ва рангкунанда доранд. Баъзе собунҳои мушкин хосияти шифобахши ва дезинфексияви дорад. Барои шустушӯи бадан аз собунҳои «Детское», «Малиш»,

«Чебурашка» ва собунҳои хушбӯи ҳозиразамон собунҳои ҳозиразамон “Оқiflamӯ - Soap”, “Dovӯ”, “Kamӯу”, “Экзотика” “лугавые травы ” – гелҳо барои шустушӯи бадан “тысячилетник”, “яблока ”, “крабива” ва ғайра истифода баред.
Обутоби организм, маҷмӯи тадбирҳост, ки барои обутоб додани организм ва ба шароити номусоиди обу ҳаво. Иқлим устувор гардонадани он равона карда шудааст.
Организмро асосан тавассути ҳаво, об нури офтоб обутоб медиҳанд ва агар ба ин омилҳо машқҳои ҷисмонӣ илова шаванд, обутобёбии торафт самарабахштар мегардад. Омили асосии обутоби бадан об буда дар ин бобат нисбат ба ҳаво муфидтар аст. Об нисбат ба ҳаво 28 мароитиба зиёдтар гармӣ мегузарад. Дар хона барои обутоб додани организм ба бадан об рехтан бо латаи тар пок кардани он ва оббозӣ дар душ, дар ванна ва ғайра.
Барои шустушӯи бадан якчанд ваннаҳои махсус (ваннаи буғи, ваннаҳои шифоӣ, ваннаҳои қиёми дарахти сӯзанбарг, ваннаҳои перманганати калий, ваннаи хардалобаро, ваннаҳои оҳару сода ва ғайра) истифодамебаранд.

Дар вақти шустушӯи бадан собунҳои махсус, гельҳоро истифода мебаранд. Барои нигоҳдории организми аз ҷиҳати санитарию гигиени бояд шустушӯи ҳар рӯз бояд иҷро кард

Шустани мӯй

Барои шустани мӯй онро нағзакак тар кунед, оҳиста бо оби равон душ ё бо асбобе, ки барои махсус мӯй шустан тайёр кардед. ҳозир бисёр шанпунҳои бачагона мавҷуд аст. ҳар яки он бо таркиби худ ҳархела мебошанд, бо табъи худ онҳоро ба пӯсти маҳини сар аҳамияти калон дорад, пӯст ва мӯйро муҳофизат мекунад. Дар вақти шустан чашмро пӯшед, аммо ба чашм дарояд зиён намекунад, ба гайр аз шампунҳои бачагона бисёр навъи ҳозиразамон “Какос”, “Крарива”, “Береза”, “Каштан”, “Ромашка” ва ғайра.
Шампунро камтар ба кафи даст гиред аввал ба болои сар ва баъд ба ақиби он ва қисми дигарашро ба кафи дигар гирифта ба чакаи рост ва чап молед бо ин роҳ шампунро баробар тақсим кунед ва ба ҳамаи мӯй пурра месобед. Вақти шустан мӯйро тоза шӯед шампун боқи намонад мӯйро камтар сиқонда обашро равонед. Мӯйро хуш кардан лозим аввало сарро бо сачоқ печонед ва камтар истед тахминан 10 дақиқа. Инро ба хотир доред ҳеҷ гоҳ мӯйро тар шона накунед дар ин ҳолат он беқувват мешавад, бинобар мӯй бисёртар мерезад ва дар ҳолати хушк шона кардан осон.
Мӯйро ҳеҷгоҳ дар назди газ, асбобҳои гармкунанда ё ягон нуқтаи манъбаи алов дар офтоб хушк накунед. Бо фен хушк накунед ки ба шумоён зара меоварад. Мӯйҳоро дар ҳавои мӯътадили хона бояд хушк кард.
Шона бояд тез набошад шумораи дандонҳояш наздик набошад. Шона доим тоза бошад, онро дар ду-се рӯз бо махсус шӯткача (ё бо шӯткаи дандоншӯяки кӯҳна) бо собун шӯед.
Шона аз они худатон бошад ба ҳеҷ кас надиҳед,сабаб он ки касалҳои мӯй ки аз як шона ба дигар кас мегузарад. Дар пӯсти сар касали ушкуфа (грибковий) мавҷуд, аз онҳо обила пайдо мешавад тез шамол мекашад,сабусак пайдо мешавад. Аз ушкуфа ҳар ҷои мӯй рехта ҷои ба мӯй пайдо мешавад. Агар дугонатон шонаи шуморо пусад надиҳед аммо ҳамаи хафи касалшавии сарро гӯед то он кас хафа намешавад.

Мӯйҳо се ҳел мешаванд.
а) нормаш (миёнахел) б) равғаннок в) хушк
1.Мӯи нормали доим зебои намуди дароз нағз ороиш (пречоска) мешавад.
2.Мӯи равғанок баъди ду-се рӯз боз намудашро гум карда равған- нок мешавад.
3.Мӯи хушк тез нӯгаш шукуфта борик мешавад.

Маслиҳати муфит барои мустаҳкам кардани мӯй.

Барои ин ба кастрюл як литр об андохта то ҷӯш мебарем,се қошуқчаи таомхӯри решаи дарахта булутро (ки он дар дорухона мефурӯшад) онро 15 дақиқа меҷӯшонанд баъд ба хунук шудан мегузорем онро аз се қабат дока мегузорем бо ҳамин оби ширагарм бе собун, бе шампун сарро мешӯем.
Дар ин вақт ягон калонсол ҳамроҳатон бошанд ё ки ин ҳамин хел амали корро аз испан (исириқ) ичро кардан мумкин.
Мӯйҳои равғанокро бо кефир, ҷурғот молидан бо сачоқ печонда 20- 30 дақиқа истода ба махсус шампун барои мӯйҳои равғани шӯед Агар мӯй хушк бошад бо оби мулоим шӯед, агар чунин тайёр мекунанд. Оби оддиро ҷӯшонда баъд хунук кунед ва бо он шӯед, аммо ҳамроҳи шумо калонсолон наздатон бошанд.
Худи одам шампунро тайёр карда метавонад барои ин тухми зардии хомро гирифта (аммо сафедашро истифода намебаред.) онро бо махсуси латкунанда лат дода ба он як қошуқи чои равғани офтобпараст ҳамроҳ карда ба решаи мӯй собед. Баъд бо сачоқ печондан ва 2 соат нигоҳ доред.
Баъд бо оби ширагарм (миёнаҳол) бо шампуни барои мӯи хушк шӯед.

Савол ва супориш
1. Кадом намуди собунҳоро медонед номбар кунед
2. Чанд намуди мӯйро медонед?
3. Аз кадом шампун ва собунҳо шумо дар хона истифода мебаред номбар кунед

Тарзи молидани ӯсма

Ӯсма (васма) гиёҳест, ки занону духтарон баргҳои онро фишурда оби сабзашро ба абрӯвон ва пӯсти худ мемоланд. Баландии ӯсма то 25-100 см расида, поя ва ьаргҳояш ранги сабзи ниглун дорад.
Соли дуюм аз охирҳои моҳи апрел то июл гул мекунад, ранги гулаш зард аст. Ӯсма (васма) дар Осиёи Миёна ва Паси Қафкоз маълум буда, тухми онро асосан дар махалҳои обёришаванда мекоранд.
Дар давраи пеш одамони бой ва дарбориён барои асбоби ӯсмагирак махсус асбоберо ба косибон мефармуданд, ки онро аз чинӣ, нуқра, мис, тилло месохтанд.
Одамони оддӣ ӯсмаобкунакҳоро аз чӯб васафол месохтанд. Асбоби ӯсмаобкунакро аз танаи чӯби дарахтон ба шакли мудаввар, чоркунҷава ғайра бурида, дохили онро ковок намуда, ӯсма об мекарданд. Барои молидани ӯсма ба абрӯ (қош) ва парҳои устухонҳои

моҳӣ истифода мебаранд. Барои шаклим қошро (изи қошро) ҳамвор ва зебо кардан.

Технологияи молидани ӯсма

Асбоби анҷом: ӯсма, пахта, ӯсмаобкунак ё пиёла, оина, чӯбчаи нӯгаш тез ё дуг барои пахтапечони молидани ӯсма ва сачоқ.

Ӯсмаро аввал шуста қоидаҳои санитарию гигиениро риоя намуда, камтар офтоб медиҳанд. Баъд асбоби ӯсмаобкунакро истифода мебаранд: дар махсус пиёла ё асбоби махсус ӯсмаро об мекарданд. Мақсади тар кардани даст дар вақти ӯсма молидан ин кабудиаш дар даст намонад. Барои молидан ӯсма аз тори гӯгирд, чӯбчаҳои борик дугҳо ки як нӯгаш бо пахта камтар печидагӣ ва нӯги дигарашро тез намуда, барои из кардани қош истифода мебаранд.
Дар вақти молидани ӯсма ба қош чӯбчаи ӯсмадорро канда-канда паи ҳам мемоланд.
Баъди молидани ӯсма аз кучи қош фақат усмамолакро ба ӯсма тар карда, об медавонанд.
Баъди 2-3 бор обдавон байни фосила 5-8 дақиқа дар ҳолати намӣ ӯсмаро мешӯем, бо об оҳиста ва бо сачоқ сахт пок намекунанд, то ки сиёҳӣ ва кабудии ӯсма молида зиёдтар истад. Баъд асбобҳои истифодашударо аз қабили ӯсмаобкунак, изи қошро ҳамворкунандаро нағз шуста ба ҷои муайян ба дохили салафан нигоҳ доред. Мо дар вақти молидани ӯсма ин асбобро накобед.

Расми 67. Тарзи молидани ӯсма
а) тарзи об кардани ўсма
б) тарзи молидани ўсма ва қош

Хислатҳои шифобахши ӯсма:
Ин растаниро об карда ва палақ кӯфта ба сар гузошта банданд ё бимоланд, барои дарди сари бодӣ ва балғам, яъне барои дарди саре, ки аз ҷамъ шудани бод ва балғам пайдо мегардад, дору мешавад.
Инчунин байза ном дарди сареро, ки тамоми сарро фаро мегирад ва муттасик мебошад ба шифо меоварад.
Ӯсмаро сӯхта, дудашро ба тамом бикашанд ё кӯфтаи онро бимоланд зукомро дафъ мекунад ва мӯи сарро мустаҳкам мекунад. Оби баргаш беҳтарин чизест, ки барои ранг кардани мӯй ва сиёҳ шудан васабзонидани абрӯ (қош) мебошад.

Оё шумо медонед
Панҷ ҳазор сол пеш оинаи рӯй медидагӣ маълум буд. Дар ихтирои оина санг, метал, тилло, бронза, биринҷӣ, шишаҳои кӯҳи хрустали кӯҳи ва ғ. истфода бурда мешуд. Дар асри ҲІІІ якумин оинаи мукаммалшуда дар Венесия пайдо шуд, ки қасрҳои боёнро зеб медоданд, ки он дар он вақт беҳад қимат буд. Дар Россия заводҳои оинабарорӣ дар давраи Петри І сохтан ва оинаро васеъ истифода мебурданд.

Оинаро дар архитектура, дар рӯзғор, дар техника микроскоп, ороишгарҳои мӯй ва либос ва ғайра истифода мебаранд

www.komron.info

Савол ва супориш:
1.Барои чӣ ӯсмаро истифода мебаранд ва аҳамияти он дар чист?
2.Барои молидани ӯсма синну солро ба эътибор мегиранд ё не сабабаш дар чист?
3.Пеш аз ба мактаб омаданатон ҳаррӯз камтар ӯсмаро гирифта, об карда ба қошатон молед, қонатон нағз месабзад.

Адабиётҳо.

1. «Энсиклопедияи мухтасари рӯзғордорӣ» Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Совети Тоҷик Душанбе 1988г.
2.Е.А.Добрицская, Н.М Волчек «Современная энсиклопедия для девочек». -Совремменый литератор 1999г.
3. «Настольная книга для девочек». Под редакцией доктора педагогических наук, профессор Калашникова Г.Н.
Издательство Эксмо 2004г
4.Лидия Орлова – «Азбука моды». -Москва «Просвещение» 1989г.
5.А.Януш «Мы шьём сами» - Гизлегпром 1963г.
6.Рачабалиева, К.Обидова «Меҳнат» Душанбе Ирфон 1990г.
7.Вазорати маорифи Ҷумҳирии Тоҷикистон. Пажӯҳишгоҳи илмҳои Педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Барномаи касбу ҳунар» Барои синфҳои 5-11 ш.Душанбе матбуот -2003г.
8.В.Ходжиев. «Фирменные блюда и напитки
Таджикистана». Душанбе ирфон 1988г.__